Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЮНИСЕФ
барои ҳар як кӯдак



АРЗЁБИИ ВАЗЪИ БАРНОМАИ РЕШАКАН НАМУДАНИ ИНТИҚОЛИ СИРОЯТ АЗ МОДАР БА КЎДАК (РИСМК) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАҲИЯИ ГУЗОРИШ ОИД БА САНҶИШИ ПЕШАКИИ МУТОБИҚАТ (ВАЛИДАТСИЯ)

Ноябри с.2025

Вазорати тандурустӣ
ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ЮНИСЕФ
барои ҳар як кӯдак

АРЗЁБИИ ВАЗЪИ БАРНОМАИ РЕШАКАН НАМУДАНИ ИНТИҚОЛИ СИРОЯТ АЗ МОДАР БА КӮДАК (РИСМК) ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ТАҲИЯИ ГУЗОРИШ ОИД БА САНҶИШИ ПЕШАКИИ МУТОБИҚАТ (ВАЛИДАТСИЯ)

Гузориш аз ҷониби мушовири байналмилалӣ омода карда шудааст:
профессор Юстина Д. Ковальска, роҳбари шӯъбаи бемориҳои сироятӣ
воҳиди тадқиқоти мушоҳидавӣ
Донишгоҳи тиббии Варшава, Польша

Ноябри с.2025

Ихтисорот:

АГ СММ	Агентии Созмони Милали Муттаҳид оид ба гурезаҳо
АШОМ	Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ
БПНМ	Бемории пайдошудаи норасоии масуният
БРСММ	Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид БРСММ
РВ	Реаксияи Вассерман
ВГА	Вирус гепатита А
ВГВ	Вируси гепатити В
ВГС	Вирус гепатита С
ВЗП	Вокуниши занҷиравии полимеразӣ
ВНМО	Вируси норасоии масунияти одам
ВТҲИА	Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ГАМ	Мониторинги ҷаҳонии бемории пайдошудаи норасоии масуният
ГВАК	Кумитаи машваратии ҷаҳонӣ вобаста ба санҷиши мутобиқат
ДНК	Туршуи дезоксирибонуклеат
ЗДВ	Зидовудин
ИММТ	Истифодабарандагони маводи мухаддири тазриқӣ
ИСМК	Интиқоли сироят аз модар ба кӯдак
ИФА	Таҳлилҳои иммуносорбентии ферментӣ
КАН	Кӯмаки антеналӣ
КАТС	Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ
ММСР	Маркази миллии солимии репродуктивӣ
МҶ ВНМО	Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО
МҶ ОИТ	Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ
МҶИ	Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика
МҶК БПУТ	Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул
НВП	Невирапин
ПИСМК	Пешгирии интиқоли сироят аз модар ба кӯдак
ППТ	Пешгирӣ пас аз тамос
РИСМК	Решакании интиқоли сироят аз модар ба кӯдак
САҶГ	Сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда
СТТН	Санҷиши тақвияти туршиҳои нуклеинӣ
СХХ	Санҷиши доғи хушкшудаи хун
СҶ	Созмони ҷамъиятӣ
ТБН	Ташхиси барвақтии навзод
ТТД	Таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ
ТЗР	Табобати зиддиретровирусӣ
ТКБН	Таҳқиқоти кластерии бисёрнишондод

ТЛД	Тенофовир дизопроксил + ламивудин + долутегравир
ТУТ	Ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ
ЮНИСЕФ	Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид
ЮНФПА	Хазинаи нуфуси Созмони Милали Муттаҳид
ЮНЭЙДС	Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид оид ба ВНМО
ШВЗ	Шахсони бо ВНМО зиндагикунанда
HBsAg	Антигени HBs
HepB3	Реҷаи се-воягии ваксинаи гепатит
HepBD	Вояи ваксинаи гепатит ҳангоми таваллуд

Мундариҷа

Изҳори сипос 7
Ҳадафи гузориш 7
Соҳаи арзёбӣ 8
Хулоса 9
Равишҳои арзёбӣ 12
Боздид аз кишвар 13
Ҷалби ҷомеа 14
Назорат, ҳамкорӣ ва иштирок 14
Муқаддима 16
Тандурустӣ 17
Кӯмаки антеналӣ 20
Сабти ҳомиладорӣ ва таваллуд 22
Ҳолати санадҳои меъёрии амалкунанда, арзёбиҳои дохилӣ ва дастурҳо 25
Арзёбии лабораторӣ 26
ВНМО 29
Эпидемиология 29
Ташхиси ВНМО 32
Ташхиси барвақти навзодон 38
Кӯмаки тиббӣ ба шахсони бо ВНМО зиндагикунанда ва протоколҳои клиникӣ 41
Шарҳи ҳолатҳои инфиродӣ 43
Оташак 46
Эпидемиология 46
Арзёбии ҳолатҳои инфиродӣ 47
Гепатити В 48
Эпидемиология 48
Ваксинатсия ва дигар барномаҳои пешгирӣ аз гепатити В 52
Ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои раванд ва таъсир ва таҳлили ҳолатҳо барои Тоҷикистон 55
Дастрасии маълумот ва арзёбии сифати он 57
Адолати гендерӣ 58
Ҳуқуқи инсон ва арзёбии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ 60
Доғи нанг ва табъиз 63
Хулосаи ҷиҳатҳои қавӣ ва камбудиҳо 67
Тавсияҳо 69
Қадамҳои минбаъда 73

Рӯйхати замимаҳо: 74
Расмҳо 74
Ҷадвалҳо 75
Аксҳо 76
Истинодҳо 76

Изҳори сипос

Ба мутахассисони зерин барои роҳнамоӣ ва дастгириашон дар дастрас намудани санадҳои зарурӣ ва муайян намудани чорчӯби боздид аз кишвар изҳори сипос менамоям:

- Амирзода А.А. (муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сардухтури давлатии санитарии Ҷумҳурии Тоҷикистон).
- Сафархон Сатторов (Директор, Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО).
- Алиҷон Солиев (Муовини директор, Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО).
- Фахриддин Низомов, мутахассиси минтақавӣ вобаста ба ВНМО/Саломатии модар ва навзод, Дафтари минтақавии ЮНИСЕФ дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ.
- Мавҷигул Азизуллоева (Мутахассиси соҳаи тандурустӣ, дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон).
- Азиза Ҳамидова (директор, дафтари ЮНЭЙДС дар Тоҷикистон).
- Тахмина Ҳайдарова (Директори иҷроия, Шабакаи тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО).
- Каримов Фозил (директор, Маркази ВНМО ш.Турсунзода).
- Чориев Холикул (табиби сироятшинос, Маркази ВНМО ш.Турсунзода).
- Одинамаҳмадзода Қурбон (директор, Маркази ВНМО вилояти Хатлон).
- Шарипов Фурқат (директор, Маркази ВНМО ш.Ваҳдат).

Ҳадафи гузориш

- Гузарондани арзёбӣ доир ба омодагии кишвар барои санҷиши мутобиқат (валидатсия) дар решакании интиқоли сироятҳои ВНМО, гепатити В ва оташак аз модар ба кӯдак.
- Шинос намудани ҷонибҳои манфиатдори миллӣ бо талабот ва методологияи пешниҳоди маълумоти босифат, ки барои раванди санҷиши мутобиқат заруранд, инчунин таъмини омӯзиши дахлдор.
- Дастгирии ҷонибҳои миллии манфиатдор ва шарикон дар таҳияи нақшаи амал бо муайян намудани муҳлатҳо.
- Дастгирии кишвар дар самти беҳтар намудани кӯмак ва пешгирии ВНМО, гепатити В ва оташак барои занони ҳомила ва занони синни репродуктивӣ.

Соҳаи арзёбӣ

- Самаранокии чораҳои феълӣ, ки ба пешгирии интиқоли сироятои ВНМО, гепатит ва оташак аз модар ба кӯдак (ИСМК ВНМО, гепатит ва оташак) равона шудаанд, аз ҷумла таъмин намудани табобат/пешгирии се беморӣ барои занони ҳомила ва навзодон.
- Ҳамгироии хизматрасониҳои антенаталӣ дар доираи низоми кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ (КАТС) ва муайян намудани монеаҳо дар роҳи решакании ИСМК ВНМО, гепатит ва оташак.
- Таҳлили маълумот доир ба санҷиши (тест) ВНМО, гепатит ва оташак, фарогирии табобат ва натиҷаҳои занони ҳомила ва кӯдакон бо мақсади муайян намудани таъсири барнома.
- Муайян намудани камбудиҳо ва мушкилот дар барномаҳои ҷорӣ (ВНМО, оташак ва ВГВ) ва пешниҳоди тавсияҳои бар далелҳо асосёфта барои беҳбудӣ.
- Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла кормандони соҳаи тандурустӣ, сиёсатгузорон ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ, барои ҷамъоварии андешаҳо ва таъмин намудани арзёбии ҳамаҷониба.

Хулоса

Тоҷикистон яке аз кишварҳои дорои сатҳи рушди иқтисоди миёнаи нисбатан паст минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад, ки аҳолиаш 10,5 миллион нафарро ташкил медиҳад, ки аз онҳо тақрибан 40% кӯдакон мебошанд. Дар солҳои 1990-уми асри гузашта, низом зери таъсири ноустувории сиёсӣ қарор гирифт, ки ба норасоии ҷиддии захираҳо оварда расонд ва дар натиҷа барномаи хизматрасониҳои тиббии ройгон дар соли 2003 қатъ гардид. То имрӯз, манбаи асосии маблағгузории соҳаи тандурустӣ пардохтҳои мустақими беморон аз ҳисоби худ мебошад. Бо мақсади ҳалли норасоии маблағгузорӣ, расмӣ намудани пардохтҳо ва тақвияти бахши тандурустии давлатӣ, соли 2014 пардохтҳои ҳамсаҳмӣ ё ҳаққи истифода ҳамзамон бо бастаи асосии имтиёзҳо ҷорӣ карда шуданд. Занони ҳомилае, ки дар низоми кӯмаки тиббӣ сабти ном шудаанд, ба баъзе хизматрасониҳо, аз ҷумла боздидҳои антенаталӣ ва таваллуд дар беморхона, ҳуқуқ доранд.

Тибқи “Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадор аст то соли 2030 суғуртаи умумии тиббиро барои аҳолӣ таъмин намояд. Қадами аввал - тақвияти низоми КАТС мебошад. Бо вуҷуди ин, дастрасӣ ба хизматрасониҳои давлатии тиббӣ ҳанӯз ҳам нокофӣ буда, тақсимоти маблағгузорӣ номуайян боқӣ мемонад. Миқдори фавт аз сабаби бемориҳои ишемикии дил дар занон нисбат ба мардон бештар сабт мешавад, ки ин аз нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ шаҳодат медиҳад. Сатҳи фавти навзодон ва нуқсонҳои модарзодӣ хеле баланд аст. Аворизи марбут ба таваллуди бармаҳал 16,2% ҳолатҳои маргро ташкил медиҳанд.

Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаҳои соҳаи тандурустӣ дар Тоҷикистон бо дастгирии шарикони байналмилалӣ, аз қабили БРСММ, АГ СММ, ТУТ, ЮНИСЕФ, СММ-Занон, ЮНФПА, GIZ, ЮСАИД ва дигарон мунтазам беҳтар мегарданд. Тибқи маълумоти таҳқиқоти тиббӣ-демографӣ (ТТД) соли 2023, 81% занон кӯмаки антенаталӣ (83,5% то 12 ҳафтаи ҳомиладорӣ) гирифтаанд, 95% таваллудҳо дар муассисаҳои тиббӣ сурат гирифта, 98% тавассути мутахассисони соҳибихтисос анҷом дода шудаанд. Шумораи таваллудҳо дар хона аз 22% (ТТД с. 2012) то 5% (ТТД с. 2023) коҳиш ёфт. Барои такмил додани низоми сабти таваллуд чораҳои ҷиддӣ андешида шуданд, ки ба ворид намудани кӯдакон ба низоми хизматрасониҳои тиббӣ мусоидат намуд. Ҳамчунин, дар кишвар раванди рақамикунонии соҳаи тандурустӣ оғоз шудааст.

Шумораи шахсони гирифтори ВНМО, ки то охири соли 2024 сабт шудаанд, 12 480 нафарро ташкил медиҳад (тақрибан 15 213 нафар), ки аз онҳо 36,8% занон мебошанд. Дар даҳ соли охир ҳамасола афзоиши 6%–7% ҳолатҳои нави ВНМО дар байни занон сабт мешавад. Дар панҷ соли охир ҳиссаи кӯдакон дар байни ҳамаи ҳолатҳои нави сироят аз 11,4% то 14,0% тағйир ёфта, дар тақрибан нисфи ҳолатҳо интиқоли сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак (ИСМК ВНМО) тасдиқ шудааст.

Дар самти мониторинг ва кӯмак дар ҳолати гирифтор шудан ба ВНМО нақши асосӣ аз тарафи Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО (МҶ ВНМО) таъмин мегардад, ки аз ҷониби ВТҲИА ваколатдор шудааст. Хизматрасониҳои лабораторӣ барои ташхиси ВНМО таҳти назорати мутамарказ қарор доранд ва санҷиши занони ҳомила, ташхиси барвақтии навзодон (ТБН) ва мониторинги табобати ВНМО-ро дар бар мегиранд. Озмоишгоҳи МҶ ВНМО озмоишгоҳи истинодӣ буда, дорои механизмҳои мувофиқ вобаста ба таъмини кафолати сифат мебошад.

Протоколҳои клиникии ташхис ва назорати ВНМО ва кӯмак ба беморони гирифтори он аз ҷониби гурӯҳҳои кории таъйиншудаи мутахассисон таҳия шуда, бар тавсияҳои ТУТ ва дигар созмонҳои байналмилалӣ асос меёбанд. Навсозии охирин соли 2022 анҷом дода шудааст. Зиёда аз 90% беморони гирифтори ВНМО (11 268 нафар то охири соли 2024) табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) мегиранд, ки аксарияташон аз таркиби собити дорувории (ТЛД) аз тарафи ТУТ тавсияшуда истифода мебаранд. Аксари кӯдакон шаклҳои педиатрии долутегравирро мегиранд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин маҳмулаи (партия) ТЛД-ро барои 1 068 бемор бо истифода аз маблағҳои давлатӣ тавассути низоми БРСММ харидорӣ намуд. Ҳамзамон, раванди ғайримарказикунонии расонидани кӯмак ба шахсони гирифтори ВНМО идома дорад: то аввали моҳи октябри соли 2025 аллакай 2 310 бемор зери назорати муассисаҳои маҳаллии тиббӣ қарор доранд. Ин нишон медиҳад, ки банақшагирии дарозмуддат дар таъмини кӯмак ба шахсони гирифтори ВНМО дар кишвар роҳандозӣ шудааст.

Аз соли 2011 инҷониб дар кишвар стратегия доир ба скрининги ҳамагонии ВНМО барои ҳамаи занони ҳомила амал мекунад, ки тибқи он занон ду маротиба дар давраи ҳомиладорӣ аз санҷиш мегузаранд. Чаҳорчӯбаи (схема) феълии ташхис дар Тоҷикистон ба ошкорсозии барвақтии ВНМО дар давраи ҳомиладорӣ равона шудааст ва ин чаҳорчӯба он замон самаранок хоҳад буд, агар занон ба дарёфти кӯмаки антенаталӣ (то 12 ҳафта) барвақт сабт шаванд. Барои заноне, ки сабт нашудаанд, инчунин барои занони дорои натиҷаи манфӣ аз ВНМО, ки шарики / ҳамсари ВНМО-мусбат доранд, ин стратегия метавонад самаранок набошад. Самараноктарин роҳ дар ин маврид санҷиши шарикон / ҳамсарон мебошад, ки дар мавриди кунунӣ ба таври кофӣ тарғиб намегардад ва ройгон намебошад.

Тоҷикистон тавсияҳои ТУТ-ро мутобиқ намуда, аз ташхисҳои оҷилӣ (фаврӣ) барои ВНМО, аз ҷумла барои ташхиси занони ҳомила, истифода мебарад. Маводҳои ташхисӣ танҳо барои ташхиси дуюм дар давраи ҳомиладорӣ ба таври мутамарказ (марказонидашуда) харидорӣ мешаванд, дар ҳоле ки ташхиси аввал ба хариди мақомоти маҳаллӣ вобаста мебошад. Ин ҳолат низоми ташхиси ВНМО-ро зери хатар мегузорад, зеро аксари озмоишгоҳҳои ташхисӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла озмоишгоҳҳои беморхонаҳо, дар ихтиёри бахши хусусӣ қарор дошта, танҳо хизматрасониҳои пулакиро пешниҳод менамоянд.

Аз ин рӯ, тавсияи аввалин ва муҳимтарин - таъмини ташхиси ройгон барои ВНМО, оташак ва гепатити В дар тамоми давраи ҳомиладорӣ дар шакли як санҷиши умумӣ мебошад (се дар як), ки ба таври мутамарказ харидорӣ ва тақсим карда мешавад. Ин равиш инчунин ба рушди “модели ба расонидани кӯмак ба занон нигаронидашуда” мусоидат намуда, аз пароканда шудани хизматрасониҳои ташхисӣ пешгирӣ мекунад.

Дар Тоҷикистон то ба имрӯз арзёбии беруна дар мавриди решакании ИСМК ВНМО, гепатити В ва оташак гузаронида нашудааст. Бо вуҷуди ин, соли 2023 ТУТ арзёбии фарогири барномаи ВНМО-ро анҷом дод ва як қатор тавсияҳо пешниҳод намуд, ки соҳаи ИСМК-ро низ дар бар гирифтанд. Равиши бемормевҳар (ба бемор нигаронидашуда) ва пешниҳоди хизматрасониҳои ҳамгиро ба таври ҷиддӣ тавсия дода шуданд; илова бар ин решакании сегонаи ИСМК ҳамчун афзалият барои татбиқи ҳамгироии хизматрасониҳо баррасӣ шуд.

Таҳлили маълумоти пешниҳодшуда доир ба ҳолатҳои алоҳидаи интиқоли ВНМО (“модар ва кӯдак” ҳамчун як ҷуфт) нишон медиҳад, ки зиёда аз нисфи модарон ташхис шуда, табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР)-ро оғоз кардаанд, вале баъдан аз назорат ва кӯмаки тиббӣ дур шудаанд. Дар ҳолатҳои боқимонда ВНМО ё дар давраи ҳомиладорӣ ё

ҳангоми таваллуд ташхис шудааст. Пайвастагӣ бо низоми расонидани кӯмак ва зери назорат нигоҳ доштани беморон ба омилҳои иҷтимоию равонӣ, аз қабили камбизоатӣ, саводнокии пасти тиббӣ ва доғгузорӣ (стигма), сахт вобаста мебошад. Зарурати ҳамгиро намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва дастгирии "ҳамто ба ҳамто" бо фаъолиятҳои марказҳои ВНМО, ҳамчунин кӯмаки махсуси равонӣ, ҳамчун роҳҳалли эҳтимолии дарозмуддат ҳангоми пурсишҳои ахир дар чорчӯби мониторинги ҷамъиятӣ, ки бо дастгирии Дафтари кишвории ЮНЭЙДС гузаронида шудаанд, муайян гардидааст.

Ташхиси гепатити В ва оташак дар давраи ҳомиладорӣ танҳо бо пардохти мустақим аз ҳисоби шахсии беморон анҷом дода мешавад. Ин боиси он мегардад, ки эътимоднокии маълумоти ба таври мутамарказ ҷамъоваришаванда, инчунин имкониятҳои назорати эпидемиологӣ ва мониторинг коста мешаванд. Барои таҳияи стратегияи муносиби пешгирӣ ва гузаронидани арзёбии кишвар роҳбарии қавӣ бо тақсимоти возеҳи масъулиятҳо зарур аст. Ин масъала махсусан дар робита ба гепатити В муҳим мебошад, зеро ҳар сол дар Тоҷикистон зиёда аз 1 000 зани ҳомила бо HBsAg (+) таваллуд мекунанд. Ҳатто чунин маълумоти нопурра зарурати фаврии ҷорӣ намудани чораҳоро барои пешгирии ҳам интиқоли амудӣ ва ҳам уфуқии ВГВ дар утоқ ва шӯъбаҳои таваллуд асоснок менамояд.

Қисме аз ин арзёбӣ ба ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои раванд ва таъсир барои кишвар барои солҳои 2021, 2022, 2023 ва 2024 бахшида шуд; илова бар ин, барои таҳлили пойгоҳи додаҳои ВНМО вақти зиёд дар ҳамкорӣ бо кормандони МҶ ВНМО сарф гардид. Гарчанд нишондиҳандаҳои ИСМК ВНМО ва фарогирии табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) дар занони ҳомила, ки гирифтораи ВНМО ҳастанд, ба нишондиҳандаҳои ҳадафии санҷиши мутобиқат (валидатсия) наздик боқӣ мемонанд, фарогирии санҷиши ВНМО дар қатори занони ҳомила ҳанӯз барои гузаштан аз ҳадди >95% нокофӣ мебошад. Нишондиҳандаҳои вобаста ба гепатити В ва оташак бинобар набудани маълумоти боэътимод ва пайваста эҷодшаванда ҳанӯз арзёбӣ карда намешаванд. Номуайянӣ нисбат ба шумораи занони ҳомила, ки ҳадди ақал як маротиба боздиди КАН доштаанд ва аз ҷониби корманди соҳибихтисоси соҳаи тибб хизматрасонӣ гирифтаанд, камбудии асосӣ мебошад. Ин рақам - махраҷи ҳисоб барои муайян намудани сатҳҳои санҷиш дар давраи ҳомиладорӣ буда, бинобар ин барои ҳар гуна арзёбӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Раванди ҷорӣ намудани тандурустии рақамӣ ва рақамикунонии сабти ҳомиладорӣ, ҳамзамон бо пешниҳоди рақами ягонаи сабти марказӣ барои ҳар як шаҳрванд дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият бо истифодаи акс, эҳтимолан ба рафъи ин камбудӣ таъсир мерасонад. Ин раванд, дар навбати худ, саъю кӯшиши доимии ҳукумат ва дастгирии созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили БРСММ, АГ СММ ва ЮНФПА-ро тақозо мекунад.

Гарчанд Тоҷикистон то ба имрӯз ба Кумитаи машваратии глобалӣ доир ба санҷиши мутобиқат (ГВАК) барои гузаронидани арзёбӣ дархост пешниҳод накардааст, дарки умумӣ дар бораи зарурати ин қадам, инчунин иродаи сиёсӣ барои оғози омодагӣ ба ин раванд вуҷуд дорад. Ин кор таҳлили тарзи татбиқи протоколҳои хаттии тасдиқшударо дар амалияи клиникӣ бо мақсади таҳияи нақшаи амал ва муайян кардани нишондиҳандаҳои самарабахшӣ барои имкон додани мониторинги сохтории пешрафт талаб мекунад. Ин раванд бояд бо таъсиси роҳҳои иртибот ва механизмҳои мубодилаи маълумот ҳам дар сатҳи байнисоҳавӣ (дар дохили сохторҳои давлатӣ) ва ҳам байни муассисаҳо оғоз шавад.

Равишҳои арзёбӣ

Арзёбӣ мувофиқи "Роҳнамои ТУТ доир ба меъёр ва равандҳои санҷиши мутобиқат дар решакан кардани интиқоли ВНМО, оташак ва вируси гепатити В аз модар ба кӯдак" (Guidance on Criteria and Processes for Validation Elimination of Mother-to-Child Transmission of HIV, Syphilis and Hepatitis B Virus, с. 2021) гузаронида шуд. Барои он ки гузориш тамоми маълумоти заруриро барои омода кардани кишвар барои ирсоли дархост вобаста ба санҷиши мутобиқати (валидатсия) РИСМК дар бар гирад, ҳуҷҷатҳое, ки дар сомонаи ТУТ нашр шудаанд (Роҳнамои ҷаҳонии ТУТ доир ба меъёр ва равандҳои санҷиши мутобиқат дар решакан кардани интиқоли ВНМО, оташак ва вируси гепатити В аз модар ба кӯдак) ҳамчун қолаб (шаблон) истифода карда шудаанд.

- Нишондиҳандаҳо вобаста ба таъсир ва раванд мувофиқи таърифҳо ва методологияи дар **Замимаи онлайнии А** зикршуда, бо истифода аз маълумоти низоми миллии мониторинг ва арзёбӣ (**Ҷадвали 17, Замимаи 3**) ҳисоб карда мешаванд. Барои ҳар як параметри мавҷуда маълумоти муфассал дар бораи манбаи маълумот дархост карда мешавад. Барои арзёбии сифатӣ, ҳолатҳои инфиродии интиқоли сироят аз модар ба кӯдак (ИСМК) мувофиқи **Замимаи онлайнии I** баррасӣ ва таҳлил карда мешаванд.
- Арзёбии низоми лабораторӣ ҳам дар шаклҳои сифатӣ ва ҳам миқдорӣ гузаронида мешавад ва мувофиқи қолаби дар **Замимаи онлайнии Е** пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад. Дар ҳолати беҳтарин, он бояд ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад: намудҳои санҷишҳое, ки барои ташхиси ВНМО, оташак ва вируси гепатити В (ВГВ) истифода мешаванд; ҷадвали санҷиши модарон ҳангоми кӯмаки антенаталӣ (КАН) (ва пас аз таваллуд, агар лозим бошад); ва санҷиши навзодон пас аз таваллуд. Барномаи арзёбии берунаи сифат, инчунин ҳама гуна фаъолиятҳои иловагӣ марбут ба назорати дохиликишварии сифати лабораторӣ ва санҷиши салоҳияти кормандон, аз ҷумла санҷиши фаврӣ (экспресс-тест) дар нуқтаи расонидани кӯмаки тиббӣ, баррасӣ карда мешаванд.
- Арзёбии ҳуқуқи инсон, гендер ва иштироки ҷомеа мувофиқи дастури дар **Замимаи онлайнии Н** пешниҳодшуда гузаронида мешавад. Санадҳои ҳуқуқӣ-меъёрӣ, фармонҳо ва дастурҳои дахлдор баррасӣ гардида, тавсияҳо ҳамчун замима дар гузориши мазкур дохил карда шудаанд.

Санҷиши мутобиқат дар **сатҳи миллӣ** тавассути мукотибаи почтаи электронӣ, инчунин вохӯриҳои онлайн ва рӯ ба рӯ бо намояндагони ВТҲИА, МҶ ВНМО ва дигар мақомоти миллӣ, ки масъули мониторинг, ҷамъоварии маълумот, пешгирӣ ва таҳияи протоколҳои клиникӣ барои идоракунии ВНМО, гепатит ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (САҶГ) мебошанд, гузаронида шуд. Ҳама гуна муошират ибтидоӣ аз ҷониби дафтари кишвари ЮНИСЕФ ва баъдан аз ҷониби коршиноси байналмилалӣ бо тарзи фаъол ва ҳамоҳангшуда бо ҳамкории зич бо МҶ ВНМО роҳандозӣ карда шуд.

Расми 1. *Сатҳҳои арзёбӣ ва дархостҳо барои дарёфти маълумот*



Санҷиши мутобиқат дар **сатҳи зермиллӣ** вохӯриҳои рӯ ба рӯ бо мутахассисони соҳаи тибб, кормандони озмоишгоҳ (лаборатория) ва намояндагони маъмурияти марказҳои минтақавии табобати ВНМО/БПНМ, инчунин дигар ниҳодҳои соҳавӣ, ба монанди клиникаҳои дерматовенерологӣ ва марказҳои минтақавии кӯмаки антенаталӣ (статсионарӣ ва амбулаторӣ), ки дар сатҳи минтақавӣ ёрии тиббӣ мерасонанд, дар бар гирифт.

Санҷиши мутобиқат дар **сатҳи хизматрасонӣ** боздидҳо ба марказҳои сатҳи шаҳриро дар бар гирифт, ки ба аҳолӣ, занон ва шахсони гирифтори ВНМО хизмат мерасонанд. Илова бар ин, вохӯриҳо бо кормандони муассисаҳои тиббӣ, ки равиши ғайримарказонидашударо дар расонидани хизматрасониҳо истифода мебаранд, диспансерҳои дермо-зуҳравӣ (венерологӣ) , хадамоти маҳаллии иҷтимоӣ ва марказҳои машваратӣ ва санҷиши ихтиёрӣ, ба нақша гирифта шуда буданд. Бо созмонҳои калидии ҷамъиятӣ (СҶ), ки манфиатҳои одамони гирифтори ВНМО-ро намояндагӣ мекунанд, мулоқотҳои онлайнӣ ва рӯ ба рӯ баргузор шуданд.

Боздид аз кишвар

Боздид аз кишвар аз 14 то 21 сентябри соли 2025 сурат гирифт (нақшаи муфассали боздид дар **Замимаи 4** оварда шудааст).

Дар давоми боздид чор вохӯрӣ бо корҳои амалӣ бо пойгоҳҳои додаҳо баргузор гардид. Дар тӯли 10 рӯз тақрибан 25 муассиса дар чор шаҳр: ш. Душанбе (10 марказ), ш. Турсунзода (5 марказ), ш. Бохтар (4 марказ) ва ш. Ваҳдат (6 марказ) боздид карда шуданд. Ғайр аз ин, вохӯриҳои рӯ ба рӯ бо кормандони Дафтари кишварии ЮНИСЕФ ва намояндагони ЮНЭЙДС баргузор шуданд.

Ҷалби ҷомеа

Бо намояндагони чор созмони ҷамъиятӣ, ки хизматрасониҳоро ба шахсони гирифтори ВНМО пешниҳод мекунанд, вохӯрии рӯ ба рӯ бо мусоҳибаҳои амиқ ташкил карда шуд:

- Шабакаи тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО
- СПИН Плюс
- Фаъолчӣ ва мушовир (Гулова Фариштамоҳ ва Комилова Амина)

Созмонҳои дар боло зикршуда ба шахсони гирифтори ВНМО хизматрасониҳоро пешниҳод мекунанд. Барои таъмини фарогирӣ ва муҳити бароҳат барои иштирокчиёни мусоҳиба, вохӯрӣ рӯзи шанбе дар МҶ ВНМО баргузор шуд, ки ин барои иштирокчиён ҷиҳати пайдо кардани вақти кофӣ имкон дод. Фазои мулоқот дилгармкунанда ва фикру мулоҳизаҳо самимӣ буданд (баёни андешаҳо бидуни зикри ном анҷом дода шуданд).

Як вохӯрӣ дар ш. Ваҳдат дар клиникаи метадон ва як дар созмони ҷамъиятӣ, ки ба шахсони гирифтори бемории нашъамандӣ дастгирӣ пешниҳод мекунанд, баргузор гардид. Мушовир дар ҷаласае иштирок кард, ки ба муаррифии натиҷаҳои ниҳоии лоиҳаи "Беҳтар намудани хизматрасонии тиббӣ тавассути мониторинги ҷамъиятӣ", ки аз ҷониби созмони маҳаллии ҷамъиятӣ "Шабакаи тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО" бо дастгирии ЮНЭЙДС амалӣ карда шуд, бахшида шуда буд. Намояндагони ҷонибҳои асосии манфиатдор, аз ҷумла ВТҲИА, дар ҷаласа ширкат варзиданд.

Назорат, ҳамкорӣ ва иштирок

Дар тӯли давраи арзёбӣ, мушовир таҳти роҳбари мустақими мудири бахш ва мутахассиси соҳаи тандурустии ва ғизои Дафтари кишвории ЮНИСЕФ кор кард. Мушовир бо гурӯҳи кории миллӣ, МҶ ВНМО ва ВТҲИА дар робитаи зич қарор гирифт.

Ду вохӯрӣ бо аъзоёни гурӯҳи корӣ баргузор гардид: яке пас аз интишори гузориши ибтидоӣ (пеш аз боздид аз кишвар) ва дуюм дар рӯзи ниҳоии боздид аз кишвар барои муаррифии натиҷаҳои ибтидоӣ ва муҳокимаи онҳо пеш аз ниҳоӣ кардани гузориш.

Дар тӯли давраи арзёбӣ, муошират мунтазам барои пешниҳоди фикру мулоҳизаҳо ва муҳокимаи марҳилаҳои арзёбӣ ва натиҷаҳои интизоршаванда тавассути зангҳои WhatsApp, почтаи электронӣ, вохӯриҳои онлайн ва чатҳо анҷом дода шуд.

Ҳамкории зич бо ҷонибҳои манфиатдори зерин қарор гирифт:

- Дафтари ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон, бахши тандурустӣ ва ғизо.
- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ВТҲИА).
- Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО (МҶ ВНМО).
- Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ ба модарону кӯдакон ва танзими оилаи ВТҲИА.
- Маркази миллии солимии репродуктивӣ.

- Референс-озмоишгоҳи МҶ ВНМО.
- Ниҳод ва марказҳои клиникии дахлдори миллӣ (масалан, дерматовенерология, иммунопрофилактика, тибби оилавӣ, акушерӣ).
- Созмонҳои ҷамъиятӣ ва намояндагони беморон.
- Ниҳодҳои дахлдор марбут ба идоракунии маълумот (дар мавриди зарурӣ).

Ҳамаи корҳо вобаста ба ҳамоҳангсозӣ ва иҷозатҳои зарурӣ аз ҷониби кормандони ЮНИСЕФ ва мақомоти дахлдори миллӣ ташкил шуданд. Тарҷума дар тӯли боздид аз кишвар, аз ҷумла ҳангоми вохӯриҳои умумии онлайнӣ таъмин карда шуд. Арзёбӣ мувофиқи Дастурҳои ахлоқии Гурӯҳи арзёбии Созмони Милали Муттаҳид (ЮНЕГ), бо назардошти эътиқодҳои маҳаллӣ, меъёрҳои рафторӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ гузаронида шуд. Ҳамаи иштирокчиён аз матн ва мақсади арзёбӣ, инчунин махфияти маълумоти пешниҳодшуда огоҳ карда шуданд.

Санадҳо ва маълумоти пешниҳодшуда дар ин раванд танҳо барои мақсадҳои марбут ба арзёбии ҷорӣ истифода шудаанд ва дар **Замимаи 4** номбар гардидаанд.

Муқаддима

Минтақаи Осиёи Марказӣ панҷ кишварро дар бар мегирад: Қазоқистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон. Тоҷикистон ҷумҳурии президентӣ буда, бо Қирғизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон ва Чин ҳамсарҳад аст. Кӯҳҳо беш аз 90% қаламрави кишварро ишғол мекунанд. Тоҷикистон аз чор воҳиди маъмурию ҳудудӣ иборат аст: вилояти Суғд, маркази маъмурии он дар ш. Хуҷанд (1); ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, маркази маъмурии он дар ш. Душанбе (2); вилояти Хатлон, маркази маъмурии он дар ш. Бохтар (3); вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, маркази маъмурии он дар ш. Хоруғ (4); ва ш. Душанбе, пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон (Расми 2). Дар кишвар 67 воҳиди маъмурӣ мавҷуд аст. Тоҷикистон дар натиҷаи фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва баъдан ҷанги шаҳрвандӣ зарари зиёд дидааст. Аз соли 1994 инҷониб, кишварро президент Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ мекунад.

Аҳолии Тоҷикистон тақрибан 10,5 миллион мебошад (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки кӯдакон тақрибан 40%-и аҳолиро ташкил медиҳанд (маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ). Тақрибан 30% ҷавонони аз 15 то 24 сола ба таҳсил, омӯзиши касбӣ ё кор фаро гирифта нашудаанд ва ин рақам дар қатори духтарон ба 89% мерасад. Ғайр аз ин, 40% шаҳрвандони Тоҷикистон, ки барои кор ба хориҷа мераванд, синнашон аз 30 камтар аст. Хонаводаҳое, ки аъзоёнашон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, аз як қатор чизҳо маҳрум астанд: 78% аҳолӣ барои зиндагӣ даромади кофӣ надоранд ва 93% аз норасоии возеҳи ғизоӣ азият мекашанд (ИА, ЮНИСЕФ ва Созмони Наҷоти кӯдакон, с. 2018. "Ҳимояи кӯдаконе, ки аз муҳоҷират дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Осиёи Ҷанубӣ ва Осиёи Марказӣ таъсири манфӣ дидаанд: Арзёбии ибтидоӣ - Protecting Children Affected by Migration in Southeast, South and Central Asia: Baseline Assessment).

Расми 2. *Хусусиятҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон*



Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар соли 2019 7,2%-ро ташкил дод, ки ба суръати афзоиши ду соли қаблӣ монанд аст. Дар айни замон, хатари буҳрони қарзии кишвар бо сабаби сатҳи назарраси қарзи давлатӣ ва қарзи кафолатдодашудаи давлатӣ, ки дар соли 2018 53% ММД-ро ташкил медод, баланд боқӣ мемонад. Аз сабаби маҳдудияти буҷети давлатӣ, афзоиши маблағгузорӣ барои ниёзҳои иҷтимоӣ дар дурнамои кӯтоҳмуддат ва миёнамӯҳлат эҳтимол надорад. Аз ин рӯ, интиқоли маблағҳои муҳофизатии меҳнатӣ дар иқтисоди кишвар нақши калидӣ мебозад ва тақрибан 30%-и ММД-ро ташкил медиҳад (Тоҷстат, ЮНИСЕФ, Бонки Ҷаҳонӣ, с. 2018. Камбизоатии кӯдакон дар Тоҷикистон – “Child Poverty in Tajikistan”, дастрас аст дар: http://stat.ww.tj/pages/Child_Poverty_Tajikistan_final.pdf)

Тандурустӣ

Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1991, бисёре аз духтурон кишварро тарк карданд (1). Ғайр аз ин, кишвар маҷбур шуд, ки аксари лавозимоти тиббии ҳаётан муҳимро воридот кунад. Ин боиси норасоии шадид ва дар соли 2003 ба қатъ гардидани барномаи ёрии тиббии ройгон гардид. Дар соли 2014, “бастаи имтиёзҳои асосӣ” ҷорӣ карда шуд. Барои ҳалли мушкилоти маблағгузории нокофӣ, расмикунонии пардохтҳо ва тақвияти низоми тандурустии давлатӣ ҳаққи хизматрасонӣ (пардохтҳои муштарак) ҷорӣ карда шуд. Бастаи кунунии хизматрасонии тиббӣ дар Тоҷикистон аз ҷониби Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз тарафи ВТҲИА бо қарорҳои № 712 аз 15 марти соли 2017 ва № 374 аз 18 майи соли 2017 қабул шудааст, танзим карда мешавад. Кодекси мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ танзим мекунад ва барои амалӣ кардани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ва ҳифзи саломатӣ равона шудааст. Он машваратҳои ройгони духтури оилавӣ, кӯмаки антенаталӣ ва хизматрасонии тиббиро барои кӯдакони то яксола ва кӯдакони то панҷсола, ки сироятҳои шадиди роҳҳои нафас ё бемориҳои дарунравӣ доранд, дар бар мегирад. Тибқи гузориши охирини ТУТ дар бораи маблағгузории бахши кӯмаки аввалияи тиббӣ, камбудиҳои назаррас дар низоми кунунӣ - рӯйхати маҳдуди хизматрасониҳои ройгони тиббӣ ва набудани санҷишҳои асосии лабораторӣ дар баста мебошанд (2). Шахсоне, ки гирифтори ВНМО ва бемории сил мебошанд, аз пардохти хизматрасонии тиббӣ озоданд, аммо танҳо барои табобати бемории аслӣ.

Занони ҳомилае, ки сабти ном шудаанд ва мунтазам аз муоина мегузаранд, ҳақ доранд, ки баъзе санҷиш (тест) ва хизматрасониҳои лабораториро бидуни пардохти иловагӣ гиранд. Тибқи санадҳои расмӣ, занони ҳомилае, ки кӯмаки антенаталӣ мегиранд, ҳақ доранд, ки дар муассисаҳои статсионарӣ ба таври ройгон таваллуд кунанд.

Мувофиқи “Стратегияи ҳифзи солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ӯҳдадор шудааст, ки то соли 2030 ба фарогирии суғуртаи тиббии умумӣ ноил гардад. Қадами аввал дар ин самт - низоми кӯмаки аввалияи тиббӣ мебошад. Пардохтҳои мустақим аз ҳисоби беморон бузургтарин манбаи хароҷот барои тандурустӣ, бахусус барои кӯмаки махсуси тиббӣ ва доруворӣ, дар Тоҷикистон боқӣ мемонанд. Дастрасӣ ба кӯмаки давлатии тиббӣ нокофӣ боқӣ монда, тақсимоти буҷет дар Тоҷикистон бештар ба шумораи беморони хизматрасонидашуда асос ёфтааст, на ба нишондиҳандаҳои самаранокӣ. Ин махсусан барои барномаҳои табобати бемориҳои сироятӣ муҳим аст, ки дар он саломатии инфиродӣ ва пешгирии эпидемия на танҳо аз шумораи одамоне, ки табобат мегиранд,

балки аз самаранокии он ва нигоҳдории онҳо зери назорат низ вобаста аст. Тоҷикистон инчунин нисбат ба дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ захираҳои инсонии маҳдудтар дорад. Дар соли 2021, ба ҳар 100,000 аҳолӣ танҳо 213 духтур (ба ҳисоби миёна барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ 265 ба 100,000 нафар буд) ва ба ҳар 100,000 аҳолӣ 475 ҳамшираи шафқат (ба ҳисоби миёна барои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ 488 ба 100,000 нафар буд) рост меомад (3).

Сохтори маблағгузории бахши тандурустӣ низ нигарониҳоро ба миён меорад. Дар соли 2019, кӯмаки статсионарӣ 44,3%-и хароҷоти умумии бахши тандурустиро ташкил дод, дар ҳоле ки кӯмаки амбулаторӣ танҳо 25,2%-ро дар бар гирифт. Танҳо 2,1%-и хароҷоти бахши тандурустӣ барои масъалаҳои пешгирии бемориҳо (профилактика) ҷудо карда шудааст. Хароҷоти тандурустӣ ба сари аҳолӣ байни ноҳияҳо ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар ноҳияҳои камбизоаттар, хароҷот ба сари аҳолӣ камтар аст, ки ин омил боиси нобаробарии назаррас дар дастрасӣ ба кӯмаки тиббӣ мегардад. Пардохтҳои мустақим аз аҳолӣ каме коҳиш ёфтаанд, аммо то ҳануз баланд боқӣ мемонанд ва дар соли 2021 63,5%-и тамоми хароҷот барои кӯмаки тиббиро ташкил доданд (3).

Нобаробарии доимӣ байни табобати статсионарӣ ва амбулаторӣ, сарфи назар аз захираҳои маҳдуди давлатӣ ва аҳолии нисбатан ҷавон, натиҷаи бартарияти аз ҳад зиёди бахши хизматрасониҳои статсионарӣ мебошад. Ҳамзамон, захираҳои беморхонаҳо ба таври ғайрисамарабахш истифода мешаванд: сатҳи пур шудани катҳо дар беморхонаҳои ноҳиявӣ нисбат ба беморхонаҳои марказӣ пасттар аст. Масалан, беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятии ш. Душанбе шӯъбаи ВНМО дорад, ки барои он 20 кат ҷудо шудааст. Бо вуҷуди ин, беморон маҷбуранд, ки аксари харақотҳоро барои ташхисҳои тиббӣ, рентген, табобат ва хӯрок аз ҳисоби худ пардохт кунанд. Дар натиҷа, дар як моҳ тақрибан панҷ бемор дар беморхона бистарӣ мешаванд ва ду духтур барои анҷом додани ин кор таъйин шудаанд. Бистаришавӣ нисбат ба дигар кишварҳо тӯлонитар давом мекунад ва аксар вақт он лозим нест. Ҳамзамон, бисёре аз бистаришавии беморон бо оризаҳои пешгиришавандаи диабет ва бемориҳои дил, инчунин аворизи саломатии модар ва кӯдак рабт доранд (3). Бемориҳои ғайрисироятӣ сабаби асосии фавт мебошанд ва ба таври назаррас бемории ишемикии дил дар ҳарду ҷинс бартарӣ дорад, бо вуҷуди ин, паҳншавии он дар байни занон хеле баландтар аст. Сабаби дуюм аз лиҳози басомади фавт бемориҳои сироятӣ, ҳолатҳои марбут ба ҳомиладорӣ ва таваллуд, ҳолатҳои перинаталӣ ва ғизоии нокофӣ мебошанд. Мушкилоти марбут ба таваллуди бармаҳал 16,2% фавт дар байни ҷинси зан ва 23,4% фавт дар байни ҷинси мардро ташкил медиҳанд (4).

Сабаби асосии марг бемориҳои дилу рагҳо мебошанд, ки ин сатҳи пасти огоҳӣ аз хатарҳо ба саломатӣ (ғизо, тамокукашӣ, сатҳи пасти фаъолияти ҷисмонӣ), сатҳи пасти чораҳои пешгирикунанда (истифодаи статинҳо, скрининги гипертония ва диабет) ва дастрасии маҳдуд ба ташхис ва мудохилаҳои тиббиро инъикос медиҳад (**Ҷадвали 1, Расми 3**).

Ҷадвали 1. *Маълумот дар бораи сабаби фавт, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ пешниҳод шудааст.*

	с. 2021		с. 2022		с. 2023		с. 2024	
Сабабҳои марг	адади мутлақ	ба ҳар 100,000	адади мутлақ	ба ҳар 100,000	адади мутлақ	ба ҳар 100,000	адади мутлақ	ба ҳар 100,000
Умумӣ	39,112	399.0	31,206	312.6	32,397	318.1	33,777	324.8
Бемориҳои низоми гардиши хун	19,062	194.5	14,259	142.8	15,026	147.6	16,108	154.9
Омос	2,927	29.9	2,738	27.4	2,926	28.7	2,999	28.8
Бемориҳои роҳи нафас	3,614	36.9	1,752	17.6	1,940	19.1	2,241	21.5
Бемориҳои узвҳои ҳозима	1,400	14.3	1,094	11.0	1,192	11.7	1,290	12.4
Ҳодисаҳои нохӯш, заҳролудшавӣ ва ҷароҳатҳо	1,151	11.7	1,194	12.0	1,060	10.4	1,116	10.7
Бемориҳои сироятӣ ва паразитӣ	237	2.4	185	1.9	254	2.5	313	3.0

Фавт аз бемории ишемикии дил дар занон нисбат ба мардон баландтар аст, ки ин эҳтимолан аз сабаби нобаробарӣ дар дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ мебошад. Дар робита ба ин, сатҳи фавти бармаҳал ва нуқсонҳои модарзодӣ хеле баланд аст.

Расми 3. *Сабабҳои асосии марг аз рӯи ҷинс барои ҳама гурӯҳҳои синнусолӣ (манбаъ: https://data.who.int/countries/762).*





Кишвар таҳти роҳбарии Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ (МҶ ОИТ) дар самти рақамикунонии соҳаи тандурустӣ пеш рафта истодааст.


Бо вуҷуди ин, нишондиҳандаҳои саломатии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам беҳтар мешаванд. Шумораи аҳолии кишвар то соли 2023 10,389,799 нафарро ташкил медод ва то соли 2050 пешбинӣ мешавад, ки он 50% афзоиш ёфта, ба 15,574,642 нафар мерасад (4). Давомнокии умр пас аз таваллуд аз 65,6 (65–66,2) сол дар соли 2000 то 71,8 (71,2–72,5) сол дар соли 2021 6,17 сол афзоиш ёфт. Дар соли 2023, он ба ҳисоби миёна 71,8 сол пас аз таваллуд буд (73,5 сол барои занон ва 70,2 сол барои мардон). Тибқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2022, сатҳи таваллуд дар Тоҷикистон 3,14 таваллуд барои як занро ташкил дод, дар муқоиса бо 3,31 дар Ӯзбекистон, 2,8 дар Қирғизистон, 2,62 дар Туркманистон ва 2,27 миёна дар сатҳи ҷаҳонӣ (5). Занони ҳомила, модарон ва кӯдакон дар марказҳои саломатии шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, марказҳои саломатии репродуктивӣ, марказҳои табобати ВНМО, марказҳои саломатии деҳот, клиникаҳои амбулаторӣ, мактабҳои занон ва ҳомиладорӣ, марказҳои тибби оилавӣ ва таваллудхонаҳо ёрии тиббӣ мегиранд.

Кӯмаки антенаталӣ

Кӯмаки антенаталӣ (КАН) аз ҷониби мутахассиси ботаҷриба барои назорати ҳомиладорӣ ва коҳиш додани хатари беморӣ ва фавт дар модарон ва кӯдакон ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва давраи баъди таваллуд муҳим аст. Дар кишварҳои дорои даромади баланд, аксари занони ҳомила таҳти назорати мутахассисони ботаҷриба қарор мегиранд ва таваллуд дар беморхонаҳо бо кӯмаки кормандони касбии соҳаи тандурустӣ сурат мегирад. Дар Тоҷикистон монеаҳо ба монанди маҳдудиятҳои ҷуғрофӣ ва камбизоатӣ, инчунин норасоии кормандони соҳаи тибб ва шумораи зиёди оилаҳои серфарзанд маънои онро доранд, ки таваллуд берун аз муассисаҳои тиббӣ ва аксар вақт бе кӯмаки кормандони касбии соҳаи тандурустӣ сурат мегирад.

Тибқи маълумоти Таҳқиқоти демографӣ ва тандурустии Тоҷикистон (с. 2023), дар соли 2023, 62% занон дар давраи ҳомиладорӣ чор маротиба ё аз он зиёдтар ба муоинаи КАН муроҷиат кардаанд; 75% бошад, иловаҳои оҳан истеъмол кардаанд. Дар соли 2023, танҳо 81% заноне, ки охирин таваллуди худро дар ду соли пеш аз пурсиш анҷом додаанд, аз мутахассиси ботаҷриба КАН гирифтаанд. Дар ду сол пеш аз арзёбии охирини соли 2023, ин рақам то 95% таваллудҳо дар муассисаҳои тиббӣ ва 98% таваллудҳое, ки аз ҷониби корманди баландихтисоси соҳаи тибб анҷом дода шудаанд, беҳтар шуд. Шумораи таваллудҳои хонагӣ ва таваллудҳое, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи тандурустӣ гузаронида шудаанд, дар **Расми 4** оварда шудаанд. Тибқи маълумоти таҳқиқоти демографӣ ва тандурустӣ (ТТД), ҳиссаи онҳо аз 22% (ТТД с. 2012) то 5% (ТТД с. 2023) коҳиш ёфтааст.

Расми 4. *Шумораи таваллудҳои хонагӣ ва таваллудҳое, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи тандурустӣ гузаронида шудаанд (Манбаъ: Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ)*




Тибқи маълумоти ТТД (с. 2023), сатҳи фавти кӯдакон мунтазам коҳиш меёбад (**Расми 5**).



Таҳқиқоти демографӣ ва тандурустии Тоҷикистон, Ҳисобот доир ба нишондиҳандаҳои асосии фаъолият дар соли 2023, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе

Бо вуҷуди ин, ҳангоми баррасии гузоришҳои Гурӯҳи байниидоравии СММ доир ба арзёбии фавти кӯдакон (IGME) (https://childmortality.org) барои ояндабинии дарозмуддат, маълум мешавад, ки коҳиши фавти кӯдакон ба таври назаррас суст шудааст (**Расми 6**).

Расми 6. *Сатҳи фавти навзодон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумоти IGME (https://childmortality.org)*



Тавре ки дар шарҳи ҳисоботи IGME дарҷ шуда буд, 42% тамоми фавти навзодон дар Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Марказӣ дар соли 2022 танҳо дар чор кишвар: Туркия, Туркманистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон рух додааст. Беш аз нисфи фавти кӯдакони то панҷсола дар давраи навзодӣ рух додааст (Hucko A et al. Public Health Practice 2025;100668). Ин нишон медиҳад, ки дар ин самт беҳбудиҳо то ҳол заруранд ва барои тақвияти хизматрасонӣ дар бахши солимии модарон, навзодон ва кӯдакон чораҳои фаврӣ андешидан лозим аст.

Сабти ҳомиладорӣ ва таваллуд

Яке аз муҳимтарин параметрҳо ҳангоми арзёбии КАН - шумораи зиндатаваллудҳо дар як соли муайян мебошад. Сабти таваллуд манбаи муқаррарии ин маълумот аст, аммо онро танҳо дар сурате метавон ҳамчун манбаи боэътимод ҳисобид, агар таваллудҳо сари вақт ва пурра сабт шаванд.

То ба наздикӣ, қонунгузорӣ сабти ройгони кӯдакон ва додани шаҳодатномаҳои таваллудро танҳо то расидан ба синни семоҳа иҷозат медод. Аз се то шаш моҳ, ин тартиб дигар ройгон набуд ва пас аз шаш моҳ ҷаримаи иловагӣ талаб мешуд. Ғайр аз ин, як қатор монеаҳои бюрократӣ барои сабти саривақтии таваллуд вуҷуд доштанд, ки ба гуруҳҳои мобилӣ ва муҳоҷирон таъсири номутаносиб расонданд. Масалан, барои сабти кӯдак шаҳодатномаи издивоҷ лозим буд. Бе чунин санад, модар метавонист фарзанди худро танҳо ҳамчун модари танҳо сабт кунад, ки ин барои ӯ шармандагӣ

ҳисоб мешуд. Онҳое, ки шиноснома надоштанд, низ наметавонистанд ин тартибро анҷом диҳанд.

Бо вуҷуди ин, дар солҳои охир Вазорати адлия бо кӯмаки созмонҳои байналмилалӣ, аз қабили БРСММ, АГ СММ, ТУТ, ЮНИСЕФ, СММ-Занон ва ЮНФПА, ислоҳотеро оғоз кард, ки ҳам тағйироти низомманд (системавӣ) ва ҳам тағйироти қонунгузориро дар бар гирифт. Аз 1 январи соли 2025 додани шаҳодатномаҳои таваллуд ва сабти таваллуд ройгон шуд. Қонуни нав бо Қарори № 1505-и Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2024 қабул ва бо Қарори № 563-и Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024 тасдиқ карда шуд. Ғайр аз ин, раванди сабт ба таври назаррас содда карда шудааст. Масалан, изҳороти момодоя ё ягон шахси дигаре, ки дар таваллуд кӯмак кардааст, барои тасдиқи волидайн будан ва ба расмият даровардани сабти таваллуд кофӣ аст.

Аз соли 2015 инҷониб, БРСММ рақамикунонии сабти шаҳрвандиро бо истифода аз таҷҳизоти компютерӣ, нармафзори техникӣ ва сохторбандии тартиботӣ дастгирӣ кардааст. Тақрибан 75% сабтҳои бойгонӣ ба феҳристи марказии компютерӣ ворид карда шудаанд.

Аз соли 2021 инҷониб, даҳ шӯъбаи таваллуд ба сабти рақамӣ дастрасӣ доранд ва метавонанд ин равандро дар вақти воқеӣ анҷом диҳанд.

То имрӯз дар Тоҷикистон рақами ягонаи мушаххас ҷорӣ карда нашудааст ва ба ҷои он рақами мушаххаси андозсупоранда дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият нишон дода мешавад. Ин низом аз ҷониби Кумитаи андоз назорат мешуд ва ягон созмони дигар ба феҳрист дастрасӣ надорад. Дар натиҷа, ин пойгоҳи додаҳо барои таъмини сабти пурраи шаҳрвандӣ бо ягон пойгоҳи додаҳои дигар пайваст карда намешавад. Инчунин мушкили шаҳрвандоне, ки ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият надоранд, шахсони дорои шиносномаҳои давраи Шӯравӣ, лӯлиҳо ва гурезаҳои беҳуҷҷат, ҳамоно боқӣ мемонад.

Феҳристи ҳомиладорӣ хатоҳои назаррас дорад. Ғайр аз ин, таърифҳое, ки барои гузориш додани шумораи солонаи занони ҳомила истифода мешаванд, миёни муассисаҳо фарқ мекунанд (**Ҷадвали 2**). Равиши (метод) боэътимоди ғайримустақим барои ҳисоб кардани миқдори занони ҳомила вуҷуд надорад, аммо таҳлили сабтҳои таваллуд метавонад ба муайян кардани он, ки чанд зан ҳеҷ гоҳ КАН нагирифтаанд, мусоидат кунад. Таваллуди хонагӣ инчунин метавонанд дар байни заноне, ки қаблан якчанд ҳомиладорӣ доштанд, аз ҷумла онҳое, ки КАН гирифтаанд, рӯй диҳанд; бинобар ин, набояд инро мустақиман ҳамчун нишонаи набудани пайгирии доимии мутахассисони соҳаи тандурустӣ арзёбӣ намуд.

Ҷадвали 2. *Шумораи занони ҳомила дар як сол бо пайгирии КАН*

	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024
Маълумоти Маркази миллии солимии репродуктивӣ				
Шумораи занони ҳомилае, ки дар давраи ҳомиладорӣ ҳадди ақал як маротиба бо сабабҳои марбут ба ҳомиладорӣ ба духтур муроҷиат кардаанд.	241,783	242,469	257,858	262,169
Шумораи занони ҳомилае, ки дар давраи ҳомиладорӣ ҳадди ақал чор маротиба бо сабабҳои марбут ба ҳомиладорӣ ба духтур муроҷиат кардаанд.	131,138	135,887	143,881	153,108


Маълумоти Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ (Варақаи № 32)				
Шумораи занони ҳомила дар як сол (соли гузашта сабт шуда, ҳанӯз ҳомиладоранд + занони ҳомилаи имсол сабтшуда)	362,772	369,294	379,808	393,980
Шумораи солонаи занони ҳомилае, ки ҳадди ақал як маротиба ба КАН муроҷиат кардаанд (ҳар навъ)	181,588	186,264	190,863	210,208
Шумораи таваллудҳо дар муассисаи тиббӣ (ҳамаи навъҳои муассисаҳои тиббӣ)	230,190	254,050	264,151	208,258
Шумораи заноне, ки дар соли муайян кӯдаки зинда ё мурда таваллуд кардаанд	236,423	236,993	237,854	255,440

Мувофиқи "Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои арзёбии татбиқи чораҳо вобаста ба пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки аз ҷониби А.А. Солиев (муовини директори МҶ ВНМО), И.Р. Ёқубов (мудири шӯъбаи мониторинг ва арзёбии МҶ ВНМО) ва С.Д. Ватанова (гинекологи шӯъбаи мушоҳидаи амбулатории МҶ ВНМО) барои солҳои 2021-2024 таҳия шудааст, 11% занони ҳомила дар саросари кишвар саривақт барои КАН сабт нашудаанд, ки ин тақрибан 28,000-31,000 занро ташкил медиҳад (Расми 7).

Сабти занони ҳомила дар КАН дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои интихобшуда дар марҳилаи аввал (то 12 ҳафта) 89%, дар марҳилаи дуюм (12-20 ҳафта) 8% ва дар марҳилаи охир (>21 ҳафта) 3% -ро ташкил дод. Зиёда аз 11% занони ҳомила (дар тӯли чор соли охир дар 11 шаҳру ноҳия солона зиёда аз 19,467 зани ҳомила) пас аз 12 ҳафтаи ҳомиладорӣ дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо барои КАН сабти ном шудаанд.

Тибқи маълумоти ТТД дар соли 2023, фарогирии занони ҳомила бо КАН пеш аз 12 ҳафтаи ҳомиладорӣ дар соли 2023 83,5% -ро ташкил дод.

Расми 7. *Фарогирии занони ҳомила барои сабти антенаталӣ дар 10 шаҳри интихобшуда (сарчашма: гузориши МҶ ВНМО)*



Дар соли 2021, дафтари ЮНИСЕФ таҳияи "Низоми электронии роҳхатҳо барои кӯмаки перинаталӣ дар Тоҷикистон" ҷиҳати пайгирӣ кардани маълумот доир ба роҳхатҳо барои хизматрасонии тиббӣ барои модар ва навзод дар давраи перинаталӣ оғоз намуд (https://www.unicef.org/eca/documents/life-saving-investment-health-information-systems). Ин низом як воситаи пайгирӣ ва идоракунии роҳхатҳо мебошад, ки маълумот вобаста ба роҳхатҳоро дар вақти воқеӣ ҷамъоварӣ ва пайгирӣ мекунад. Он на танҳо имкон медиҳад, ки сабти саривақтии маълумот анҷом дода шавад, балки инчунин муайян кардани ҳолатҳои хавфи баланд ва равонасозии беморон ба муассисаҳои тиббии мувофиқро таъмин мекунад. Ин низом барои минтақаҳое, ки ба Интернет тамоси устувор надоранд, мутобиқ карда шудааст ва метавонад ҳам дар реҷаи онлайн ва ҳам офлайн кор кунад. Барномаи озмоишӣ (пилотӣ) дар дурдасттарин минтақаҳо оғоз ёфт ва ҳамчун далел барои исбот кардани самарабахшии консепсияи пешниҳодшуда мусоидат намуд.

Санадҳои меъёрии амалкунанда, арзёбии дохилӣ ва дастурҳо

"Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 феврали соли 2021, № 50) то охири соли 2025 эътибор дорад. Бо вуҷуди ин, "Барномаи миллии оид ба муқовимат ба эпидемияи ВНМО ва гепатити вирусии парентералӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030" барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Дар айни замон дар Тоҷикистон протоколҳои клиникии зерин истифода мешаванд:

- Дастурамал оид ба табобат ва нигохубин сирояти ВНМО (калонсолон ва наврасон), ш.Душанбе, с. 2023.
- Дастурамали оид ба идоракунии ташхиси лабораторӣ сироятёбии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023.
- Протоколи клиникӣ доир ба тақвияти чораҳо вобаста ба пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023.
- Дастурҳамали клиникӣ доир ба ташхис ва табобати бемориҳои вирусӣ ва ғайривирусии ҷигар, с. 2020.
- Барномаи миллии иммунопрофилактика дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025.
- Дастурамал доир ба истифодаи мониторинги электронии ҳолатҳои ВНМО, с. 2011.
- Протоколи клиникӣ доир ба табобати гепатити вирусӣ ва ғайривирусӣ, с. 2020.

Ғайр аз ин, дар соли 2023 ТУТ арзёбии ҳамаҷонибаи миёнамуддати барномаи ВНМО-ро анҷом дод ва як қатор тавсияҳо пешниҳод намуд. Равиши бемормевҳар (ба бемор нигаронидашуда) ва пешниҳоди хизматрасонии муттаҳид тавсия дода шуд. Илова бар ин, тазаккур карда шуд, ки решакан кардани ИСМК-и сегона барои ҳамгироии хизматрасониҳо ҳамчун афзалият шинохта шавад. Аз ин рӯ, мутобиқсозӣ бояд тағйирот дар нигоҳубин ва расонидани хизматрасонии тиббӣ ба занони ҳомиларо ба назар гирад.

Арзёбии дохилӣ вобаста ба хизматрасонӣ дар самти решакан кардани ИСМК ВНМО дар соли 2021 дар доираи "Арзёбии солимии ҷинсӣ, репродуктивӣ, модарон, навзодон, кӯдакон ва наврасон дар заминаи фарогирии умумии тандурустӣ дар Тоҷикистон" гузаронида шуд. Ин арзёбӣ истифодаи захираҳо, ҷалби беморон дар раванди расонидани кӯмаки тиббӣ ва хариди маводҳоро дар 11 шаҳр ва ноҳияи интихобшуда таҳлил кард (7). Сабти ном барои КАН хеле хуб аст, аммо 11% занон танҳо дар семоҳаи сеюм сабт мешаванд. Ин боиси он мегардад, ки тақрибан 28,000-31,000 зан дар аввали ҳомиладорӣ барои ВНМО санҷида намешаванд.

Дар шаҳр ва ноҳияҳои интихобшуда, маблағҳои маҳаллӣ, ки барои хариди лавозимоти ташхисӣ барои занони ҳомила, аз ҷумла санҷишҳои ВНМО ҷудо карда шудаанд, танҳо 52,6% ниёзҳои воқеиро фаро гирифтанд. Аз 11 шаҳр ва ноҳия, танҳо сетои онҳо ниёз ба лавозимоти ташхисиро пурра қонеъ карданд ва дар чор шаҳр барои хариди санҷишҳо (тест) маблағ тамоман ҷудо карда нашуд. Дар чор шаҳри боқимонда, ҳиссаи маблағҳои ҷудошуда аз 11% то 53% буд (7).

Дар Тоҷикистон то ба имрӯз арзёбии беруна доир ба решакан кардани ИСМК-и ВНМО, гепатити В ва оташак анҷом дода нашудааст. Кишвар то ба имрӯз ба ГВАК барои гузаронидани арзёбӣ дархост ирсол накардааст; бо вуҷуди ин, дарки умумӣ вуҷуд дорад, ки ин қадам зарур аст ва бинобар ин иродаи сиёсӣ барои оғози омодагӣ барои ин раванд вуҷуд дорад. Барои ин гузаронидани таҳлили ҳолати амалишавии протоколҳои клиникӣ дар амалияи клиникӣ зарур аст, то нақшаи амал ва нишондиҳандаҳои самарабахшӣ, ки барои арзёбии сохтории пешрафт мусоидат мекунанд. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аллакай як гурӯҳи кориро таъсис намудааст (Замимаи 1) ва дафтари кишварии ЮНИСЕФ ҷалби мушовирони байналмилалиро барои расонидани кӯмаки техникӣ ва дастгирӣ ба ВТҲИА дар арзёбии вазъи барномаи РИСМК ва таҳияи гузориши омодагӣ барои санҷиши мутобиқат (валидатсия) дастгирӣ кардааст.


Арзёбии лабораторӣ

Аксари озмоишгоҳҳои (лабораторияҳо) ташхисӣ дар Тоҷикистон, аз ҷумла озмоишгоҳҳои беморхонаҳо, зери моликияти хусусӣ қарор доранд ва ба беморон танҳо хидматҳои пулакӣ мерасонанд. Ин хизматрасониҳо скрининг ва санҷишҳои тасдиққунандаро барои ВГС, ВГВ, ВНМО ва оташак, аз ҷумла барои занони ҳомила дар бар мегирад. Назорати бемориҳои сироятӣ ва кафолати сифати ин хидматҳо таъмин карда намешавад. Аксари беморон аз ҷониби кормандони муассисаҳои соҳаи тандурустӣ, аз ҷумла КАТС ва шӯъбаҳои ёрии таъҷилӣ, ба ин омзоишгоҳҳо равона карда мешаванд.

То ҳол озмоишгоҳҳои хусусӣ маъмултарин маконҳои ташхиси гепатит ва оташак дар кишвар мебошанд. Беморон бояд хароҷотро, аз ҷумла барои ташхиси тасдиққунанда, аз ҳисоби худ пардохт кунанд, ҳатто он шахсоне, ки ба гурӯҳҳои асосии аҳолӣ тааллуқ доранд. Дар натиҷа, дар кишвар зиёда аз 400 макони ташхиси ВНМО мавҷуданд, аммо сифати хидматрасонӣ дар бисёр муассисаҳо хеле фарқ мекунад ва муайян нест. Илова бар ин, назорати эпидемиологӣ ва назорати сироят зери хавф қарор доранд. Дар гузориш аз ш. Турсунзода тазаккур карда мешвад, ки тақрибан нисфи ҳамаи санҷишҳои фаврии ВНМО дар солҳои 2021-2024 дар озмоишгоҳҳои хусусӣ гузаронида шудаанд (**Расми 8**). Аз ҳамаи санҷишҳои дар минтақа гузаронидашуда

зиёда аз 70% барои занон гузаронида шудаанд, ки ин тамоюл чӣ барои озмоишгоҳҳои хусусӣ ва чӣ давлатӣ якхела аст.

Расми 8. *Таносуби ташхисҳои ВНМО, ки дар Маркази ВНМО ва аз ҳисоби шахсии бемор дар озмоишгоҳҳои хусусӣ гузаронида шудаанд (маълумот аз ҷониби Маркази ВНМО-и ш.Турсунзода барои солҳои 2021-2024 пешниҳод шудааст)*



Хизматрасониҳои лабораторӣ барои ташхиси ВНМО дар Тоҷикистон (Ҷадвали 3) таҳти назорати марказ боқӣ мемонанд ва санҷиши занони ҳомила, ташхиси барвақтии кӯдакон ва назорати табобати ВНМО-ро дар бар мегиранд. Озмоишгоҳи МҶ ВНМО як муассисаи истинодӣ боқӣ монад, ки бо таҷҳизоти муосир муҷаҳҳаз шудааст ва чораҳои мувофиқи таъмини сифатро амалӣ мекунад.

Санади "Идоракунии ташхиси лабораторияи сироятёбии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (с. 2023) равандҳои таъмини сифатро танзим мекунад. Дар бахши 11 нишондиҳандаҳои зерин барои арзёбии сифати ташхиси ВНМО, ки дар озмоишгоҳи МҶ ВНМО анҷом дода мешаванд, номбар шудаанд:

- Фоизи намунаҳои радшудаи хун (басомад: солона; нишондиҳандаи ҳадафӣ: <2%).
- Фоизи натиҷаҳои мусбати санҷиши ВНМО, ки дар санҷиши сеюм пас аз санҷиши мусбати аввал тасдиқ шудаанд (басомад: солона; нишондиҳандаи ҳадафӣ: >=98%).
- Фоизи озмоишгоҳҳое, ки дар барномаи назорати сифати беруна и ВНМО ба санҷиши бехато ноил шудаанд (басомад: солона; нишондиҳандаи ҳадафӣ: 100%).
- Натиҷаҳои беътибор барои ҳар як марҳилаи Т1, Т2, Т3 ва таносуби натиҷаҳои номувофиқ байни Т1 ва Т2/Т3 (басомад: ду маротиба дар як сол; нишондиҳандаи ҳадафӣ: <2%).

Ҳуҷҷатҳо дар китобе нигоҳ дошта мешаванд, ки дар он ҳамаи намунаҳои гирифташуда сабт карда мешаванд.

Ҷадвали 3. *Хизматрасониҳои лабораторӣ барои ВНМО дар Тоҷикистон (аз ҷониби МҶ ВНМО пешниҳод карда шудааст)*

Минтақа	**Миллӣ**	**Минтақавӣ**	**Шаҳр ё ноҳия**	**ИФА**	**ВЗП GeneXpert**	**СТТН ДНК**	**CD4**
МҶ ВНМО Озмоишгоҳи истинодӣ (референтӣ)	1			1	1	1	1
Суғд (Хуҷанд)		1		1	1	1	1
Бохтар (Хатлон)		1		1	1	1	1
Кӯлоб (Хатлон)		1		1	1	1	1
Хоруғ (ВМКБ)		1		1	1	1	1
Душанбе			1	1	1	1	1
Турсунзода			1	1			
Шаҳринав			1	1			
Ҳисор			1	1	1		
Рудакӣ			1	1			
Ваҳдат			1	1	1		
Файзобод			1	1			
Хуросон			1	1			
Шаҳритуз			1	1	1		
Қабодиён			1	1			
Ҷ.Балхӣ			1	1	1		
А.Ҷомӣ			1	1			
Ёвон			1	1			
Кулоб			1	1			
Данғара			1	1			
Норак			1	1			
Восеъ			1	1	1		
Фархор			1	1			
Ҳамадонӣ			1	1			
Дарвоз			1	1			
Рушон			1	1			
Мурғоб			1	1			
Ишкошим			1	1			
Ванҷ			1	1			
Исфара			1	1			
Конибодом			1	1	1		

Бустон			1	1			
Ғафуров Б			1	1			
Спитамен			1	1			
Истаравшан			1	1	1		
Панҷакент			1	1	1		
Рашт			1		1		
Ҳамагӣ	**1**	**4**	**32**	**36**	**15**	**6**	**6**

ВНМО

Эпидемиология

То 31 декабри соли 2024, мувофиқи маълумоти пешниҳодшуда дар гузориши Мониторинги ҷаҳонии БПНМ (ГАМ), 12,480 нафар гирифтори ВНМО дар кишвар аз ҳолати (статус) бемории худ огоҳ буданд. Ин 82% шумораи тахминии одамони гирифтори ВНМО-ро ташкил медиҳад (тақрибан 15,213 нафар дар охири соли 2024), ки ин ба аввалин "95"-и нишондиҳандаи ҳадафии 95-95-95 мувофиқат мекунад (с. 2023: 79%). Паҳншавии ВНМО дар байни мардон дар аҳолии умумӣ нисбат ба занон 1,4 маротиба зиёдтар аст. Ҳиссаи сабтшавии ҳолатҳои нави ВНМО дар байни мардон 63,2% ва дар байни занон 36,8% -ро ташкил медиҳад. Дар даҳ соли охир, афзоиши солонаи ҳолатҳои нави ВНМО дар байни занон 6-7% сабт шудааст (ТТД с. 2023).

То 31 декабри соли 2024, шумораи одамоне, ки дар кишвар табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) мегирифтанд, 11,268 нафар ё 90%-ро (аз 12,480 нафари гирифтори ВНМО ва аз ҳолати худ огаҳ) ташкил дод; ин нишондиҳандаи дуюм 95 аз 95-95-95 (с. 2023 - 90%) мебошад. Кӯдакон дар соли 2022 9,08%-и ҳамаи ҳолатҳои сабтшударо ташкил доданд. Агар мо танҳо онҳоеро, ки дар охири соли 2022 зинда буданд (1083/10,861), ба назар гирем, ин фоиз боз ҳам баландтар аст, яъне 9,97%, (6). Бо вуҷуди ин, тибқи гузориши охирини арзёбии дохилӣ, гурӯҳи синнусолии 0-18 сола (кӯдакон) 12,5% шумораи умумии одамони гирифтори ВНМО-ро ташкил медиҳанд (7). Дар кишвар тамоюли афзоиши шумораи сироятҳои нави ВНМО дар байни кӯдакони то 14-сола мушоҳида мешавад. Дар панҷ соли охир, ҳиссаи кӯдакон дар байни ҳамаи сироятҳои нав аз 11,4% то 14,0% буд (7). Шумораи умумии кӯдакон ва наврасони то 18-сола, ки гирифтори ВНМО ҳастанд ва аз ҳолати худ огоҳанд, то 31 декабри соли 2024 1022 нафарро ташкил дод (8,2% аз ҳамаи ВНМО), ки аз онҳо 1009 нафар ё 98,7% ТЗР мегирифтанд.

Мувофиқи арзёбии соли 2023-и ТУТ доир ба табобати ВНМО, беш аз нисфи ҳолатҳои нави сабтшудаи ВНМО дар байни кӯдакони то 15-сола дар солҳои 2014-2021 роҳи номаълуми интиқол доштанд (**Расми 9**) (6). Сабабҳои мушаххаси ин нишондиҳандаҳои баланд дар арзёбӣ таҳқиқ нашудаанд. Аз 922 ҳолати нави ВНМО, ки дар соли 2021 сабт шудаанд, 62 нафар (7%) кӯдакони то 15-сола буданд. Аз ин шумора 20 нафар (48%) бо интиқоли вирус аз модар ба кӯдак рабт доштанд; дар ҳолатҳои боқимонда, роҳи интиқол ҳамчун беморхона (17.27%) ё номаълум (15.25%) гузориш дода шудааст. Фарогирии гузоришшуда доир ба санҷиши ВНМО дар байни занони ҳомила дар соли 2022 87.3% -ро ташкил дод. Интиқоли сироят аз модар ба кӯдак (ИСМК) дар байни

занони ҳомилаи ташхиснашуда рух медиҳад - заноне, ки ё дар давраи ҳомиладорӣ санҷида нашудаанд, ё (дар минтақаҳои дурдаст) КАН нагирифтаанд ва дар хона таваллуд кардаанд, ё пас аз таваллуд аз пайгирӣ нопадид шудаанд, ки ин эҳтимолан боиси интиқол тавассути синамаконӣ мегардад. (Ҳисобот вобаста ба пешрафти кор дар самти арзёбӣ ва муайян кардани мушкилот ва монеаҳо дар механизми занҷираи харидорӣ, таъмин ва пешниҳоди санҷишҳо ба занони ҳомила дар муассисаҳои тиббӣ, ЮНФПА).

Расми 9. *Шумораи кӯдакони то 15-сола аз рӯи роҳи интиқол*



Тоҷикистон барномаи ПИСМК-ро аввал ҳамчун лоиҳаи озмоишӣ дар минтақаҳои интихобшуда дар соли 2008 ва сипас дар сатҳи миллӣ дар соли 2010 амалӣ кард. Ҳамаи хизматрасониҳо дар доираи ин барнома ба занони ҳомила ройгон пешниҳод карда мешаванд. Дар асл, санҷишҳои ВНМО барои барномаи ПИСМК бояд барои ҳамаи занони ҳомила ройгон дастрас бошанд ва аз ҳисоби буҷети давлатӣ (санҷиши фаврии дуюм ҳангоми ҳомиладорӣ) ва буҷетҳои ҳукуматҳои маҳаллӣ (санҷиши фаврии якум ҳангоми ҳомиладорӣ) маблағгузорӣ карда мешаванд. Дар соли 2024, санҷиши ВНМО (дар асоси розигии огоҳона) дар беш аз 94% (дар соли 2023, тақрибан 96%) занони ҳомилае, ки бори аввал муроҷиат карданд ва баъдан дар давраи ҳисоботӣ дар клиникаҳои антенаталӣ мушоҳида шуданд, гузаронида шуд. Дар натиҷа, дар соли 2023 дар байни занони ҳомила 45 ҳолати нави ВНМО ва дар соли 2024 46 ҳолати нави ВНМО ошкор карда шуд. Бо вуҷуди ин, аксарияти кулли занони ҳомилае, ки гирифтори ВНМО ҳастанд, аллакай ҳолати худро медонанд, аз ҷониби мутахассисон дар клиникаҳои антенаталӣ назорат карда мешаванд ва ТЗР-и якумрӣ мегиранд (227 дар соли 2023 ва 105 дар соли 2024). Аз кӯдакони аз модарони гирифтори ВНМО таваллудшуда, 99,6% дар соли 2024 бо профилактикаи зиддиретровирусӣ фаро гирифта шудаанд. Сатҳи ИСМК дар соли 2023 2,2% ва дар соли 2024 2,5% -ро ташкил дод. Ташхиси барвақти сироятёбии ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори ВНМО таваллуд шудаанд (санҷиши вирусологӣ дар давоми ду моҳи таваллуд) дар соли 2024 дар 241 (99%) кӯдак анҷом дода шуд.

Дар панҷ соли охир, ҳиссаи кӯдакон (то 18 сола) дар байни ҳамаи сироятҳои нави ВНМО коҳиш ёфтааст (дар соли 2024 нисбат ба соли 2019 беш аз ду баробар кам шудааст).

Тибқи "Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025", минтақаҳои аз ҳама бештар осебдида ш. Душанбе (сатҳи гирифторшавӣ ба беморӣ ба 100,000 аҳолӣ - 29.3), Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (16.3), Вилояти Суғд (14.0) ва Вилояти Хатлон (11.5) мебошанд (8). Ин метавонад ҳам аз тамаркузи эпидемия дар шаҳрҳои калон ва ҳам аз дастрасии нокофӣ ба санҷиш ё доғгузорӣ (стигматизатсия) нисбат ба санҷиш (6, 9) шаҳодат диҳад.

Аз нигоҳи тақсимоти ҷинсӣ, тамоюли афзоиши ҳиссаи мардон (59% дар соли 2019 ва 64% дар соли 2022) ва коҳиши ҳиссаи занон (41% дар соли 2019 ва 36% дар соли 2022) мушоҳида мешавад. Бо вуҷуди ин, алоқаи ҷинсӣ роҳи асосии интиқоли ВНМО боқӣ мемонад (71.7% дар соли 2019) (6, 8). Ин метавонад нишонаи доғгузории алоқаи ҷинсии ҳамҷинсгароён ва дар натиҷа, нодида гирифтани шумораи мардони ҳамҷинсгаро бошад. Омили дигари муҳим ин аст, ки муҳоҷирати мардон бо сабабҳои иқтисодӣ дар миқёси васеътар нисбат ба муҳоҷирати занон сурат мегирад, ки дар натиҷа фоизи мардон дар байни ҳолатҳои ВНМО баландтар аст. Ҳаракати аҳолӣ, бахусус муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, ҳам аз ҷиҳати нигоҳдории беморон дар соҳаи тандурустӣ ва ҳам аз ҷиҳати гирифторӣ ба ВНМО, гепатит ва бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, як мушкили ҷиддӣ боқӣ мемонад.

Истеъмоли маводи мухаддир тавассути сӯзандору қисми назарраси интиқоли ВНМО-ро ташкил медиҳад (12,7% дар соли 2019). То 31 декабри соли 2024, 599 нафаре, ки маводи мухаддирро тавассути сӯзандору истифода бурданд, тавассути барномаи табобати афюнивазкунанда (ТАИ) дар марказҳои ТАИ, ки дар тамоми минтақаҳои кишвар дар муассисаҳои тандурустии давлатӣ фаъолият мекунанд, табобат ва кӯмаки тиббӣ мегиранд. Фарогирии ТАИ дар байни истифодабарандагони маводи мухаддири тазриқӣ (ИММТ) 3,3%-ро дар кишвар ташкил медиҳад, ки тақрибан ба соли гузашта (2023, 3,4%) баробар аст ва бетағйир боқӣ мемонад (баёнияи ГАМ 2024). Интиқоли ятрогении ВНМО кам аст, бо вуҷудин ин, он рух медиҳад (8).

Аз нигоҳи тақсимоти синнусолӣ, гурӯҳи калонтарини синнусолӣ дар қатори одамони гирифтори ВНМО (83,8%) синни репродуктивӣ (15-49 сола) мебошад. Дар байни занон, гурӯҳи калонтарини синнусолӣ 19-29 сола аст (8). Ин воқеият хизматрасониҳои солимии репродуктивӣ ва ҷинсиро дар доираи равиши ҳамаҷонибаи кӯмаки тиббӣ ва таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардан ба чорабиниҳои СПИД ҳангоми ҳомиладорӣ ва интиқоли минбаъда ба ҷанин ва навзод махсусан муҳим мегардонад. Бар асоси натиҷаҳои ташхиси яккаратаи 199,602 зани ҳомила, 63 ҳолати нави сироятёбии ВНМО (0,03%) муайян карда шуд (маълумот барои соли 2021) (7).

Дар Тоҷикистон пайваста сатҳи баланди ташхиси дерҳангом дида мешавад: 52% ҳолатҳои нави ВНМО дар марҳилаҳои дер ташхис карда мешаванд. Дар айни замон, тибқи тахминҳо дар мавриди давомнокии кӯмаки тиббӣ, тақрибан 75% одамони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон аз ҳолати худ огоҳанд, ки ин дар муқоиса бо маълумоти мавҷуда тахмини хеле оптимистӣ мебошад (6, 8).


Ташхиси ВНМО

Тавсия дар мавриди гузаронидани санҷиш ҳангоми ҳомиладорӣ аз соли 2008 инҷониб тадриҷан амалӣ карда мешавад ва аз соли 2010 ҳамаи шаҳру ноҳияҳои кишвар ба барнома шомил карда шудаанд. Аз соли 2011, кишвар стратегияи вобаста ба ду маротиба гузаронидани скрининги умумии ҳамаи занони ҳомила дар давраи ҳомиладориро амалӣ мекунад. Дар соли 2017, протоколи нави ПИСМК санҷишро як маротиба, танҳо дар семоҳаи аввали ҳомиладорӣ ва санҷиши такрориро танҳо барои занони ҳомилаи аз гурӯҳҳои хавф ё осебпазирбуда тавсия додааст. Дар барномаи миллӣ барои солҳои 2021-2025, ин амалия боз ба скрининги умумӣ ва ройгон барои ҳамаи занони ҳомила иваз карда шуд.

Тоҷикистон тавсияҳои ТУТ-ро барои истифодаи стратегия/алгоритми санҷиши ВНМО, ки маҷмӯи санҷишҳои фаврӣ ва/ё таҳлилҳои иммуноферментиро (ТИФ) пешбинӣ мекунад, мутобиқ кардааст, Расми 10. Тибқи протоколҳои миллӣ, занон метавонанд дар муассисаҳои тиббӣ, таваллудхонаҳо ва марказҳои табобати ВНМО бо истифода аз санҷишҳои фаврӣ ё ТИФ барои ВНМО санҷида шаванд. Дар минтақаҳое, ки ТИФ дастрас аст, он барои занони ҳомила афзалият дорад.

Расми 10. *Алгоритми ташхиси ВНМО (манбаъ: Идоракунии ташхиси лаборатории ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022)*

Нақшаи № 2. Алгоритми ташхиси ВНМО дар байни калонсолон ва кӯдакони аз 18 моҳа боло




Занони ҳомила бояд дар сатҳи КАТС / КАН аз санҷиши ВНМО гузаранд. Санҷиши аввал бояд ҳангоми сабти ном барои дарёфти кӯмаки ҳомиладорӣ ва санҷиши дуюм бояд 8-12 ҳафта пас, вале на дертар аз 16 ҳафта, барои фаро гирифтани "равзанаи" санҷиш гузаронида шавад. Чунин интихоби даврaҳои санҷиш камбудиҳои қаблиро инъикос мекунад, ки асосан аз сабаби нодуруст фаҳмидани тавсия ба вуҷуд омадаанд. Дар натиҷа, агар занон ҷиҳати дарёфти кӯмаки тиббӣ пас аз гузаштани муҳлати нишондодҳо барои санҷиши аввал сабти ном шуда бошанд, санҷиш умуман газаронида намешуд. Бо вуҷуди ин, фаҳмидани ин гуна эзоҳ метавонад душвор бошад.

Тавре ки дар “Ҳисобот доир ба натиҷаҳои арзёбии татбиқи чораҳо вобаста ба пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” омадааст, арзёбие, ки соли 2024 дар 10 шаҳру ноҳия гузаронида шудааст, нишон дод, ки фарогирии санҷиши ВНМО дар давраи аввали ҳомиладорӣ (то 12 ҳафта) байни солҳои 2021 ва 2024 аз 100% дар соли 2021 то 88,6% дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Дар маҷмӯъ, 92,4% занон ҳадди аққал як маротиба дар давраи ҳомиладорӣ санҷида шудаанд. Санҷиши такрорӣ аз ҷониби 52,2% заноне, ки дар аввал санҷида шудаанд ва 48,2% заноне, ки сабти антенаталиро анҷом додаанд (161,793 зан), гузаронида шудааст. Аз 46 зани ҳомилае, ки гирифтори ВНМО шудаанд, 15 нафар дар охири ҳомиладорӣ ташхис шудаанд.

Низоми кунунии санҷиш дар Тоҷикистон ба санҷиши барвақтӣ нигаронида шудааст. Ин стратегия имкон медиҳад, ки заноне, ки гирифтори ВНМО ҳастанд, вале аз сироятёбии худ огоҳ нестанд, муайян карда шаванд. Сенарияи дигар ба заноне дахл дорад, ки гирифтори ВНМО нестанд, вале шарик ё ҳамсари гирифтори ВНМО доранд, ки ё аз сироятёбии худ бо ВНМО огоҳ нест ё аз он огоҳ аст, аммо табобати зиддиретровирусиро риоя намекунад. Хатари гирифтор шудан ба ВНМО барои чунин занон доимӣ нест, вале он ҳангоми ҳомиладорӣ меафзояд ва дар давраи пас аз таваллуд ба авҷи худ мерасад. Ин ҳолат шарҳ медиҳад, ки чаро сироят дар давраи то ҳомиладорӣ ташхис намешавад ва танҳо дар ҷараёни ҳомиладорӣ ошкор мегардад.

Расми 11. *Тасвири модели соддакардашудаи хатари сироятёбӣ бо ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ*



Санҷиши барвақт дар чунин сенария ин хавфро бартараф намекунад, зеро хатари сироятёбӣ ҳатто дар ҳолати идомаи ҳамон фаъолияти ҷинсӣ дар давраи ҳомиладорӣ

афзоиш меёбад. Ин хатарро танҳо бо санҷиши шарик / ҳамсар, санҷиш дар охири ҳомиладорӣ ё санҷиш ҳангоми синамаконӣ бартараф кардан мумкин аст. Санҷиши шарик / ҳамсар равиши мувофиқтарин ба назар мерасад, аммо дар амал татбиқи он хеле душвор аст. Расми 11 хатари тағйирёбандаи гирифтор шудан ба ВНМО-ро ҳангоми ҳомиладорӣ бо ҳамон як рафтори ҷинсӣ ва ҳамон шарики / ҳамсари гирифтори ВНМО нишон медиҳад (бар асоси Theron et al. 2021). Сенария бо ду санҷиш, ки мувофиқи протокол анҷом дода шудаанд.

Дар ҷараёни арзёбии ҷорӣ муайян гардид, ки дар аксари муассисаҳои хизматрасонии боздидшуда занони ҳомила ҳангоми сабти антенаталӣ аз санҷиши ВНМО аз ҳисоби маблағҳои шахсӣ мегузаранд. Тибқи маълумоти маҳаллӣ, ки аз Маркази ВНМО дар ш. Турсунзода дастрас гардидааст, аз 43,29% то 52,27% санҷишҳои гузаронидашуда аз ҳисоби маблағҳои шахсии шаҳрвандон пардохт шудаанд (**Ҷадвали 4**).

Ин бо натиҷаҳои арзёбии аз ҷониби МҶ ВНМО дар 10 шаҳру ноҳия дар соли 2024 гузаронидашуда мувофиқ аст, ки дар он омадааст, ки аксари муассисаҳои тиббӣ ва марказҳои солимии репродуктивӣ имкони гузаронидани санҷиши ройгони ВНМО-ро барои занони ҳомила надоранд (*Ҳисобот дар бораи натиҷаҳои арзёбии татбиқи чораҳо вобаста ба пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2024*).

Ҷадвали 4. *Санҷиши ВНМО дар ш. Турсунзода, с. 2021–2024 (n=143,925)*

Сол	Фоизи санҷишҳои гузаронидашуда дар муассисаҳои хусусӣ дар байни ҳамаи занон (%)	Фоизи санҷишҳои гузаронидашуда дар муассисаҳои хусусӣ дар байни ҳамаи мардон (%)
2021	43.29	49.29
2022	48.95	50.23
2023	48.06	46.91
2024	52.27	55.89
Ҳамагӣ	48.81	51.31

Тибқи ҳуҷҷати “Барномаи миллии муқовимат бо ВНМО” фарогирии нокофии занони ҳомила бо санҷиши ВНМО асосан ба норасоии маблағгузорӣ барои хариди маводи санҷишӣ аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ, инчунин ба сабти дери баъзе занони ҳомила, махсусан дар минтақаҳои дурдасти деҳот, вобаста мебошад. Ин хулоса бо натиҷаҳои арзёбии соли 2024, ки аз ҷониби МҶ ВНМО анҷом дода шудааст, мутобиқат дорад. Арзёбӣ нишон дод, ки аз 11 шаҳру ноҳия танҳо се ноҳия талаботи хариди маводи санҷиширо пурра қонеъ гардонидаанд, дар ҳоле ки дар чор ноҳия барои хариди санҷишҳо умуман маблағ ҷудо нашудааст. Дар чор ноҳияи боқимонда сатҳи маблағгузорӣ аз 11% то 53%-и ниёзи муайяншударо ташкил додааст. Дар натиҷа, хариди санҷишҳои фаврии ВНМО дорои хусусияти низомманд (систематикӣ) нест, бештар ба қарор ва механизмҳои маҳаллӣ такя мекунад ва ба самаранокии умумии татбиқи барномаҳои пешгирӣ таъсири манфӣ мерасонад. **Акси 1** фарқиятҳоро дар мавҷудият ва навъи санҷишҳои фаврии ВНМО, ки дар муассисаҳои тиббие, ки санҷиши занони ҳомиларо анҷом медиҳанд, нишон медиҳад.

Акси 1. *Санҷишҳои фаврии ВНМО, ки дар муассисаҳои тиббӣ ҳангоми боздид аз кишвар мушоҳида гардиданд (аксҳо: Ҷ. Ковалска)*













Бо вуҷуди ин, дар ҷараёни арзёбии ҷорӣ муайян карда шуд, ки дар аксари муассисаҳои боздидшуда занони ҳомила барои гузаронидани санҷиши ВНМО ба озмоишгоҳҳое равона мешуданд, ки ташхисро аз ҳисоби худи занон анҷом медоданд, гарчанде ки санҷишҳои фаврии ВНМО, ки аз ҷониби МҶ ВНМО ба таври мутамарказ харидорӣ шуда буданд, дар худи муассисаҳо дастрас буданд. Ин амал асосан бо он шарҳ дода мешуд, ки занон анҷом додани тамоми санҷишҳои ташхисиро дар як муассиса авлотар медонанд, зеро қисми дигари ташхисҳои заруриро ба ҳар ҳол дар озмоишгоҳҳои хусусӣ гузаштан зарур аст. Бо вуҷуди ин, ин эзоҳ бо далелҳои муътамад тасдиқ нашуд ва дар ҳеҷ яке аз муассисаҳои боздидшуда ҳуҷҷат ё иттилооти дастрас дар бораи рӯйхати хизматрасониҳои ройгон ба таври возеҳ пешниҳод намегардид. Дар ин замина, барои баррасии чунин тасаввуроти паҳншуда, гузаронидани арзёбӣ доир ба сатҳи огоҳии беморон дар бораи ҳуқуқ ва имтиёзҳои худ муҳим дониста мешавад.

Арзёбии ҷорӣ инчунин ягон далел доир ба мавҷудияти назорати сохторӣ ва мунтазам вобаста ба татбиқи “Протоколи клиникӣ доир ба тақвияти чораҳо барои пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бо фармони № 876 Вазорати тандурустӣ аз 30 сентябри соли 2021 тасдиқ шудааст, дар сатҳи муассисаҳои КАТС, марказҳои солимии репродуктивӣ ва таваллудхонаҳо ошкор накард. Ягона муассисае, ки назорати мунтазами маълумоти омориро анҷом медод, Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон буд (**Ҷадвали 5**).

Вохӯриҳо бо кормандони пажӯҳишгоҳ ниёз ва ҳавасмандии онҳоро ба омӯзиш дар самти ВНМО нишон доданд. Ҳамзамон, таъкид гардид, ки чунин омӯзиш бояд ба ниёзҳои мушаххаси хизматрасонӣ ва имкониятҳои амалии татбиқи он мутобиқ карда шавад.

Ҷадвали 5. *Маълумоти оморӣ доир ба занони ҳомилае, ки ба Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон қабул шудаанд.*

	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024	9 моҳи аввали с. 2025
Шумораи занони ҳомилае, ки барои таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ бистарӣ шудаанд	11,841	13,813	13,953	14,607	14,421
Шумораи занони ҳомилае, ки барои ВНМО санҷида шудаанд	4,249	6,868	4,849	5,483	3,058
Шумораи натиҷаҳои мусбати санҷиши ВНМО дар байни занони ҳомилае, ки дар муассисаҳои тиббӣ бистарӣ шудаанд	-	3	3	3	-
Шумораи занони ҳомилаи гирифтори ВНМО, ки дар муассисаҳои тиббӣ бистарӣ шуда, таваллуд кардаанд	12	15	9	12	10
Шумораи таваллудҳо тавассути бурриши қайсарӣ дар занони гирифтори ВНМО	7	11	8	9	8
Аз ҷумла, бурриши қайсарӣ бо нишондодҳои акушерӣ	5		1	3	2

Ҷадвали 6. *Маълумоти сатҳи миллӣ доир ба гузаронидани санҷиши ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ аз ҷониби МҶ ВНМО пешниҳод гардидааст.*

Шумораи занони ҳомилае, ки барои ВНМО санҷида шудаанд:	**2021**	**2022**	**2023**	**2024**
Шумораи умумии ташхисҳо	275,206	329,692	373,809	401,578
Як маротиба санҷида шудааст	209,379	210,771	234,439	248,639
Ду маротиба санҷида шудааст	65,827	118,921	139,370	152,939

Тавре ки дар бахши “Кӯмаки антенаталӣ” зикр гардидааст, шумораи таваллудҳои хонагӣ коҳиш ёфтааст, вале дар соли 2023 ҳанӯз зиёда аз 1 500 таваллуд бе иштироки мутахассиси баландихтисоси соҳаи тибб сурат гирифтааст. Ин масъала саволи зеринро ба миён меорад: чӣ гуна метавон занонро бо санҷиши ВНМО таъмин кард, агар онҳо ҳангоми ҳомиладорӣ санҷида нашуда бошанд?

Ҷадвали 7. *Сироятҳои нави ВНМО дар байни занони ҳомила дар соли 2024, бо назардошти муҳлати ҳомиладорӣ (манбаъ: МҶ ВНМО).*

№	Минтақа	То 12 ҳафта	13–21 ҳафта	22–32 ҳафта	33 ҳафта ва зиёдтар	Ҳангоми таваллуд	Ҳамагӣ
Ҳамагӣ аз рӯи миқдор (%)		6 (13.3)	16 (35.5)	11(24.4)	6 (13.3)	6 (13.3)	45 (100)
1	Душанбе		2	2	3		7
2	Рудакӣ		3				3
3	Турсунзода						0
4	Ҳисор		2			1	3
5	Ваҳдат	1	1	2	1	1	6
6	Бохтар		1				1
7	Вахш	1	1				2
8	Қушониён	1	1			2	4
9	Ёвон				1		1
10	А.Ҷомӣ	1	1		1		3
11	Шаҳритуз			1			1
12	Левакант	1		1			2
13	ш. Кулоб					1	1
18	Восеъ		1				1
21	Ҳамадонӣ			1		1	2
23	н. Кулоб			2			2
10	Спитамен	1					1
11	Истаравшан		2				2
12	Б. Ғафуров		1	1			2
13	Ашт			1			1

Шумораи кӯдакони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон ҳамасола баланд боқӣ мемонад (ҷадвали 8). Дар давоми 10 соли охир 418 кӯдак ба ВНМО мубтало гардидаанд. Танҳо чанд ҳолат ҳангоми ҳомиладорӣ ташхис шудаанд. Аксари ташхисҳо дар кӯдакони аз 18 моҳа боло сурат гирифтаанд ва аз ин рӯ, тибқи меъёрҳои ТУТ, ба ҳисобҳои нишондиҳандаҳои таъсир дохил карда намешаванд. Аммо, ин ҳолат таъсири манфии дастрасии маҳдуд ба кӯмаки антеналӣ, дастрасии нокофӣ ба санҷиши ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ ва дар натиҷа ташхиси дер дар кӯдаконро инъикос мекунад.

Ҷадвали 8. *Шумораи кӯдакони гирифтори ВНМО дар солҳои 2015–2024.*

Соли ташхис	Шумораи умумии ташхисҳои нав	
2015	55	Кӯдакони гирифтори сироятёбии амудии ВНМО аз соли 2015 то 2020. (Протоколи клиникӣ доир ба тақвияти чораҳо вобаста ба пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон)
2016	53	
2017	60	
2018	53	
2019	45	
2020	42	
2021	31	Маълумот аз маҳзани додаҳои Маркази минтақавии ВНМО (Infotracker)
2022	30	
2023	24	
2024	25	
2015–2024	418	

Ташхиси барвақти навзодон


ТУТ ташхиси барвақти ҳамаи навзодони зери хатари сироятёбии ВНМО қарордоштаро тавсия медиҳад, то ин ки табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) сари вақт оғоз гардида, фавт коҳиш ёбад. Тибқи тавсияҳои ТУТ, навзодон бояд дар давоми 48 соат пас аз таваллуд, баъдан дар синни 4–6 ҳафта (ё ҳарчи зудтар пас аз он, то ду моҳагӣ) ва инчунин дар синни нӯҳмоҳагӣ бо истифода аз санҷиши туршуи (кислота) нуклеинӣ (СТН) аз ташхис гузаранд. Ташхиси барвақт на танҳо ба навзодон, балки ба ҳамаи кӯдакони то 18-моҳа дахл дорад. Кӯдакони синни 18 моҳа ва калонтар метавонанд бо истифода аз ҳамон санҷишҳои серологӣ, ки барои калонсолон татбиқ мешаванд, ташхис карда шаванд.

Ташхиси барвақти навзодон (ТБН) бо истифода аз равиши ташхиси қатраи хушки хуни капиллярӣ (ҚХХК) анҷом дода мешавад. Ин равиш яке аз роҳҳои муҳими дастрас ва самараноки ташхиси ВНМО дар навзодон, бавижа дар шароити захираҳои маҳдуд, ба ҳисоб меравад. Раванди мазкур ҷамъоварии намунаи хунро аз пошна ё нӯги ангушт дар бар мегирад, ки баъдан дар коғази филтр хушк карда мешавад. Намунаҳои хушкшуда дар ҳарорати хона собит буда, ниёз ба нигоҳдорӣ дар яхдонро аз байн мебаранд ва барои анҷом додани ташхиси вокуниши занҷиравии полимеразӣ (ВЗП) ба озмоишгоҳ фиристода мешаванд.

Дар «Протоколи миллӣ доир ба идоракунии ташхиси лаборатории сироятёбии ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (с. 2022) ин раванд дар бахши 6.3 таҳти унвони «Ташхиси сироятёбии ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори ВНМО таваллуд шудаанд» муфассал шарҳ дода шудааст. Ҷараёни мазкур ба таври марказӣ аз ҷониби МҶ ВНМО назорат мешавад (**Графики 1**). Бо вуҷуди ин, дар протокол тартиби ҷамъоварии намунаҳо ва механизмҳои пешниҳоди саривақтии натиҷаҳои санҷиш ба муассисаҳои клиникӣ ба таври возеҳ муайян нашудаанд.

Графики 1. *Алгоритми ташхиси ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони бо ВНМО зиндагикунанда таваллуд шудаанд.*

Нақшаи № 3. Алгоритми ташхиси ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони бо ВНМО зиндагикунанда таваллуд шудаанд



Дар ҷараёни арзёбии ҷорӣ тартиби амалии зерин мавриди омӯзиш қарор гирифт. Намунаҳои қатраи хушки хун бояд аз ҷониби неонатолог дар вақти таваллуд ҷамъоварӣ гардида, барои ташхис ба ш. Душанбе интиқол дода шаванд. Ҳамаи санҷиши ҚХХК барои ташхиси барвақти навзодон (ТБН) дар озмоишгоҳи МҶ ВНМО ба таври мутамарказ анҷом дода мешаванд, ки ин ба таъмини сифати ташхис ва назорати эпидемиологӣ мусоидат менамояд (**Акси 2**).

Акси 2. *Озмоишгоҳи МҶ ВНМО (аксҳо аз ҷониби Ҷ. Ковалска).*



Баста барои санҷиши қатраи хушки хун



Бахши ПЦР



Озмоишгоҳи истинодӣ (референтӣ)



GeneXpert бо манбаи эҳтиётии барқ

Ин низом дар муассисаҳое самаранок амал мекунад, ки дар онҳо таваллуд аз модарони гирифтори ВНМО ба таври мунтазам сабт мешавад. Намунаи чунин муассиса Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон мебошад (**Акси 3**).


Акси 3. *Бастаи ПИСМК-и ВНМО дар Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон ва сабтҳои махфии тиббӣ, ки натиҷаҳои санҷиши ҳомиладориро инъикос менамоянд.*



Бастаи ПИСМК-и ВНМО



Ҷузъҳои ППТ-и неонаталӣ



Санҷиши фаврии ВНМО



Баста барои санҷиши қатраи хушки хун



Ҳуҷҷатҳои тиббӣ, ки натиҷаҳои санҷиш ва санаҳои анҷом додани онҳоро инъикос менамоянд

Дар дигар муассисаҳо бастаи ҷамъоварии намунаҳо барои ташхис бо усули қатраи хушки хун нестанд ва бояд аз марказҳои минтақавӣ ё маҳаллии ВНМО интиқол дода шаванд. Дар айни замон, дар озмоишгоҳи МҶ ВНМО тартиби муқарраргардидае, ки пешниҳоди саривақтии натиҷаҳои санҷишро ба муассисаҳои тиббӣ ва парасторон таъмин намояд ва ба истифодаи оптималии манфиатҳои ташхиси ҚХХК ҳангоми таваллуд мусоидат кунад, мавҷуд нест.

Ҷадвали 9. *Ташхиси барвақтии навзодон дар Тоҷикистон (маълумоти МҶ ВНМО)*

	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024
Шумораи кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори ВНМО таваллуд шудаанд	197	252	245	246
Аввалин санҷиши ДНК/ВЗП доир ба ВНМО гузаронида шудааст	188	242	241	241
Дуюм санҷиши ДНК/ ВЗП доир ба ВНМО гузаронида шудааст	179	238	237	239
Аввалин ё дуюм санҷиши ДНК/ ВЗП доир ба ВНМО гузаронида шудааст	191	244	241	241
Шумораи кӯдаконе, ки барои ВНМО бо натиҷаи мусбат санҷида шудаанд	2	5	4	5

Кӯмаки тиббӣ ба шахсони бо ВНМО зиндагикунанда

ВТҲИА дар амалигардонӣ ва навсозии “Барномаи миллии муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва синдроми норасоии масунияти пайдошуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ҳамчунин ҳамаи протоколҳои клиникӣ доир ба ташхис, табобат ва пешгирии ВНМО, уҳдадор аст. Дастурамалҳои охирин дар зер оварда шудаанд:

- Дастурамал оид ба табобат ва назорати диспансерии сирояти ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (наврасон ва калонсолон), ш. Душанбе, с. 2023.
- Дастурамал оид ба ташхиси озмоишгоҳии сирояти ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023.
- Протоколи клиникӣ оид ба пурзӯр намудани чораҳои пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2023.

МҶ ВНМО аз назорати татбиқи *Барномаи миллӣ* масъул мебошад. Масъулияти зерин ҷамъоварии маълумоти эпидемиологӣ, логистикаи харид ва тақсимоти мутамарказ (марказонидашуда), фаъолияти озмоишгоҳҳои истинодӣ, расонидани кӯмаки тиббӣ ба беморон ва дастгирии сокинони дигар минтақаҳоро, ки муваққатан дар ш. Душанбе иқомат мекунанд, дар бар мегирад. Ба доираи масъулиятҳо инчунин роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозӣ, назорати сифат ва расонидани хизматрасонӣ, омӯзиши кормандон ва роҳнамоии амалияҳо низ дохил мешаванд. Намояндагони МҶ ВНМО дар таҳия ва татбиқи барномаҳои миллӣ, протоколҳои клиникӣ ва қонунгузорие, ки аз ҷониби ВТ ҲИА гузаронида мешавад, ширкат меварзанд.

Ғайримарказикунонии табобати ВНМО яке аз қадамҳои муҳим дар татбиқи равиши бемормеҳвар (ба бемор нигаронидашуда) мебошад, ки дар он хизматрасониҳои гуногун дар як ҷо ва дар як вақт дастрасанд. Ин барои Тоҷикистон, ки дурии ҷуғрофӣ ва

мушкилоти дастрасии нақлиёти ҷамъиятӣ ҳамчун монеаҳои асосӣ барои нигоҳдории беморон дар низоми тандурустӣ мебошанд, аҳаммияти хоса дорад. Равиши мазкур инчунин барои кӯмаки антенаталӣ муҳим аст. Тоҷикистон тавассути ҳамгироии онҳо ба низоми нигоҳубини аввалияи тиббӣ дар сатҳи маҳаллӣ ба ғайримарказикунонии хизматрасониҳои табобати ВИЧ шурӯъ кардааст. Дар аввали соли 2023, 1486 бемор аллакай дар марказҳои тиббии маҳаллӣ таҳти назорат қарор доштанд.

Тавре ки дар гузориши ТУТ омадааст, Тоҷикистон дар беҳтар кардани режимҳои табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР), бахусус гузариш ба омехтагии (комбинатсияи) вояи муқарраршуда (ТЛД), пешрафти назаррас кардааст: фарогирии табобат дар байни афроде, ки дар соли 2022 ташхис шудаанд, 97,8%-ро ташкил дод. Намудҳои педиатрии долутегравир (5 мг ва 10 мг) дастрасанд ва аксари кӯдаконе, ки гирифтори ВНМО ҳастанд, режимҳои ТЗР-и асосиро мегиранд, ки асосан ДТГ доранд. Санҷиши сарбории вирусӣ дар қариб 90%-и кӯдакон (с. 2025), ки ТЗР мегиранд, гузаронида мешавад.

Дар протоколи миллӣ тавсия мешавад, ки ТЗР дар ҳамаи наврасон ва калонсолони гирифтори ВНМО, занони ҳомила ва ширдеҳ ва кӯдакони то 15-сола, новобаста аз марҳилаи клиникӣ, сарбории вирусӣ ё шумораи ҳуҷайраҳои CD4, оғоз карда шавад. Занони ҳомила бояд ТЗР-ро новобаста аз муҳлати ҳомиладорӣ оғоз кунанд.

Навзодоне, ки аз модарони гирифтори ВНМО таваллуд шудаанд, мувофиқи тавсияҳои ТУТ ППТ-и неонаталӣ мегиранд. Навзодони дорои хавфи баланд инҳоянд:

- аз модароне таваллуд шудаанд, ки гирифтории онҳо ба ВНМО маълум буд ва камтар аз чор ҳафта пеш аз таваллуд ТЗР гирифтаанд;
- аз модароне таваллуд шудаанд, ки гирифтории онҳо ба ВНМО маълум буд ҳастанд ва сарбории вирусии >1000 нусха/мл доштанд (агар маълумот дар бораи сарбории вирусӣ дастрас бошад);
- аз модароне таваллуд шудаанд, ки сироятёбӣ бо ВНМО тасодуфан ҳангоми ҳомиладорӣ ё ширдиҳӣ ошкор шудааст;
- навзодони дар хатари сироятёбӣ бо ВНМО қарордошта, ки натиҷаи ташхис пас аз таваллуд гузошта шудааст, бо ё бе натиҷаи манфии санҷиши перинаталии ВНМО;
- навзодони ширмак.

Дар протоколи клиникӣ барои ҳамаи кӯдаконе, ки аз модарони гирифтори ВНМО таваллуд шудаанд, ғизодиҳии сунъӣ тавсия дода мешвад, бо вуҷуди ин, синамаконии истисноӣ метавонад ҳамчун алтернатива ба ғизодиҳии омехта ё сунъӣ амалӣ гардад, бо шарти он ки ҳам модар ва ҳам кӯдак табобати зиддиретровирусӣ мегиранд (Қисми 7.3.2, Синамаконӣ). Шири хушк бояд ройгон тақсим шавад. Бо вуҷуди ин, тибқи арзёбии соли 2023 аз ҷониби МҶ ВНМО гузаронидашуда, маблағҳои ҷудошуда дар соли 2024 барои 11 шаҳру ноҳия танҳо 26,6%-и ниёзи солонаи шири хушкро фаро мегиранд.

Дар **Ҷадвали 10** маълумот аз пойгоҳи додаҳои Infotracker оварда шудааст, ки расонидани кӯмаки тиббиро ба занони бо ВНМО зиндагикунанда, аз ҷумла заноне, ки ҳангоми табобат ҳомиладор шудаанд ва онҳое, ки дар давраи ҳомиладорӣ бори аввал бо натиҷаи мусбат ташхис шудаанд, нишон медиҳад.

Ҷадвали 10. *Нигоҳубини занони бо ВНМО зиндагикунанда, аз ҷумла ҳомиладор (рақамҳои мутлақ, манбаъ: Infotracker)*

Сол	2021	2022	2023	2024
Ҳама занони гирифтори ВНМО				
Шумораи занони бо ВНМО зиндагикунанда	5,074	5,455	5,858	6,239
Шумораи занони бо ВНМО зиндагикунанда, ки кӯмаки тиббӣ ва ТЗР мегиранд	3,864	4,167	4,537	4,721
Шумораи занон бо ташхиси нави ВНМО	344	375	405	379
Занони ҳомилаи гирифтори ВНМО				
Шумораи занони бо ВНМО зиндагикунанда, ки дар соли муайян кӯдаки зинда таваллуд кардаанд	200	252	251	247
Шумораи занони ҳомила, ки аллакай ТЗР мегиранд	216	263	272	251
Шумораи ташхисҳои нави ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ	48	44	45	46
Шумораи ташхисҳои нави ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ, ки ТЗР-ро оғоз кардаанд	44	38	36	41
Кӯдакони гирифтори ВНМО				
Шумораи ташхисҳои нави ВНМО дар кӯдакон дар соли муайян	31	30	24	25
Шумораи ҳолатҳои интиқоли амудии сироят дар соли муайян (мувофиқи таърифи ТУТ)	2	1	1	6

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз маблағҳои Фонди ҷаҳонии муқовимат бо ВНМО/Сил/Вараҷа тавассути низоми БРСММ хариди доруҳои зиддиретровирусиро оғоз намуд. Дар соли 2025, аввалин маҳмулаи (партия) доруҳои зиддиретровирусӣ барои 1068 бемор бо маблағҳои давлатӣ тавассути ҳамин низом таъмин карда шуд. Ин амал аз банақшагирии дарозмуддат ва устуворӣ дар таъмини дастрасии беморон ба кӯмаки тиббӣ шаҳодат медиҳад.

Шарҳи ҳолатҳои инфиродӣ

Дар ҷараёни арзёбии ҷорӣ, маълумоти рақамӣ барои солҳои 2021–2025 бо мақсади ҷамъоварии иттилооти зарурӣ барои ҳисоб ва таҳлили нишондиҳандаҳои марбут ба ВНМО мавриди баррасӣ қарор гирифт. Барои ин раванд, намунаи (шаблон) Замимаи I-и Веб-платформаи ТУТ истифода шуд. Дар асоси пойгоҳи додаҳои амалкунанда чор ҷаласаи корӣ баргузор гардид. Ба гурӯҳи корӣ муовини директор оид ба назорати эпидемиологӣ, кормандони шуъбаи эпидемиологӣ ва табиби занонаи шуъбаи диспансерии МҶ ВНМО-ро шомил будаанд.

Таҳлили маълумоти пешниҳодшуда доир ба ҳолатҳои инфиродии интиқол (ҷуфтҳои “модар ва кӯдак”) нишон медиҳад, ки сенарияи бештар мушоҳидашаванда ҳолатест, ки дар он ба модар ташхиси мусбати ВНМО гузошта мешавад ва ӯ ТЗР-ро оғоз менамояд, вале минбаъд аз назорати тиббӣ берун (нопадид) мемонад. Ин ҳолат дар 9 аз 16 мавриди (56,2%) сабт шудааст (нигаред ба **Ҷадвали 11**).

Ҷадвали 11. *Шарҳи ҳар як ҳолати инфиродӣ мутобиқ ба Замимаи I-и Веб-платформаи ТУТ (шакли намунавии гузориши ҳолатҳо, Замимаи 5)*

YEAR	2021	2021	2022	2022	2022	2022	2025
Case ID	170/2008	68/2016	747/2022	874/2021	637/2021	279/2019	871/13
Anonymized maternal							
Date of first prenatal visit	17.03.2021	11.12.2020	08.06.2022	01.01.2022	20.09.2021		02.08.2022
Gestational week of first prenatal	24	18	34	35	31	40	30
If known positive: Date of HIV diagnosis	06.05.2008	27.01.2016	08.06.2022	01.01.2022	17.09.2021	28.03.2019	23.08.2013
If known positive: Antiretroviral (ARV) regimen	TLD	TLD	TLD	TLD	TLD	TDF/FTC/EFV	TLD
If known positive: Date of initiation on ARV	18.03.2021	22.07.2016	08.06.2022	14.12.2021	20.09.2021	TLD from 03.10.2020 until 18.01.2022	from 23.08.2019 until 06.10.2021 from 02.08.2022
Diagnosed during current pregnancy: Date of first HIV test	WLHIV	WLHIV	in pregnancy	in pregnancy	14.09.2021	WLHIV	WLHIV
Diagnosed during current pregnancy: Gestational age at first	N/A	N/A	17.05.2022	14.12.2021	31	N/A	N/A
Diagnosed during current pregnancy: Results of first HIV test	N/A	N/A	Positve Rapid	Positve Rapid	Positve Rapid	N/A	N/A
Diagnosed during current pregnancy: Dates of subsequent HIV	N/A	N/A	06.06.2022	14.12.2021	14.09.2021	N/A	N/A
Diagnosed during current pregnancy: Gestational age at	N/A	N/A	34	33	31	N/A	N/A
Diagnosed during current pregnancy: Results of subsequent	N/A	N/A	Positive IFA	Positive IFA	Positive IFA	N/A	N/A
Treatment adherence status	No	No	ART	ART	ART from 20.09.2021	ART from 28.03.2019 until 18.01.2022	from 02.08.2022
Viral loads: Dates of testing during	No	12.10.2020	29.06.2022	10.12.2021	12.10.2021	11.02.2021	17.06.2020
Viral loads: Results during pregnancy	No	332913	130000	213000	588	40	1590000
Viral loads: Dates of last testing before delivery	07.06.2021	01.03.2021	No	24.01.2022	24.05.2022	after delivery 27.04.2023	after delivery 31.01.2023
Viral loads: Results of last testing	45	49	No	69	208084	55800	1210000
Other relevant maternal diagnoses (for example, syphilis, TB)	M+	M+/1st pregnancy	M+ (first husband)	M+	M+	M-	M+
Anonymized neonate	035/2021	58/2021	91/2022	14/2023	183/2024	1584/2024	2023 БОХТАР
Date of delivery	28.06.2021	09.03.2021	01.07.2022	28.01.2022	17.11.2022	18.11.2022	27.12.2022
Type of delivery	vaginal	vaginal	C-section	vaginal	vaginal		vaginal
Estimated gestational age at delivery (in weeks)	38	30	37-38	38-39	39	40	Unknown
Birth weight (in grams)							
Vital status	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive
Types of ARV used as prophylaxis	AZT+3TC	No	AZT+3TC+NVP	AZT+3TC	AZT+3TC+NVP	No	Unknown
Dates of ARV prophylaxis	28.06.2021	N/A	01.07.2022	28.01.2022	17.11.2022	No	Unknown
Duration of ARV prophylaxis	16.07.2021	N/A	01.07.2022	26.02.2022	17.12.2022	No	Unknown
Dates of 1st PCR test	06.07.2021	01.04.2021	31.08.2022	02.02.2022	22.11.2022	05.05.2023	01.02.2023
Result of PCR test	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive
Dates of 2nd PCR test	12.07.2021	No	19.09.2022	11.04.2022	No	05.06.2023	10.03.2023
Result of PCR test	Positive	No	Positive	Positive	No	Positive	Positive
Dates of final antibody test	N/A	N/A	19.09.2022	15.12.2023	06.07.2024	09.07.2024	02.01.2025
Types of final antibody test	N/A	N/A	PCR-DNK	PCR-DNK	PCR-DNK	IFA	IFA
Result of final antibody test	N/A	N/A	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive
Types of ARV if HIV-infected	N/A	N/A	AZT+3TC+NVP until 31.08.2023	AZT+3TC+NVP	AZT/3TC+DTG	ABC/3TC+DTG	AZT+3TC+NVP
Dates of ARV if HIV-infected	N/A	N/A	19.10.2022	15.12.2023	06.07.2024	18.07.2024	from 04.04.2023 until 29.05.2025 change
Duration of ARV if HIV-infected	N/A	N/A	Continues	Continues	Continues	Continues	Continues
Types, dates and duration of ARV if HIV-infected	N/A	N/A	ABC/3TC+DTG from 31.08.2023	ABC/3TC+DTG since 02.09.2024	AZT/3TC+DTG from 06.07.2024	ABC/3TC+DTG from 18.07.2024	AZT/3TC+DTG
Types of nutrition	formula	formula	formula	formula	formula	смешанное	formula
If breastfeeding, specify time periods	N/A	N/A	N/A	N/A	N/A	N/A	N/A
Other relevant information (describe attempts to follow up, if applicable)	dead - 16.07.2021	dead - 10.03.2021	alive	alive	alive	alive	alive
Причины смерти							

2023	2023	2023	2023	2024	2024	2024	2024	2025
1118/2018	928/2023	419/2018	689/2024	1485/2018	233/2024	854/2023	1081/2011	660/2025
15.08.2023	29.11.2023	15.07.2022	02.09.2024	Unknown	01.04.2024	01.07.2024	01.11.2023	Unknown
26	34	14	Unknown	Unknown	23	26	35	Unknown
28.08.2018	23.11.2023	02.04.2018	11.09.2024	15.11.2018	13.03.2024	02.11.2023	22.09.2011	after delivery 22.08.2025
TLD	TLD	TLD	TLD	TLD	TLD	TLD	TDF/FTC/EFV, TLD	TLD
28.08.2018 не превержена 10.06.2024 года	TDF/3TC/DTG since 29.11.2023 until	14.07.2022	02.09.2024	15.11.2018 from 02.04.2020 TLD	13.03.2024	07.11.2023	18.10.2016 and on 22.04.2020 change to TLD	12.09.2025
WLHIV	in pregnancy	WLHIV	02.09.2024	WLHIV	13.03.2024	WLHIV	WLHIV	Unknown
N/A	23.11.2023	N/A	Unknown	N/A	21	N/A	N/A	Unknown
N/A	Positve Rapid	N/A	Positve Rapid	N/A	Positve Rapid	N/A	N/A	Unknown
N/A	28.11.2023	N/A	05.09.2024	N/A	29.03.2024	N/A	N/A	Unknown
N/A	34	N/A	Unknown	N/A	23	N/A	N/A	Unknown
N/A	Positive IFA	N/A	Positive IFA	N/A	Positive IFA	N/A	N/A	Unknown
ART	ART	ART	ART from 02.09.2024	from 02.04.2020 until 24.07.2020 from	ART from 13.03.2024	on ART	on ART	on ART
15.08.2023	24.11.2023	07.06.2022	02.09.2024	22.11.2023	15.03.2024	03.11.2023	20.10.2020	No
228000	177000	212000	3050000	36	68340	896000	11900	No
27.09.2023	N/A	04.09.2023	04.03.2025	after delivery 23.11.2024	after delivery 14.09.2024	23.08.2024	14.11.2023	after delivery 26.08.2025
84600	N/A	199000	145	85400	36	238000	1660	63000
M+	M-	No	M+	M+	Unknown	Unknown	M+	M+
133/2024	111/2023	16/2024	73/2024 БОХТАР	83/ДНК/2024	66/2024	86/ДНК/2025	675/2025 БОХТАР	1060/2025 РНК
13.11.2023	13.12.2023	06.01.2023	31.05.2023	11.11.2024	24.06.2024	11.09.2024	06.01.2024	07.08.2024
C-section	C-section	vaginal	Unknown	Unknown	vaginal	C-section	vaginal	
38	36	40	Unknown	Unknown	36	35	41	
Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive
AZT+3TC+NVP	AZT+3TC+NVP	AZT+3TC+NVP	Unknown	No	AZT+3TC+NVP	AZT	AZT+3TC+NVP	No
13.11.2023	13.12.2023	06.01.2023	Unknown	No	01.07.2024	11.09.2024	01.01.2024	No
11.12.2023	11.01.2024	нет данных	Unknown	No	29.07.2024	09.12.2024	30.01.2025	No
23.11.2023	20.12.2023	12.01.2023	04.09.2024	25.11.2024	25.06.2024	17.09.2024	08.01.2025	04.09.2025
Positive	Positive	Negative	Positive	Positive	Negative	Negative	Positive	Positive
29.11.2023	08.01.2024	01.02.2024	12.09.2024	28.11.2024	13.09.2024	05.08.2025	04.06.2025	02.10.2025
2400	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	RNK-Positive-	RNK-Positive-
02.01.2024	08.01.2024	09.02.2024	02.01.2025	02.01.2025	14.09.2024	01.09.2025	27.05.2025	01.09.2025
PCR-DNK	PCR-DNK	IFA	PCR-DNK	PCR-DNK	PCR-DNK	PCR-DNK	IFA	PCR-DNK
Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive	Positive
AZT+3TC+NVP until	AZT+3TC+NVP until	ABC/3TC+DTG	AZT+3TC+NVP	ABC/3TC+DTG	No	AZT/3TC+DTG	AZT/3TC+DTG	AZT/3TC+DTG
11.12.2023	11.01.2024	16.02.2024	02.09.2024	from 24.12.2024 until 30.06.2025	No	17.09.2025	16.06.2025	12.09.2025
Continues	N/A	Continues	from	End on	No	Continues	Continues	Continues
ABC/3TC+DTG until 23.06.2023	N/A	ABC/3TC+DTG ; 16.022024	from 03.06.2025 ABC/3TC+DTG	ABC/3TC+DTG	No	Unknown	AZT/3TC+DTG	AZT/3TC+DTG
formula	formula	formula	Unknown	formula	смешанное	смешанное	formula	Unknown
N/A	N/A	N/A	Unknown	N/A	N/A	N/A	N/A	N/A
alive	dead - 13.01.2024	alive	alive	dead - 11.07.2025	dead - 21.10.2024	alive	alive	alive
					other OI			

Ҳолатҳои боқимонда ё дар давраи ҳомиладорӣ ё ҳангоми таваллуд ташхис шудаанд (нигаред ба Ҷадвали 7). Дастрасӣ ба кӯмаки тиббӣ ва зери назорати тиббӣ нигоҳдории беморон ба таври назаррас аз омилҳои равонӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла камбизоатӣ, сатҳи пасти саводнокии тиббӣ ва доғгузорӣ (стигма), вобаста мебошад. Гарчанд тадбирҳои мақсаднок барои бартараф намудани ин омилҳо маҳдуданд, онҳо метавонанд густариши дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои дастгирии "баробар ба баробар"-ро дар марказҳои ВНМО дар бар гиранд. Зарурати ҳамгироии чунин хизматрасониҳо, ҳамзамон бо расонидани кӯмаки махсуси равонӣ, дар натиҷаи пурсишҳое, ки дар доираи мониторинги ҷомеа анҷом дода шудаанд, муайян гардидааст (нигаред ба бахши «Доғгузорӣ ва табъиз»).

Оташак

Эпидемиология

Ҳамчун мероси низоми тандурустии давраи пасошӯравӣ, оташак ва дигар сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда (САҶГ) то ҳол аз хизматрасониҳо оид ба ВНМО ва гепатитҳо ҷудо нигоҳ дошта мешаванд. Дар соли 2017 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2,9 ҳолати оташаки модарзодӣ ба ҳар 100 000 зиндатаваллуд (ҳашт ҳолат) сабт шуда, дар солҳои 2018 ва 2019 ҳолатҳо сабт нашудаанд (11). Ҳолатҳои оташаки модарзодӣ ба таври пароканда гузориш дода мешаванд ва низоми гузоришдиҳии мунтазами маълумот нопурра боқӣ мемонад (**Ҷадвали 12**).

Ҷадвали 12. *Ҳолатҳои гузоришшудаи оташак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳар 100 000 аҳолӣ)*

	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2022	2023	2024
Оташак	335 3.9	322 3.7	407 4.6	371 4.1	424 4.6	218 2.3	**266** **2.7**	**333** **3.4**	**368** **3.6**	**306** **2.9**
Мардон	-	-	-	-	-	-	**165**	**194**	**206**	**203**
Занон	-	-	-	-	-	-	**101**	**139**	**162**	**106**
Гонорея	418 4.9	377 4.4	384 4.3	255 2.8	189 2.1	116 1.2	136 1.4	106 1.1	86 0.8	77 0.7
Трихомониаз	452 5.3	384 4.4	4 07 4.6	368 4.1	265 2.8	150 1.6	151 1.6	158 1.6	94 0.9	109 1.1
Хламидиоз	135 1.6	62 0.7	107 1.2	183 2.1	166 1.8	172 1.8	124 1.3	161 1.6	136 1.3	143 1.4
Герпес	146 1.7	130 1.5	232 2.6	360 3.9	225 2.4	330 3.5	257 2.7	329 3.3	291 2.9	258 2.5

Сарчашма: Маълумот аз ҷониби роҳбари "Марказӣ ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул" пешниҳод гардидааст. Маълумот дар бораи шумораи шахсони санҷидашуда ва шумораи натиҷаҳои манфӣ пешниҳод нашуда, инчунин шумораи умумии аҳолии санҷидашуда, ки барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳо зарур мебошад, дастрас нест.

Тибқи протоколи клиникӣ, ҳар як зан бояд дар давраи ҳомиладорӣ ду маротиба аз санҷиши "реаксияи Вассерман" (РВ) барои ташхиси оташак гузарад. Маълумоте, ки аз

ҷониби Маркази миллии солимии репродуктивӣ (ММСР) пешниҳод шудааст, шумораи санҷишҳои гузаронидашуда ва сатҳи фарогирии санҷиши оташак дар давраи ҳомиладориро инъикос менамояд, аммо махраҷи истифодашуда барои ин ҳисобҳо мушаххас карда нашудааст. Шакли ҳисоботии №32 маълумотро дар бораи шумораи умумии занони ҳомила дар як сол ҷамъоварӣ менамояд, аз ҷумла заноне, ки дар соли гузашта сабт шуда, ҳанӯз ҳомиладоранд, инчунин занони ҳомилаи дар соли ҷорӣ нав сабтшуда. Бинобар ин, фоизи пешниҳодшуда наметавонад мустақиман ҳамчун фарогирӣ бо санҷиш фаҳмида шавад. Сатри дуюми **Ҷадвали 13** фарогирии аз нав ҳисобшудаи санҷиши оташак бо роҳи РВ-ро нишон медиҳад (тибқи маълумоти худи ММСР), ки дар он шумораи занони ҳомила дар соли муайян, ҳамчун махраҷ истифода шудааст.

Ҷадвали 13. *Санҷишҳои РВ, ки дар байни занони ҳомила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сол гузаронида шудаанд (манбаъ: маълумоте, ки аз ҷониби ММСР пешниҳод шудааст, 30 октябри соли 2025)*

	2021		2022		2023		2024	
	n	%	n	%	n	%	n	%
РВ, 1-ум	217,122	95.8	236,919	99.3	242,931	99.4	252,961	99.5
Шумораи занони ҳомила*	241,783	89.8	242,469	97.7	257,858	94.2	262,169	98.3
РВ, 2-ум	199,736	90.9	219,284	91.9	227,155	92.9	239,681	94.2

РВ – санҷиши “реаксияи Вассерман”

* Шумораи занони ҳомилае, ки ҳадди ақал як маротиба дар давоми сол барои масъалаҳои марбут ба ҳомиладорӣ ба муассисаи тиббӣ мурочиат кардаанд; маълумоте, ки аз ҷониби ММСР пешниҳод шудааст.

Арзёбии ҳолатҳои инфиродӣ

Маълумот дар бораи ҳолатҳои сабтшудаи оташаки модарзодӣ аз ҷониби Аҳмадзода Маъруф Аҳмад, сардухтури Марказӣ ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, пешниҳод шудааст.

Дар соли 2022 чор ҳолати оташаки модарзодӣ сабт шудааст, ки ҳамаи онҳо дар вилояти Хатлон рух додаанд: як ҳолат дар ноҳияи Хуросон, ду ҳолат дар ноҳияи Кушон ва як ҳолат дар ноҳияи Ҷайҳун. Дар маҷмӯъ, як навзод писар ва се навзод духтар буданд.

Се зани ҳомила, ки дар Федератсияи Россия зиндагӣ мекарданд, барои таваллуд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон омадаанд. Модари яке аз навзодон ҳамсари муҳоҷири меҳнатӣ буд. Аз чор зан, се нафар табобати амбулаторӣ ва як нафар табобати статсионарӣ гирифтааст. Ҳамаи навзодон дар шароити статсионарӣ табобат гирифтанд. Баъд аз анҷоми табобат, ду кӯдак ба Федератсияи Россия баргашта, ду кӯдаки дигар дар Тоҷикистон монд ва аз сабти тиббӣ хориҷ карда шуданд. Ҳамаи навзодон ба ҷузъ аз натиҷаи мусбати санҷиши РВ бе ягон нишонаҳои клиникӣ таваллуд шудаанд.

Дар соли 2023 як ҳолати оташаки модарзодӣ дар шаҳри Ваҳдат ошкор ва сабт шуд. Ҳарду волидайн дар Федератсияи Россия зиндагӣ мекарданд ва барои таваллуд ба Тоҷикистон омада буданд. Пас аз таваллуд, ба онҳо ташхиси оташак гузошта шуд ва ҳарду табобати амбулаторӣ гирифтанд. Навзод табобати статсионарӣ гирифта, баъдан аз сабти тиббӣ хориҷ карда шуд.

Дар соли 2024 ду ҳолати оташаки модарзодӣ муайян гардид: яке дар ноҳияи Ҳисори тобеи ҷумҳурӣ ва дигаре дар шаҳри Панҷакенти вилояти Суғд. Навзод (писар) ва модараш аз ноҳияи Ҳисор табобати амбулаторӣ гирифта, дар сабти тиббӣ қарор доштанд ва баъдан аз он хориҷ карда шуданд. Зани ҳомила (хонашин) дар ҷои зисти худ барои гирифтани кӯмаки тиббӣ муроҷиат накардааст. Навзод аз шаҳри Панҷакент 4 январи соли 2024 дар Федератсияи Россия таваллуд шудааст. Мутаассифона, кӯдак 30 марти соли 2024 фавтидааст.


Дар соли ҷорӣ (2025) як ҳолати нави оташаки модарзодӣ дар ноҳияи Панҷакент ошкор гардид. Падар муҳоҷири меҳнатӣ дар Федератсияи Россия буда, ҳамсари ҳомилааш дар семоҳаи дуюми ҳомиладорӣ ба Тоҷикистон баргаштааст ва дар ҳамин давра ташхис шудааст. Вай дар давраи ҳомиладорӣ табобати амбулаторӣ гирифтааст. Навзод дар беморхонаи шаҳрии пӯст табобат гирифта, айни ҳол таҳти назорати тиббӣ қарор дорад. Дар маҷмӯъ, таҳлили маълумоти солҳои 2022 то имрӯз нишон медиҳад, ки 87,5% ҳолатҳои оташаки модарзодӣ дар оилаҳои муҳоҷирони меҳнатӣ сабт шудаанд. Ҳамаи занони ҳомила хонашин буда, дар деҳот зиндагӣ мекарданд.

Гепатити В

Эпидемиология


Маълумоти эпидемиологӣ доир ба гепатит тавассути чанд роҳ ба мақомоти гуногуни назоратӣ пешниҳод карда мешаванд. Маълумот дар бораи санҷиши гепатити занони ҳомила аз ҷониби марказҳои минтақавии солимии репродуктивӣ ба ММСР ирсол мегарданд, аммо маълумоти мазкур дар сатҳи марказӣ таҳлил нашуда, ба гузоришҳои расмии оморӣ ва эпидемиологии кишвар ворид карда намешаванд. Масалан, барои солҳои 2022, 2023 ва 2024 (ки маълумоти соли 2022 дар формати PDF ва маълумоти солҳои 2023 ва 2024 танҳо дар шакли коғазӣ дастрас мебошанд), маълумот доир ба гепатитҳо ҳамчун маълумоти муттаҳидшуда пешниҳод шуда, тақсимот аз рӯи намудҳои ВГА, ВГВ ё ВГС дар он инъикос наёфтааст (**Расми 12**).

Расми 12. *«Маълумоти эпидемиологӣ доир ба гепатитҳои вирусӣ»; дар маҷмӯаи омории соли 2021 нашр шудааст (10)*



Маълумот доир ба санҷиши гепатит дар байни занони ҳомила ба низоми умумии омори тиббӣ ворид карда намешавад. Ин маълумот аз ҷониби марказҳои минтақавии солимии репродуктивӣ дар шаклҳои махсус ҷамъоварӣ гардида, ба ММСР пешниҳод мешавад, ки дар он ҷо таҳлили марказонидашудаи маълумот анҷом дода мешавад (**Расми 13**).

Расми 13. *Маълумот доир ба паҳншавии HBsAg (+) дар байни занони ҳомила; гурӯҳбандӣ аз рӯи сол ва минтақа (манбаъ: ММСР).*



Дар ҷараёни боздид аз кишвар, варақаҳои аз минтақаи Ваҳдат пешниҳодшуда мавриди баррасӣ қарор гирифта, бо маълумоти марказонидашуда муқоиса карда шуданд (**Ҷадвали 14**).

Ҷадвали 14. *Маълумот доир ба санҷиши занони ҳомила барои гепатити B ва C аз ҷониби Маркази саломатии репродуктивии ш. Ваҳдат пешниҳод шудааст*

	с. 2024	**с. 2025**
Шумораи (%) занони санҷидашуда	8,242 (100%)	8,139 (100%)
Шумораи (%) заноне, ки барои HBsAg натиҷаи мусбат гирифтаанд	83 (1.01%)	65 (0.80%)
Шумораи (%) заноне, ки барои анти-ВГС натиҷаи мусбат гирифтаанд	4 (0.012%)	8 (0.098%)
Шумораи (%) заноне, ки як натиҷаи мусбии РВ доранд	1 (0.012%)	0 (0.000%)

Маълумоте, ки аз ҷониби ММСР барои ин арзёбӣ пешниҳод шудааст, аз маълумоти аз ҷониби минтақаҳо пешниҳодшуда каме фарқ мекард. Масалан, мувофиқи маълумоти минтақавӣ аз ш. Ваҳдат, сатҳи HBsAg(+) дар байни занони ҳомила дар соли 2024 1.01% (83 ҳолат) буд, дар ҳоле ки маълумоти ММСР 0.6% (65 ҳолат)-ро нишон медиҳад. Ҳамин тариқ, фарқияти мутлақ 18 ҳолатро ташкил медиҳад. Ин аҳаммияти ворид кардани сегонабандии (триангулятсия) маълумот ба назорати муқаррарӣ, дар баробари расмиёти хаттӣ вобаста ба муттаҳидкунии маълумотро нишон медиҳад (**Ҷадвали 15**). Ҷанбаи боз ҳам муҳимтар - пешниҳоди таърифҳои равшани ҳолатҳо (кэйс) мебошад. То ҳол, бештари маълумот аз санҷишҳои фаврӣ ба даст меоянд, ки дар озмоишгоҳҳои хусусӣ бо харочоти шахсии муроҷиаткунанда анҷом дода мешаванд ва сифату эътимоднокии гузоришдиҳӣ дар бораи санҷишҳои мазкур суолбарангез мебошад. Ин бо назардошти татбиқи рақамикунонӣ, ки дар он Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ (МҶ ОИТ) нақши пешбарро мебозад, махсусан муҳим аст.


Ҷадвали 15. *Маълумот дар бораи санҷиши занони ҳомила барои гепатити B ва C, ки аз ҷониби ММСР пешниҳод шудааст.*

Номи шаҳр ва ноҳия	Санҷишҳои HBsAg		HbsAg-мусбат		Санҷишҳои анти-ВГС		Анти-ВГС- мусбат	
	n	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**
	2021							
Ҷумҳурӣ	214,709	95.4	1,127	0.5	179,453	79.7	118	0.5
ш. Ваҳдат	9,060	98.4	67	0.7	1,394	15.1	3	0.2
	2022							
Ҷумҳурӣ	235,191	98.9	915	0.3	204,037	86.0	168	0.1
ш. Ваҳдат	9,723	100	83	0.8	9,723	100	3	0.03
	2023							
Ҷумҳурӣ	241,790	99.1	1,131	0.4	198,219	81.2	151	0.1
ш. Ваҳдат	10,091	99.1	62	0.6	1,244	12.2	1	0.1

	2024							
Ҷумҳурӣ	250,345	98.6	1,082	0.4	204,222	80.4	188	0.1
ш. Ваҳдат	10,899	99.3	65	0.6	1,510	13.7	9	0.6

Бо вуҷуди ин, ҳатто агар бар маълумоти аз санҷишҳои фаврие, ки бо хароҷоти шахсии муроҷиаткунандагон гузаронида шудаанд, такя карда шавад, маълумоти мутамаркази аз ҷониби ММСР пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки паҳншавии ҳолатҳои HBsAg-мусбат дар байни занони ҳомила назаррас аст (0,4% дар соли 2024, ки 1082 занро ташкил медиҳад). Дар байни гурӯҳи дорои хавфи баланд (занони гирифтори ВНМО) сатҳи HBsAg(+) вобаста ба сол се то шаш маротиба баландтар буд (Расми 14).

Расми 14. *Маълумоти санҷиши гепатит дар байни занони ҳомилаи гирифтори ВНМО, ки аз ҷониби МҶ ВНМО (Infotracker) пешниҳод шудааст*



	2021	2022	2023	2024
Ҳама	141	152	157	146
HBsAg (+)	9	8	6	7
a-HCV (+)	9	9	2	4

Дар Тоҷикистон сатҳи баланди таваллуд вуҷуд дорад, бинобар ин, ҳар сол дар ҳар як таваллудхона шумораи зиёди таваллудҳо сабт мешавад. Ба ҳисоби миёна, занони тоҷик дар тӯли умр се маротиба таваллуд мекунанд, ки ин маънои онро дорад, ки онҳо метавонанд беш аз як маротиба ба сирояти ВГВ дучор шаванд. Аз ин рӯ, хатари сироятёбӣ бо вируси гепатити В дар байни занони ҳомила дар дохили муассисаҳои тиббӣ хеле баланд аст. Ин хатар на танҳо бинобар сабаби паҳншавии сироят дар ин гурӯҳи аҳолӣ сарчашма мегирад, балки инчунин аз тамоси сершумор бо шахсони сироятёфта низ ба вуҷуд меояд. Ин вазъ татбиқи чораҳои фаврӣ барои пешгирии интиқоли амудӣ ва уфуқии сироят дар ҳуҷраҳои таваллуд ва таваллудхонаро тақозо мекунад.

Ваксинатсияи кӯдакон бар зидди гепатити В дар Тоҷикистон соли 2002 ҷорӣ карда шуд ва тадриҷан гурӯҳҳои нави навзодонро фаро гирифт. Калонтарин гурӯҳи синусолии ваксинатсияшуда айни замон 23-сола мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳоди ваксинаи ВГВ ба ҳамаи занони ҳомила, ки то соли 2002 таваллуд шудаанд, бо ҳадди аққал ду ва беҳтараш ҳар се воя дар давраи ҳомиладорӣ муҳим мебошад. Ин равиш масунияти устувори занони синни репродуктивиро таъмин мекунад. Ҳамзамон, барои занони ҳомилае, ки бо ВГВ сироят ёфтаанд, зарурати фаврӣ барои оғози табобат бо тенофовир

дизопроксил вуҷуд дорад; нақшаи фаро гирифтани ҳадди аққал 1000 бемор дар як сол пешбинӣ шудааст.

Ваксинатсия ва дигар барномаҳои пешгирӣ аз гепатити B

Ваксинатсияи кӯдакон бар зидди гепатити B дар соли 2002 бо дастгирии ЮНИСЕФ, ГАВИ (Иттиҳоди ваксинатсия) ва дигар ҷонибҳои манфиатдор ҷорӣ карда шуд. Айни замон, он танҳо дар таваллудхонаҳо (ки дар онҳо вояи якуми ваксина дар муддати 24 соат баъди таваллуд гузаронида мешавад) ва муассисаҳои КАТС (ки дар онҳо се вояи иловагии ваксинаи панҷвалентӣ дода мешавад) татбиқ мегардад (**Акси 4**).

Акси 4. *Барномаи ваксинатсия дар муассисаи КАТС дар ш. Бохтар, 22 сентябри соли 2025*



Модарон ҳангоми ваксинатсия дар муассисаи КАТС дар ш. Ваҳдат ба ҳамшираи шафқат кӯмак мерасонанд.



Яхдони ваксина бо маблағҳои ГАВИ харидоришуда



Ваксинаи панҷвалентӣ, аз ҷумла як вояи Гепатити B, дар муассисаи КАТС-и ш. Турсунзода



HepBD (вояи якуми ваксина баъди таваллуд) дар яхдон, таваллудхонаи ш. Ваҳдат


ЮНИСЕФ ба ҷалби маблағгузорӣ, равандҳои хариди марказонидашуда ва таъмини логистикаи занҷираи сард мусоидат менамояд, дар ҳоле ки Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактикаи Тоҷикистон (МҶИ) масъули мониторинг ва гузоришдиҳӣ мебошад. МҶИ ҳамасола дар бораи фарогирии кӯдакон бо ваксинатсияи гепатити B (ҳам вояи якуми Hep-BD ва ҳам се вояҳои минбаъади Hep3) ҳисобот пешниҳод мекунад. Вояи саривақтии Hep-BD ҳамчун вояе, ки дар давоми 24 соат пас аз таваллуд бояд гузаронида шавад, муайян мешавад. Маълумот доир ба фарогирии ваксинатсияи гепатити B, аз ҷумла вояи сеюм, барои солҳои 2021–2025, ки аз ҷониби МҶИ пешниҳод шудааст, дар Ҷадвали 16 дарҷ гардидааст. Бояд таъкид кард, ки барои ҳама гуна равандҳои санҷиши минбаъдаи мутобиқат мавҷудияти маълумоти ибтидоӣ, новобаста аз шакли коғазӣ ё электронӣ, зарур мебошад. Санҷиши ниҳоии мутобиқат вобаста ба муваффақияти барномаи ваксинатсия тавассути гузаронидани таҳқиқоти серопревалентӣ анҷом дода мешавад.

Ҷадвали 16. *Гурӯҳи мақсаднок ва сатҳи фарогирии ваксинаҳои Hep-BD ва Penta (манбаъ: МҶИ)*

	2021			2022			2023			2024		
	Гурӯҳи мақсаднок	Фарогирӣ	%	Гурӯҳи мақсаднок	Фарогирӣ	%	Гурӯҳи мақсаднок	Фарогирӣ	%	Гурӯҳи мақсаднок	Фарогирӣ	%
Hep-BD	225,359	223,727	99.3	240,766	238,739	99.2	246,316	244,757	99.4	260,758	259,309	99.4
PENTA-1	237,196	229,657	96.8	242,234	237,897	98.2	241,996	237,908	98.3	252,222	247,516	98.1
PENTA-2	237,196	229,308	96.7	242,234	235,536	97.2	241,996	234,972	97.1	252,222	245,765	97.4
PENTA-3	237,196	229,584	96.8	242,234	233,841	96.5	241,996	233,340	96.4	252,222	243,817	96.7

Дар соли 2023 “Гурӯҳи машваратии техникии коршиносони Аврупо вобаста ба ваксинатсия” (ETAGE) тасдиқ намуд, ки Қирғизистон, Туркманистон ва Ӯзбекистон ба ҳадафҳои назорати гепатити B ноил гардидаанд. Ин ба мувофиқати сиёсати ваксинатсияи гепатити B бо фарогирии кофии скрининги HBsAg дар давраи КАН ишора мекунад. Кишварҳои мазкур дар пешгирии интиқоли гепатити B аз модар ба кӯдак дар байни гурӯҳҳои ваксинатсияшуда натиҷаҳои мусбат ба даст овардаанд (Расми 15). Тибқи гузориш, айни замон ду кишвар (Қазоқистон ва Қирғизистон) марҳилаҳои навбатии таҳқиқоти серопревалентиро анҷом дода истодаанд, ки натиҷаҳои онҳо дар соли 2025 дастрас хоҳанд шуд. Тоҷикистон то ҳол арзёбии серопревалентии HBsAg-ро анҷом надодааст ва бинобар ин, ба ин арзёбӣ дохил карда нашудааст. Дар Расми 15 маълумоте пешниҳод шудааст, ки дар гузориши ЭТАГ нашр гардидааст, вале манбаи нишондиҳандаи серопревалентии 0,18 зикр нашудааст. Тибқи ин маълумот, сатҳи серопревалентии HBsAg дар кӯдакони то панҷсола дар Тоҷикистон 0,18% ташкил додааст. Ҳамзамон, маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки танҳо 6,3% шахсоне, ки гирифтори сирояти вируси гепатити B мебошанд, ташхис шудаанд ва танҳо 14,9% онҳо табобат мегиранд (маълумоти кишварҳо барои Гузориши ҷаҳонии гепатит, соли 2023).

Расми 15. *Паҳншавии HBsAg дар байни кӯдакони то 5-сола дар кишварҳои Осиёи Марказӣ*



Умуман, дар кишвар норасоии маълумоти ба таври мутамарказ ҷамъоваришуда доир ба серопаҳншавӣ ва дастрасии калонсолон ба ваксинатсия ва табобат ба мушоҳида мерасад. Дар соли 2020 Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дастурамали клиникӣ барои ташхис ва табобати бемориҳои вирусӣ ва ғайривирусии ҷигар”-ро таҳия намуд. Бо вуҷуди ин, дар самти назорати эпидемияи гепатити вирусӣ ва ҳамоҳангсозии кӯмаки клиникӣ дар Тоҷикистон, то ҳол ягон мақоми марказии ваколатдор таъйин нашудааст ва бинобар ин роҳбарӣ дар сатҳи миллӣ таъмин намегардад. Пешбинӣ мешавад, ки масъулияти назорати эпидемиологӣ, санҷиш ва хариди доруворӣ ба МҶ ВНМО вогузор гардад, дар ҳоле ки табобат ва мониторинги клиникӣ аз ҷониби Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерологияи Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шавад.

Паҳншавии сирояти ВГВ дар байни кӯдакон ҳамчун нишондиҳандаи асосии сатҳи паҳншавии беморӣ дар аҳолӣ баррасӣ шуда, метавонад барои арзёбии серопаҳншавӣ дар кишвар истифода шавад. Сатҳи HBsAg ≤0,1% метавонад дар байни кӯдакони 5-сола, кӯдакони 1-сола ё гурӯҳи кӯдакони аз 1 то 5-сола, мутобиқ ба имкониятҳои мавҷудаи назорат ва ҷамъоварии маълумот дар кишвар, чен карда шавад. Дар минтақа ва кишварҳое, ки фарогирии дарозмуддати баланди ваксинатсия бар зидди гепатити В ба даст оварда шудааст (масалан, минтақаи Амрикои ТУТ) ва ё дар он ҷойҳое, ки таҳқиқоти серологӣ дар мактабҳо аллакай гузаронида мешаванд, анҷом додани санҷишҳои серологӣ дар кӯдакони аз 5-сола боло низ метавонад қобили амал бошад.

Дар айни замон, ягона чораи самараноки пешгирии сирояти ВГВ - гузаронидани ваксинатсия пас аз таваллуд мебошад. Табобат бо тенофовир барои ҳолатҳои моноинфексияи ВГВ ҳоло дастрас нест. Бо вуҷуди ин, нақшаҳо барои оғоз намудани он дар ояндаи наздик мавҷуданд, ки тибқи онҳо харид ва тақсимоти мутамаркази тенофовир дизопроксил аз ҷониби МҶ ВНМО анҷом дода шуда, масъулияти идоракунии клиникӣ ба зиммаи Пажӯҳишгоҳи гастроэнтерология гузошта мешавад.

Ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои раванд ва таъсир ва таҳлили ҳолатҳо барои Тоҷикистон

Шумораи занони ҳомилае, ки ҳадди аққал як маротиба ба КАН муроҷиат намуда, аз ҷониби мутахассиси соҳаи тибб хизматрасонӣ гирифтаанд, муҳимтарин нишондиҳанда барои ҳисобкунии дақиқи нишондиҳандаҳои раванд ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, дар ҳолатҳое, ки сабти ҳомиладорӣ сари вақт ва бо сифати лозима анҷом дода нашавад, тасдиқи ин нишондиҳанда мушкил мегардад. Тавре ки дар боло зикр шуд, Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони байналмилалӣ дар беҳтар намудани сабти таваллуд ба пешрафтҳои назаррас ноил гардидааст, вале ин пешрафтҳо ҳамеша ба беҳтар шудани сабти ҳомиладорӣ оварда нарасондаанд. Мушкилоти огоҳсозии дер ҳангоми ҳомиладорӣ ҳамчун монеаи ҷиддӣ барои татбиқи ҳама гуна барномаҳои пешгирикунанда, аз ҷумла пешгирии интиқоли ВНМО, оташак ва ВГВ аз модар ба кӯдак боқӣ мемонад.

Нишондиҳандаҳои таъсир нисбатан боэътимодтар ҳисобида мешаванд, зеро қисми зиёди маълумот тавассути низоми мониторинги рақамӣ (Infotracker), ки аз ҷониби МҶ ВНМО идора карда мешавад, ҷамъоварӣ мегардад. Бо истифода аз таърифи ТУТ, сатҳи интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак камтар аз 2% ташкил медиҳад (ба истиснои соли 2024). Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки аксари кӯдакон бо ВНМО танҳо пас аз расидан ба синни 18-моҳагӣ ташхис карда мешаванд (**Ҷадвали 17, Ҷадвали 18**). Ин ҳолат эҳтимолан ба он вобаста аст, ки баъзе занони ҳомила дар давраи ҳомиладорӣ таҳти назорат қарор намегиранд, дар хона таваллуд мекунанд ва дар низом пайдо намешаванд. Дар баъзе мавридҳо, ташхис танҳо ҳангоми наздик шудани кӯдак ба синни мактабӣ гузошта мешавад (нигаред ба **Ҷадвали 7**).

Ҷадвали 17. *Нишондиҳандаҳои раванд ва таъсир барои ВНМО, оташак ва ВГВ*

		Нишондиҳанда	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024	Манбаи маълумот/ Шарҳ
Нишондиҳандаҳои таъсир	ВНМО	Сатҳи интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак (ИСМК) (%)					Пойгоҳи додаҳои МҶ ВНМО (Infotracker) *дар давоми 18 моҳи аввали соли таваллуд ташхис шудааст
		Дар соли муайян таваллуд шуда, дар ҳамон сол ё соли баъдӣ ташхис шудааст. Мувофиқи таърифи ТУТ*	3.38% 7/207 0.97% 2/207	1.59% 4/252 1.98% 5/252	0.80% 2/251 1.59% 4/251	0.81% 2/247 2.02% 5/247	
	Оташак	Шумораи солонаи оташаки модарзодӣ (аз ҷумла мурдатаваллуд алоқаманд ба сабаби оташак) ба 100,000 зиндатаваллуд	-	<50 n=4	<50 n=1	<50 n=2	МҶК БПУТ (рақамҳо тавассути почтаи электронӣ пешниҳод шудаанд)
	ВГВ	Паҳншавии HBsAg дар байни гурӯҳи кӯдакони то 5-сола	-	-	-	-	-

Нишондиҳандаҳои раванд	Ҳама	Фарогирии ба назорати антенаталии 1 (%)	?	?	**81.0%***	?	Маҳрақ номаълум * ТТД с. 2023
	ВНМО	Фарогирии санҷиши ВНМО дар байни занони ҳомила (%)	**86.6%** 209,379/ 241,783	**86.9%** 210,771/ 242,469	**90.9%** 234,439/ 257,858	**94.8%** 248,639/ 262,169	**Сурат:** МҶ ВНМО **Маҳрақ:** ММСР
		Фарогирии ТЗР дар байни занони ҳомилае, ки гирифтори ВНМО ҳастанд (%)	**98.2%** 216/220	**97.8%** 263/269	**95.9%** 261/272	**97.6%** 245/251	Пойгоҳи додаҳои МҶ ВНМО (Infotracker)
	Оташак	Фарогирии санҷиши оташак дар байни занони ҳомилае, ки ҳадди аққал як вохӯрии КАН-ро гузаронидаанд (%)	**82.6%** 199,379/ 241,783	**99.5%** 241,353/ 242,469	**96.5%** 248,884/ 257,858	**100%** 262,169/ 262,169	МҶК БПУТ
		Фарогирӣ бо табобати муносиб дар байни занони ҳомилае, ки натиҷаи мусбат аз санҷиши оташак доштанд	-	-	-	-	Эзоҳ: табобат бо пенициллини бензатин
	ВГВ	Фарогирии санҷиши ВГВ дар байни занони ҳомила (%)	-	-	-	-	Анҷом дода нашудааст
		Фарогирӣ бо 3 вояи ваксинаи гепатити В (НерВ3) дар кӯдакон (%)	**96.8%**	**96.5%**	**96.4%**	**96.7%**	МҶИ; Эзоҳ: Маълумоти манбаъ барои сурат ва маҳрақ тасдиқ нашудааст
		Фарогирии саривақтии ваксинатсияи гепатити В ҳангоми таваллуд (НерВ-BD)(%)	**99.3%**	**99.2%**	**99.4%**	**99.4%**	

Ранги сурх ишора аз он нишондиҳандаҳое мебошад, ки ба ҳадафҳои санҷиши мутобиқат нарасидаанд; **ранги сабз** нишондиҳандаҳое мебошанд, ки ба ҳадафҳои санҷиши мутобиқат ноил гардидаанд.

Ҷадвали 18. *Ҳадафҳои санҷиши мутобиқат барои нишондиҳандаҳои калидии раванд ва таъсири дар боло зикршуда*

		Нишондиҳанда	Ҳадаф
Ниш. таъсир	ВНМО	Сатҳи интиқоли вирус аз модар ба кӯдак (%)	**<2%**
		Сатҳи солонаи сироятҳои нави ВНМО дар кӯдакон ба ҳар 100,000 зиндатаваллуд	**<50**
	Оташак	Сатҳи солонаи ҳолатҳои оташаки модарзодӣ (аз ҷумла мурдатаваллуд аз сабаби оташак) ба ҳар 100,000 зиндатаваллуд	**<50**
	ВГВ	Сатҳи интиқоли ВГВ аз модар ба кӯдак (%)*	**≤2%**
Нишондиҳандаҳои раванд	Ҳама	Фарогирии КАН1	**>95%**
	ВНМО	Фарогирии санҷиши ВНМО дар байни занони ҳомила	**>95%**
		Фарогирии ТЗР дар байни занони ҳомилае, ки гирифтори ВНМО ҳастанд	**>95%**
	Оташак	Фарогирии санҷиши оташак дар байни занони ҳомилае, ки ҳадди аққал як КАН-ро хатм кардаанд	**>95%**
		Фарогирӣ бо табобати муносиб дар байни занони ҳомилае, ки аз санчиш натиҷаи мусбат барои оташак гирифтаанд	**>95%**
	ВГВ	Фарогирии санҷиши ВГВ дар байни занони ҳомила*	**≥90%**
		Фарогирии табобати зиддивирусӣ дар байни занони HBsAg-мусбат, ки барои табобат мувофиқанд*	**≥90%**
		Фарогирии 3 вояи ваксинаи гепатити В (НерВ3) дар кӯдакон	**≥90%**
		Фарогирии ваксинатсияи саривақтии гепатити В ҳангоми таваллуд (НерВ-BD)	**≥90%**

Дастрасии маълумот ва арзёбии сифати он

Аз солҳои 2011–2012 инҷониб, Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотро доир ба аксари нишондиҳандаҳо ба “Пойгоҳи додаҳои мониторинги ҷаҳонии ВНМО” пешниҳод менамояд. Бо вуҷуди ин, маълумот дар бораи оташак дар байни занони ҳомила дастрас нест. Маълумоти миллии мониторинги ВНМО таҳти роҳбарии МҶ ВНМО (муассисаи давлатӣ, ки масъули ҷамъоварии маълумот ва назорати эпидемиологии ВНМО мебошад) ҷамъоварӣ мегардад. МҶ ВНМО фаъолияти худро бо сохторҳои дахлдори ВТҲИА ҳамоҳанг намуда, пойгоҳи додаҳои электронии Infotracker-ро ба таври муассир идора мекунад.

Ҳамаи маълумот марбут ба кӯмаки тиббӣ ва табобати ВНМО аз тамоми минтақаҳои кишвар, аз ҷумла муассисаҳои тиббии давлатӣ, тавассути пойгоҳи додаҳои электронии онлайнӣ, ки аз ҷониби МҶ ВНМО идора мешавад, рақамӣ ва ҷамъоварӣ карда мешавад. Илова бар ин, дар соли 2024 беш аз 450 мутахассис аз озмоишгоҳҳо ва марказҳои санҷишӣ, ки санҷиши ВНМО мегузаронанд, дар мавзӯи «Кор бо пойгоҳи додаҳои сабти санҷиши ВНМО барои муассисаҳои тиббии давлатӣ ва хусусӣ» омӯзонида шуданд. Ҳамзамон, зиёда аз 250 озмоишгоҳ (ҳам давлатӣ ва ҳам хусусӣ) ба Феҳристи миллии санҷиши ВНМО (низоми онлайнии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва коркарди маълумот дар бораи шахсоне, ки барои ВНМО санҷида шудаанд) пайваст карда шуданд (12).

Дар айни замон, маълумот дар бораи КАН ба таври мунтазам ва низомманд (систематикӣ) ҷамъоварӣ намешавад, ки ин боиси номувофиқӣ ва маҳдуд шудани имконияти шарҳи боэътимоди онҳо мегардад. Масалан, Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ (МҶ ОИТ) шумораи умумии занони дар як сол ҳомиларо (аз ҷумла занони ҳомилае, ки аз соли гузашта сабт шудаанд ва ҳанӯз ҳомиладор мебошанд, инчунин занони ҳомилаи дар соли ҷорӣ нав сабтшуда) гузориш медиҳад, вале маълумот дар бораи шумораи занони ҳомилае, ки дар давоми сол ҳадди аққал як маротиба хизматрасонии КАН гирифтаанд, танҳо барои ҳомиладориҳои нави соли ҷорӣ пешниҳод мешавад (**Ҷадвали 19**). Миёни маълумоти МҶ ОИТ ва нашрияҳои оморӣ ихтилофот мушоҳида шудаанд.

Ҷадвали 19. *Маълумоте, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ пешниҳод шудааст*

Маълумот	с. 2021	с. 2022	с. 2023	с. 2024	Манбаи маълумот (Рақами варақа доир ба вазъи солимӣ)
Шумораи занони ҳомила дар як сол (соли гузашта сабтшуда ва ҳанӯз ҳомиладор + занони ҳомилаи имсол нав сабтшуда)	362,772	369,294	379,808	393,980	Варақаи № 32
Шумораи занони ҳомила дар як сол, ки ҳадди аққал як маротиба муоинаи пеш аз таваллудро гирифтаанд	181,588	186,264	190,863	210,208	Варақаи № 32
Шумораи таваллудҳо дар хона	5,405	4,154	2,872	2,154	RAM
Шумораи таваллудҳо дар ҳамаи намудҳои муассисаи тиббӣ	230,190	254,050	264,151	208,258	Варақаи №32

Шумораи исқоти ҳамл	12,021	11,658	12,203	12,760	Варақаи № 13
Шумораи таваллудҳо	235,595	258,206	267,041	282,324	Варақаи № 32
Шумораи зиндатаваллудҳо	224,654	239,490	246,836	262,461	Варақаи № 25
Шумораи мурдатаваллудҳо	1,761	1,981	1,934	1,852	Варақаи № 25
Шумораи таваллудҳои дар муҳлат	-	-	-	-	
Шумораи таваллудҳои пеш аз муҳлат (пас аз 22 ҳафта то 37 ҳафта)	3,257	2,931	3,047	3,642	Варақаи № 32
Фавти модарон ҳангоми таваллуд*	40	42	43	53	Варақаи № 32
Сатҳи фавти навзодон (0–27 рӯз)	9.1	8.6	8.4	8.3	Варақаи № 25
* шумораи заноне, ки ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ё дар давоми 42 рӯз паз аз қатъи ҳомиладорӣ аз сабаби аворизи ҳомиладорӣ фавтидаанд.					

Адолати гендерӣ

Санади охирине, ки ба масъалаҳои гендерӣ бахшида шудааст, "Арзёбии гендерӣ вобаста ба тадбирҳои миллӣ дар самти муқовимат бо ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (соли 2024 нашр шудааст) мебошад. Он аз ҷониби Ниҳоди Созмони Милали Муттаҳид вобаста ба баробарии гендерӣ ва тавонмандсозии занон (СММ-Занон) ва Барномаи муштараки Созмони Милали Муттаҳид доир ба ВНМО/БПНМ (ЮНЭЙДС) бо ҳамкории зич бо “Шабакаи занони тоҷикистонии гирифтори ВНМО” гузаронида шудааст. Арзёбиро мушовир М. Болтаева бо машварати коршиносоне, ки дар соҳаи ВНМО ва баробарии гендерӣ тахассус доранд, анҷом додааст. Тибқи арзёбӣ, занони гирифтори ВНМО нисбат ба мардон (82%) бештар (95%) зери доғгузорӣ (стигматизатсия) қарор мегиранд. Занони шавҳардор аксар вақт аз вазъи ВНМО-и шавҳарони худ огоҳ нестанд, зеро шавҳарон вазъи худро пинҳон мекунанд ва аз ТЗР истифода намекунанд. Сироятёбии ВНМО аксар вақт ҳангоми КАН ошкор карда мешавад. Агар вазъи ВНМО-и зан дар оилааш маълум шавад, ӯро аксар вақт барои сироят айбдор мекунанд ва метавонад зери доғи нанг (стигма), танҳоӣ, зӯроварӣ ва дигар омилҳо қарор гузоранд.

Тавре ки дар арзёбӣ шарҳ дода шудааст, дар Тоҷикистон ҳолатҳои зӯроварӣ нисбат ба занон батакрор гузориш дода мешаванд. Дар соли 2018, “Кумитаи барҳамдиҳии табъиз нисбат ба занон” гузориш дод, ки 97% мардон ва 72% занон бар он ақидаанд, ки зан бояд барои нигоҳ доштани оила ба зӯроварӣ таҳаммул кунад (https://tbinternet.ohchr.org/_layouts/15/treatybodyexternal/Download.aspx?symbol-no=CEDAW/C/TJK/CO/6&Lang=En).

Бо вуҷуди ин, муқоисаи ду ТТД нишон медиҳад, ки ҳиссаи занони аз 15 то 49 сола, ки боре зӯроварии ҷисмонӣ ё ҷинсиро аз сар гузаронидаанд, аз 24% дар соли 2017 то 12% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (ТТД с. 2017, ТТД . 2023). Паҳншавии зӯроварии ҷисмонӣ, ҷинсӣ ё эҳсосотӣ нисбат ба занон аз ҷониби шавҳар/шарик аз 31% дар соли 2017 то 16% дар соли 2023 коҳиш ёфтааст (ТТД с. 2023). Аз 2% то 6% занон аз ҷониби шарики кунунӣ/охирини худ мавриди зӯроварии ҷинсӣ қарор гирифтаанд (ТТД с. 2023, БРСММ с. 2021) (15). Як самти нави таҳдид пайдо мешавад: кибертаҳқир ва зӯроварӣ нисбат ба занон ва духтарон дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва фазоҳои рақамӣ. Тибқи иттилои созмонҳои ҷамъиятӣ, ин шакли зӯроварӣ дар солҳои охир бештар паҳн шудааст.

Тибқи маълумоти ТТД с. 2023, 7% духтарони наврас (аз 15 то 19 сола) қаблан ҳомиладор шуда буданд, 3% фарзанди зинда таваллуд кардаанд ва 5% айни замон ҳомиладоранд. Наврасони то 18-сола барои гирифтани хизматрасонии солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ ба розигии волидайн ниёз доранд ва ин омил боиси ба таври назаррас маҳдуд шудани дастрасӣ ба контрасепсия барои ин гурӯҳи синнусолӣ мегардад. Падидаи мазкур инчунин ба сатҳи маълумот ва огоҳии занони ҷавон таъсир мерасонад. Дар натиҷа, хизматрасонии солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ асосан аз ҷониби заноне, ки оиладоранд ва аллакай шумораи дилхоҳи фарзандон доранд, истифода мешаванд. Ҳатто дар қатори ин гурӯҳ, танҳо 32% занон аз ҳама гуна роҳҳои контрасепсия истифода мебаранд, аз ҷумла 28% бо усули муосир ва 3% бо усули анъанавӣ (қатъкунии раванди алоқаи ҷинсӣ). Дастгоҳи дохилибачадон (спирал) маъмултарин роҳи пешгирии ҳомиладорӣ дар байни занони шавҳардор боқӣ мемонад (18%), пас аз он рифола (4%) қарор дорад. Нисфи занони пурсидашуда аз банақшагирии оила норозӣ буданд (**Расми 16**).

Расми 16. *Паҳншавии роҳҳои пешгирии ҳомиладорӣ дар байни занони шавҳардор ва сабабҳои исқоти ҳамл (ТТД с. 2023)*



Эзоҳ: Ҷамъи нишондиҳандаҳо аз сабаби мудавваркунӣ ба 100% баробар нест.

Охирин таҳқиқоти кластерии бисёрнишондод аз ҷониби ЮНИСЕФ дар Тоҷикистон соли 2005 гузаронида шудааст (https://mics.unicef.org). Бо дарназардошти зарурати дарки фарогири равандҳо ва динамикаи адолати гендерӣ дар кишвар, аз ҷумла дар заминаи ҳомиладорӣ ва аёми кӯдакӣ, ниёз ба арзёбиҳои муосир ва низомманд (системавӣ) боқӣ мемонад (15).

Ҳуқуқи инсон ва арзёбии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ

Дар кишвар солҳои охир барои мутобиқ намудани ислоҳоти қонунгузорӣ бо равандҳои декриминализатсия ва коҳиши доғи нанг (стигма) талошҳои назаррас анҷом дода шудаанд (9, 13). Тавре ки қаблан зикр гардид, назорати риояи санадҳои ҳуқуқӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқи шахсони гирифтори ВНМО яке аз вазифаҳои расмии МҶ ВНМО мебошад. Марказ бо созмонҳои асосии ҷамъиятӣ ҳамкории мунтазам дорад, ки ин ба анҷом додани машваратҳои зарурӣ ва ҷамъоварии маълумот аз ҷомеаи шахсони гирифтори ВНМО мусоидат мекунад. Ин самт аҳаммияти хос дорад, зеро нигарониҳо вобаста ба равиши қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷиноятқорӣ кардани интиқоли ВНМО ҳанӯз боқӣ мемонанд.

Дар айни замон, як қатор санадҳои ҳуқуқӣ метавонанд ба ҷиноятқорӣ кардани ВНМО мусоидат намоянд. Санади асосӣ Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 125) мебошад, ки ба «Бо вируси норасоии масунияти одам сироят кардани шахси дигар...» ва интиқоли ВНМО дахл дошта, нисбат ба дигар бемориҳои сироятӣ ҷазоҳои сахттар пешбинӣ мекунад. Тибқи матни расмӣ:

1. Дидаю дониста, таҳти хавфи сироят бо инфексияи ВИЧ гузоштани шахси дигар, бо маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то се сол, ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.
2. Бо инфексияи ВИЧ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз ду то панҷ сол ҷазо дода мешавад.
3. Кирдори пешбининамудаи қисми дуюми ҳамин модда, ки:
   а) нисбати ду ё зиёда шахсон;
   б) нисбати шахси баръало ноболиғ содир шудааст, бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазо дода мешавад.

Мувофиқи “Арзёбии гендерӣ вобаста ба тадбирҳои миллӣ дар самти муқовимат бо ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (нашри соли 2024), аз 14 парвандаи ҷиноятие, ки аз ҷониби Маркази ҳуқуқи башар (МҲБ) таҳлил шудаанд, 12 парванда тибқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятӣ оғоз гардидаанд. Аз ин шумора, шаш парванда нисбат ба мардон ва ҳашт нисбат ба занон сабт шудааст.

Барои муқоиса, моддаи 126 Кодекси ҷиноятӣ, ки ба дигар бемориҳои зӯҳравӣ дахл дорад, «дучор кардан ба хатари сироят»-ро ҷиноят намешуморад. Интиқоли чунин бемориҳо бо ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати аз як то ду сол ва ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ду сол (дар ҳолати нисбат ба якчанд шахс ё ноболиғ содир шудан) ҷазо дода мешавад. Тибқи матни расмӣ:

1. Бо касалии зӯҳравӣ сироят кардани шахси дигар аз ҷониби шахсе, ки мубталои ин беморӣ будани худро медонист, бо ҷарима ба андозаи аз дусад то панҷсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё корҳои ислоҳи меҳнатӣ ба мӯҳлати аз як то ду сол ҷазо дода мешавад.
2. Ҳамин кирдор, агар:
   а) нисбати ду ё зиёда шахсон;

б) нисбати шахси баръало ноболиғ содир шуда бошад, бо ҷарима ба андозаи аз аз панҷсад то ҳафтсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ҷазо дода мешавад.

Бо вуҷуди ин, 26 декабри соли 2023 Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарори нави худ ба зарурати баррасии ҳамаҷониба ва беғаразонаи масъалаҳои вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои сироят ва интиқоли ВНМО мутобиқи моддаи 125 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид намуд. Тибқи ин қарор, шахсоне, ки ТЗР мегиранд ва бори вирусии онҳо муайяннашаванда аст, наметавонанд ВНМО-ро интиқол диҳанд. Ин иқдом аз ҷониби маҷаллаи *The Lancet* ҳамчун қадамҳои аввалиндараҷа дар вокуниши Тоҷикистон ба ВНМО арзёбӣ шудааст (16).

Илова бар ин, дар соли 2018 ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардиданд, ки барои «лайк», репост (интишор), шарҳ ва дигар шаклҳои вокуниш ба маводҳои дорои хусусияти экстремистӣ ё террористӣ метавонанд ҷавобгарии ҷиноӣ пешбинӣ кунанд, аз ҷумла:

- Моддаи 179, қисми 3 Кодекси ҷиноятӣ – Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва (ё) сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ (ҷазо то 15 соли маҳрумият аз озодӣ).
- Моддаи 307, қисми 1 Кодекси ҷиноятӣ – Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва сафедкунии оммавии экстремизм (ҷазо то 12 соли маҳрумият аз озодӣ).
- 14 майи соли 2025 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қонунеро имзо кард, ки тибқи он ба Кодекси ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид гардида, «лайкҳо» ва «дигар аломатҳои писандид» дар шабакаҳои иҷтимоӣ аз доираи ҷавобгарии ҷиноятӣ хориҷ карда шуданд.

Бо ворид гардидани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ, муқаррароте, ки «лайкҳо», смайликҳо, интишори такрорӣ (репостҳо) ва дигар амалҳои ба ин монандро ҳамчун шакли дастгирии нашрияҳои дорои хусусияти экстремистӣ ё террористӣ мешумориданд, бекор карда шуданд. Ин тағйирот ба моддаҳои 179 қисми 3 ва 307 қисми 1 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд.

Дар баробари ин, тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 475 аз соли 2018, шахсони гирифтори ВНМО аз таҳсил дар ихтисосҳои тиббӣ маҳрум мебошанд. Ҳамзамон, мутобиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 406 аз соли 2004, ба шахсони гирифтори ВНМО ҳуқуқи фарзандхондӣ дода намешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳои ҳуқуқие мавҷуд нестанд, ки истеъмоли маводи мухаддир ё гароиши ҷинсиро ҳамчун ҷиноят муқаррар намоянд. Бо вуҷуди ин, наврасони то 18-сола барои дастрасӣ ба хизматрасониҳои солимии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, аз ҷумла санҷиш ва табобати ВНМО, бояд розигии волидайн ё намояндагони қонуниро пешниҳод намоянд. Санҷиши ВНМО пеш аз сабти ақди никоҳ, инчунин ҳамчун қисми муоинаи тиббӣ ҳангоми қабул ба муассисаҳои таълимӣ ҳатмӣ мебошад.

Таърихи барномаҳои миллии пешгирӣ ва муқовимат бо ВНМО ва БСҶ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- Барномаи миллии пешгирӣ ва мубориза вируси норасоии масунияти бадан (СПИД) ва бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ (БСҶ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои

1997-1998 (қарори ҲҶТ аз 09.04.1997с., №163).

- Нақшаи стратегии пешгирии таҳдиди паҳншавии вируси норасоии масунияти бадан (бемории СПИД) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2002-2005, (қарори ҲҶТ аз 01.10.2002с., №389).
- Барномаи миллии пешгирӣ ва мубориза бар вируси норасоии масунияти бадан, аломати норасоии масунияти бадан ва бемориҳои сирояткунандаи ҷинсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2007 (қарори ҲҶТ аз 30.12.2000с., №516).
- Барнома оиди мубориза бо паҳншавии вируси норасоии масунияти одам ва бемории СПИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2007-2010 (қарори ҲҶТ аз 03.03.2007, №86).
- Барнома оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам барои солҳои 2011-2015 (қарори ҲҶТ аз 30.10.2010, №562).
- Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2020, ки бо (қарори ҲҶТ аз 25.02.2017, №89) сол тасдиқ гардидааст.
- Барномаи миллӣ оид ба муқовимат бо эпидемияи вируси норасоии масунияти одам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, ки бо (қарори ҲҶТ аз 27.02.2021, №50) сол тасдиқ гардидааст.

Барномаи навбатии муқовимат бо эпидемияи ВНМО ва гепатитҳои вирусии парентералӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026–2030, ки айни замон мавриди баррасии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад, шаш самти афзалиятнокро муайян менамояд:

1. Тақвият ва густариши чораҳои пешгирикунанда, ки равиши ҳамгиро ва ҳамаҷонибаро дар мубориза бо ВНМО ва гепатитҳои вирусии парентералӣ таъмин намуда, ба коҳиши сатҳи беморшавӣ, беҳтар намудани солимии аҳолӣ, таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои пешгирикунанда, ташхис ва табобат, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа ва бартарафсозии доғи нанг (стигма) ва табъиз равона шудаанд.
2. Беҳтар намудани ташхис ва санҷиш тавассути ҷорӣ намудани низомҳои муосири санҷиш, истифодаи васеи равишҳои фаврӣ ва хеле ҳассос барои ошкорсозии ВНМО ва гепатитҳои вирусии парентералӣ, инчунин таъмини дастрасии васеъ ба хизматрасониҳои санҷишӣ барои ҳамаи гурӯҳҳои калидӣ ва осебпазир.
3. Таъмини табобати пайваста ва самаранок тавассути таъсиси низоми устувори мониторинги доимӣ, такмили мунтазами протоколҳои клиникӣ ва таъмини дастрасӣ ба доруҳои муосир, бо мақсади беҳтар намудани натиҷаҳои табобат ва сифати зиндагии шахсони гирифтори ВНМО.
4. Тақвияти низоми тандурустӣ ва ҳамкории байнисоҳавӣ тавассути ҳамгироии захираҳо, рушди иқтидори кадрӣ, беҳтар намудани инфрасохтор ва ба роҳ мондани ҳамкории муассир байни соҳаҳои тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, маориф ва идоракунии давлатӣ.
5. Ҳифзи ҳуқуқҳо ва ёрии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ тавассути татбиқи чорабиниҳое, ки ба таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои тиббӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, пешгирӣ ва бартарафсозии доғи нанг ва табъиз, инчунин таҳкими чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ барои ҳифзи гурӯҳи калидӣ ва осебпазир нигаронида шудаанд.

6. Мониторинг, арзёбӣ ва идоракунии сифат тавассути назорати мунтазам, таҳлили нишондиҳандаҳои асосӣ ва мутобиқсозии саривақтии барномаҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои пешниҳодшаванда.

Дар татбиқи самтҳои афзалиятноки Барномаи миллии барои солҳои 2026–2030 иштироки як қатор ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъятӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷумла:

- Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- Вазорати маориф ва илм;
- Вазорати адлия;
- Вазорати корҳои дохилӣ;
- Вазорати молия;
- Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ;
- Вазорати фарҳанг;
- Кумитаи ҷавонон ва варзиш;
- Кумитаи кор бо занон ва оила;
- Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим;
- Кумитаи телевизион ва радио;
- Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;
- Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа;
- Суди Олӣ;
- Ташкилотҳои ҷамъиятӣ.

Доғи нанг ва табъиз

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи табъиз ва доғи нанг (стигма) нисбат ба шахсони гирифтори ВНМО ба таври нокофӣ омӯхта шудааст. Охирин таҳқиқоти Индекси доғи нанг, ки соли 2021 гузаронида шуд, мавҷудияти тарси ҷиддӣ вобаста ба ошкор намудани ҳолати (статус) гирифторӣ ба ВНМО-ро нишон дод. Ин тарс ба рафтор ва қарорҳое таъсир мерасонад, ки фаъолияти иҷтимоӣ, дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ ва қабули қарорҳои оилавиро маҳдуд менамоянд (**Ҷадвалҳои 20–22**). Тибқи натиҷаҳои таҳқиқот, иштирокчиён камтар омода буданд, ки ҳолати гирифторӣ ба ВНМО-и худро бо дӯстону ҳамсоягон, ҳатто бо фарзандони худ мубодила намоянд. Ин вазъият сатҳи баланди нигаронӣ аз рад шудан ва эҳтимоли дучор шудан ба доғи нанг ва табъиз аз ҷониби муҳити наздики иҷтимоиро инъикос мекунад.

Ҷадвали 20. *Ошкор намудани ҳолати (статус) гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот доир ба Индекси доғи наг)*

Оё вазъи ВНМО-и Шумо ба одамони зерин ё гурӯҳҳои одамон маълум аст?

14	Гӯруҳ	Ҳа	Не	Ҷ/н	Агар «Ҳа», оё мақоми шумо ба ин шахс/гурӯҳ бо розигии шумо ошкор карда шуд?
а.	Ҳамсар/шарики Шумо	58,5	19,0	22,5	4,3
б.	Фарзандони Шумо	14,8	74,4	10,8	1,1
в.	Дигар аъзоёни оила	70,0	29,4	0,6	6,5
г.	Дӯстон	14,9	84,3	0,8	3,1
д.	Ҳамсояҳо	6,4	91,8	1,8	4,3
е.	Корфармои Шумо	6,1	37,9	56,0	0,5
ж.	Ҳамкорони Шумо	5,5	38,9	55,6	0,6
з.	Муаллим/маъмурияти муассисаи таълимии Шумо	0,5	15,2	84,3	0,3
и.	Ҳамсинфони Шумо	0,5	27,5	72,0	0,1
к.	Роҳбарони маҳаллӣ	2,4	75,5	22,2	1,5
л.	Мансабдорон (кормандони мақомоти корҳои дохилӣ (милитсия), кормандони мақомоти судӣ, кормандони мақомоти прокуратура ва ғайра))	10,2	65,4	24,4	5,4

Ҷадвали 21. *Таҷрибаи ошкор намудани ҳолати гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот доир ба Индекси доғи нанг)*

Изҳорот: Умуман, ошкор кардани мақоми ВНМО-и худ ба наздиконатон (масалан, шарик, оила, дӯстони наздик) як таҷрибаи мусбат буд														
Имконот	**Ҳама ШВЗ**		**ШВЗ**				**Мардони хамҷинсгаро**		**Кормандони шахвони**		**Одамоне, ки маводи мухаддир истеъмол мекунанд**		**Трансгендер**	
			Зан		**Мард**									
	n	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**
Розӣ	252	23,0	129	22,6	123	23,2	5	18,5	20	23,0	54	26,0	3	37,5
Қисман розӣ	418	38,0	270	47,4	148	27,9	10	37,0	27	31,0	69	33,2	3	37,5
Розӣ нест	361	33,0	141	24,7	220	41,5	12	44,4	35	40,2	73	35,1	2	25,0
Ҷавоб нест	69	6,0	30	5,3	39	7,4	0	0,0	5	5,7	12	5,8	0	0,0
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**530**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**
Изҳорот: Умуман, наздиконатон вақте ки бори аввал дар бораи мақоми ВНМО-и Шумо фаҳмиданд, шуморо дастгирӣ карданд														
Розӣ	328	30,0	152	26,7	176	33,2	9	33,3	15	17,2	91	43,8	2	25,0
Қисман розӣ	408	37,0	231	40,5	177	33,4	9	33,3	24	27,6	55	26,4	4	50,0
Розӣ нест	238	22,0	101	17,7	137	25,8	9	33,3	34	39,1	52	25,0	4	25,0
Ҷавоб нест	126	11,0	86	15,1	40	7,5	0	0,0	14	16,1	10	4,8	0	0,0
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**530**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**

Дар айни замон, 70% занон ва 51,1% мардон изҳор намуданд, ки ошкор намудани ҳолати гирифторӣ ба ВНМО-и худ барои онҳо таҳрибаи мусбат ё то андозае мусбат будааст. Тақрибан 60% мардон ва занони иштирокчии таҳқиқот тазаккур карданд, ки шахсоне, ки онҳо барои фош намудани ҳолати гирифторӣ ба ВНМО-и худ интихоб намудаанд, онҳоро дастгирӣ кардаанд ва дар маҷмӯъ, таҳрибаи ошкоркунӣ хусусияти мусбат доштааст.

Бинобар сабаби ҳолати гирифторӣ ба ВНМО 26,8% занон ва 18,2% мардон аз муроҷиат кардан ба хизматрасониҳои тиббӣ худдорӣ карданд. Ҳамзамон, ҳолати (статус) гирифторӣ ба ВНМО барои дарёфти кӯмаки иҷтимоӣ ё иштирок дар чорабиниҳои иҷтимоӣ ҳамчун монеаи назаррас ба ҳисоб намерафт. Бо вуҷуди ин, он ба имконияти пайдо намудани шуғл таъсири бештар расондааст, ки эҳтимолан бо зарурати дастрасӣ ба шаклҳои гуногуни дастгирии давлатӣ вобаста мебошад.

Ҷадвали 22. *Амалҳо вобаста ба ҳолати гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот вобаста ба Индекси доғи нанг, с. 2021)*

Ман қарор додам, ки дар ҷамъомадҳои иҷтимоӣ иштирок накунам														
Имконот	**Ҳама ШВЗ**		**ШВЗ**				**Мардони хамҷинсгаро**		**Кормандони шахвони**		**Одамоне, ки маводи мухаддир истеъмол мекунанд**		**Трансгендер**	
			Зан		**Мард**									
	n	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**	**n**	**%**
Ҳа	180	16,0	111	19,5	66	12,6	7	25,9	29	33,3	38	18,3	3	37,5
Не	809	74,0	394	69,1	410	78,5	18	66,7	48	55,2	154	74,0	5	62,5
Ҷ/н	111	10,0	65	11?4	46	8,8	2	7,4	10	11,5	16	7,7	0	0,0
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**522**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**
Вақте ки лозим буд, ман аз рафтан ба клиника ё беморхона худдорӣ мекардам														
Ҳа	251	23,0	153	26,8	95	18,2	4	14,8	25	28,7	49	23,6	3	37,5
Не	815	74,0	404	70,9	406	77,8	22	81,5	60	69,0	153	73,6	5	62,5
Ҷ/н	34	3,0	13	2,3	21	4,0	1	3,7	2	2,3	6	2,9	0	0,0
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**522**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**
Ман қарор додам, ки барои кор муроҷиат накунам														
Ҳа	347	32,0	226	39,6	119	22,8	3	11,1	30	34,5	47	22,6	2	25,0
Не	580	53,0	214	37,5	360	69,0	20	74,1	48	55,2	139	66,8	6	75,0
Ҷ/н	173	16,0	130	22,8	43	8,2	4	14,8	9	10,3	22	10,6	0	0,0
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**522**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**
Ман қарор додам, ки барои кӯмаки иҷтимоӣ муроҷиат накунам														
Ҳа	135	12,0	73	12,8	59	11,3	5	18,5	27	31,0	35	16,8	3	37,5
Не	680	62,0	343	60,2	333	63,8	21	77,8	51	58,6	137	65,9	4	50,0
Ҷ/н	285	26,0	154	27,0	130	24,9	1	3,7	9	10,3	36	17,3	1	12,5
Ҷамъ	**1100**	**100**	**570**	**100**	**522**	**100**	**27**	**100**	**87**	**100**	**208**	**100**	**8**	**100**

Таҳлили охирини сифати хизматрасонии тиббӣ барои занони гирифтори ВНМО дар ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, таҳти унвони «Садоҳое, ки бояд шунида шаванд», дар моҳи июн–июли соли 2025 аз ҷониби "Шабакаи тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО" бо дастгирии Дафтари кишвории ЮНЭЙДС гузаронида шуд. Ин таҳқиқот қисмати барномаи мониторинги натиҷаҳои кӯмаки тиббӣ мебошад, ки аз ҷониби ҷомеа роҳбарӣ мешавад.


Мақсади таҳқиқот - арзёбии сифати хизматрасонии тиббӣ барои занони гирифтори ВНМО ва муайян намудани монеаҳое, ки занон бо онҳо рӯбарӯ мешаванд. Дар таҳқиқот 40 зан аз ш. Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ иштирок карданд. Саволҳо ба масъалаҳои зерин равона шуда буданд: басомади боздид аз муассисаҳои тиббӣ, дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ, муносибати кормандон, сатҳи огоҳӣ, монеаҳо, тахассуси табибон, дастрасии тавсияҳо доир ба кӯмаки тиббӣ ба кӯдакон, ҳолатҳои табъиз, дастгирии равонӣ, сатҳи роҳатӣ ва пешниҳодҳо барои беҳбудӣ.

Таҳқиқот нишон дод, ки тарси таҳқир шудан - монеаи асосии дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ барои занон мебошад. Иштирокчиёни таҳқиқот дар бораи ҳолатҳое гузориш доданд, ки дар онҳо кормандони соҳаи тандурустӣ аз расонидани кӯмак ба занон ҳангоми таваллуд худдорӣ намуда, талаб кардаанд, ки барои занони мазкур утоқҳои алоҳида ҷудо карда шаванд ё махфияти маълумотро вайрон кардаанд. Занон, махсусан дар давраи ҳомиладорӣ ва баъд аз таваллуд, изтироб, депрессия ва ҳисси гуноҳро аз сар мегузаронанд. Ин ҳолат таъсири стигмаи дохилӣ ба некӯаҳволии занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистонро нишон медиҳад (**Расми 17**).

Ҳарчанд аксари занон маълумоти асосиро мегиранд, қариб 25% аз онҳо нокофӣ ё душворфаҳм будани маълумотро тазаккур карданд. Ин мушкилот махсусан ба масъалаҳои марбут ба кӯмаки тиббӣ ба кӯдакон, ғизо ва пешгирии ВНМО дахл дошт.

Баъзе занон инчунин дар бораи вайрон кардани қарори Ҳукумати ҶТ № 600, ки хидматрасонии ройгонро кафолат медиҳад, хабар доданд. Масалан, талаб намудани пардохт барои гузаронидани санҷишҳо, рад кардани қабули беморон ва мубодилаи маълумот бо шахсони сеюм боиси коҳиш ёфтани эътимод ба низоми хизматрасонии тиббӣ мегардад.

Расми 17. *Муҳимтарин ниёзҳои занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон*



Муаллифони таҳқиқот ба хулосае омаданд, ки таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои занони гирифтори ВНМО дар соҳаи тандурустӣ аҳаммияти калидӣ дорад. Ин, аз ҷумла, тақвияти иҷрои Қарори Ҳукумати ҶТ № 600, инчунин ҷорӣ ва татбиқи механизми

муассири ирсоли шикоят ва бозхурдро дар бар мегирад, ки риояи махфиятро кафолат медиҳад. Таҳқиқот ҳамчунин мавҷудияти монеаҳои ноаён, аз қабили мушкилоти маъмурӣ ва логистикиро муайян намуд, ки аз ҷониби кормандони соҳаи тандурустӣ аксаран нодида гирифта мешаванд, вале барои занон монеаҳои ҷиддӣ эҷод менамоянд. Бо мақсади беҳтар намудани вазъият, гузаронидани аудит ва оптимизатсияи равандҳои дохилӣ, инчунин баррасии имкониятҳои дастгирии мақсаднок дар соҳаи нақлиёт ва маблағгузорӣ зарур дониста мешавад.

Тибқи натиҷаҳои пурсиш, кормандони соҳаи тандурустӣ доғи нангро ҳамчун мушкилоте арзёбӣ мекунанд, ки «тадриҷан аз байн меравад», дар ҳоле ки занон онро ҳамчун тарси фарогир ва фалаҷкунанда мешуморанд. Ин тафовути назаррас дар фаҳмиши масъала нишон медиҳад, ки барои кормандони соҳаи тибб мушкилот бештар хусусияти ахлоқӣ дорад, дар ҳоле ки барои беморон он ҳамчун таҳдиди мустақим ба саломатӣ ва некӯаҳволӣ мебошад.

Дар ин замина, муҳим аст таъкид гардад, ки бархе аз унсурҳои низоми расонидани хизматрасониҳои оид ба ВНМО метавонанд сатҳи доғи нангро, бахусус стигмаи дохилиро, бе фароҳам овардани таъсири иловагӣ ба назорати эпидемия, шадидтар намоянд. Яке аз чунин унсурҳо арзёбии эпидемиологӣ мебошад, ки дар тамоми раванди тасдиқи ташхиси ВНМО гузаронида мешавад. Айни замон, ин раванд марҳилаеро дар бар мегирад, ки дар он эпидемиолог бо бемор тамос мегирад, то маълумот дар бораи роҳи эҳтимолии сироят ва рафтори хавфнок ҷамъоварӣ намояд. Ин маълумот метавонад аз ҷониби таъминкунандаи хизматрасониҳои тиббии бемор ҷамъоварӣ карда шавад, ки чунин равиш барои бемор муҳити наздиктар ва боэътимодтар фароҳам меорад. Илова бар ин, арзёбии эпидемиологиро метавон бо иштироки таъминкунандаи хизматрасониҳои тиббӣ ё мутахассиси КАН анҷом дод, ки бо ин васила зарурати иштироки мустақими бемор дар ин раванд коҳиш дода мешавад.

Хулосаи ҷиҳатҳои қавӣ ва камбудиҳо

Ҷиҳатҳои қавӣ ва камбудиҳое, ки дар ҷараёни арзёбии пешгирии интиқоли ВНМО, гепатити В ва оташак аз модар ба кӯдак муайян гардидаанд, дар поён ҷамъбаст карда мешаванд.

Ҷиҳатҳои қавӣ

- Беҳбудии назаррас дар фарогирии хизматрасониҳои КАН.
- Ҷорӣ гардидани сабти таваллуд ва рақамикунонии раванди сабткунӣ.
- Содда гардонидани алгоритми санҷиши ВНМО (ба истиснои истифодаи Вестерн-блот).
- Фарогирии васеи санҷиши ВНМО барои занони ҳомила, аз ҷумла дастрасӣ ба санҷишҳои фаврӣ.
- Таҳия ва тасдиқи протоколҳои клиникӣ доир ба санҷиш, табобат ва пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак аз ҷониби ВТҲИА.
- Роҳбарии муассири МҶ ВНМО, ки назорат ва ҳамоҳангсозии самаранокро бо марказҳои ВНМО дар сатҳҳои минтақавӣ ва маҳаллӣ таъмин менамояд.

- Дастрасӣ ба хизматрасониҳои пешгирии ҳомиладорӣ барои занони гирифтори ВНМО тавассути низоми тандурустии репродуктивӣ.
- Дастрасӣ ба санҷиши фаврии ВНМО дар сатҳҳои КАТС ва КАН.
- Таъмини дастрасӣ ба ТЗР барои занони ҳомила.
- Таъмини дастрасӣ ба пешгирӣ барои навзодон.
- Гузаронидани ташхиси барвақти ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони бо ВНМО зиндагикунанда таваллуд шудаанд.
- Таҳлили муфассали ҳолатҳои интиқоли ВНМО ва оташак аз модар ба кӯдак.

Камбудиҳои умумӣ

- Камбизоатӣ ва дурӣ аз муассисаҳои тиббӣ ҳамчун монеаҳои асосии дастрасӣ ба хизматрасониҳои тиббӣ боқӣ мемонанд.
- Занон аз хонаводаҳои камбизоат аксаран то таваллуд аз хизматрасониҳои тиббӣ маҳрум мешаванд.
- Дар саросари кишвар, тақрибан 11% занони ҳомила дар муҳлати муқарраршуда барои КАН сабт намешаванд.
- На ҳамаи таваллудҳо фавран сабт мешаванд.
- Аксари хизматрасониҳо, аз ҷумла санҷиши ВНМО ва оташак барои занони ҳомила, аз ҳисоби шахсии занон пардохт мешаванд.
- Дастрасии нокофӣ ба хизматрасониҳои санҷишӣ барои занони ғайриҳомила.
- Хизматрасониҳои тиббӣ ба таври кофӣ бар асоси равиши бемормевҳар ба роҳ монда нашудаанд (масалан, хизматрасониҳои банақшагирии оила, БСҶ, КАН ва санҷишҳои хун аз ҷониби сохторҳои гуногун пешниҳод мешаванд).
- Истифодаи нокофии санҷиши шарикон / ҳамсарон барои ВНМО ва БСҶ.
- Имкониятҳои аздастрафта барои баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ доир ба ВНМО, гепатити В ва оташак.
- Низоми тандурустӣ асосан бар нишондиҳандаҳои фаъолияти муассисаҳо асос ёфтааст, на бар натиҷаҳо.
- Сохтори амудии хизматрасониҳо: дерматовенерология аз хизматрасониҳои ВНМО ҷудо буда, гепатит дар доираи гастроэнтерология қарор дорад.
- Сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ доир ба масъалаҳои саломатӣ, аз ҷумла БСҶ ва саратонҳои вобаста ба сироятҳо (масалан, вируси папилломаи одам ва ВГВ).
- Набудани механизмҳои мунтазами арзёбии таҷрибаи беморон ва сатҳи огоҳии онҳо аз ҳуқуқҳои худ.

Камбудиҳои мушаххас — Оташак

- Набудани роҳбарии мутамарказ дар таъмини дастрасӣ ва такмили ташхис ва табобати стандартии ройгон.
- Набудани низоми ягонаи назорати эпидемиологӣ; мавҷудияти маълумоти пароканда.
- Набудани арзёбии сифати маълумот, сегонабандӣ (триангулятсия) ва ё тафтиши

мутақобили маълумот.

- Набудани санҷиши шарикон / ҳамсарон, ҳатто дар ҳолатҳои натиҷаи мусбат аз ташхиси оташак дар шахсони оиладор.
- Сатҳи маҳдуди истифодаи санҷиши оташак (санҷиши фаврӣ мавҷуд аст, вале танҳо аз ҳисоби шахсии занон).
- Набудани протоколҳои клиникӣ ё дастурҳои стандартии табобат.

Камбудиҳои мушаххас — Гепатити В

- Набудани ниҳоди масъул барои назорати эпидемиологии гепатити В ва роҳбарии мутамарказ дар таъмини дастрасӣ ба ташхис ва табобати стандартии ройгон.
- Набудани дастрасӣ (давлатӣ ё пулакӣ) ба ваксинатсияи гепатити В барои калонсолон, аз ҷумла занони ҳомила ва занони синни репродуктивӣ.
- Набудани дастрасӣ ба санҷишҳои фаврии ройгон, ҳатто барои занони ҳомила.
- Набудани дастрасӣ ба профилактика бо тенофовир дисопроксил барои занони ҳомила бо натиҷаи мусбати HbsAg.

Тавсияҳо

Дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуҷҷатҳо ва маълумот, инчунин натиҷаҳои вохӯриҳои маҷозӣ (виртуалӣ) ва ҳузурӣ, тавсияҳои зерин ҷиҳати таҳкими мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи решакании интиқоли ВНМО, гепатит ва оташак аз модар ба кӯдак пешниҳод мегарданд.

Низоми тандурустӣ:

1. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии тиббии аҳолӣ, аз ҷумла вобаста ба ВНМО, гепатит ва сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, тавассути ҷалби таъминкунандагони хизматрасонии тиббӣ ба тақвияти ҳуқуқ ва имкониятҳои беморон; маблағгузории созмонҳои ҷамъиятие, ки бо таълиму баланд бардоштани огаҳӣ дар ин самт кор мекунанд ва сафарбарсозии захираҳои истифоданашуда аз қатори кормандони соҳаи тандурустӣ).
2. Таъмини истифодаи ҳарчи самараноки захираҳо дар доираи сохторҳои давлатӣ ва таҳкими ҳамоҳангсозӣ байни бахшҳои давлатӣ.
3. Таҳия ва татбиқи роҳҳои иртибот ва равандҳои мубодилаи маълумот ҳам дар дохили сохторҳои давлатӣ ва ҳам байни муассисаҳо.
4. Муттаҳидсозии захираҳои марказҳои саломатии репродуктивӣ ва муассисаҳои КАТС, инчунин истифодаи васеи инфрасохтори ҳар ду сатҳ бо мақсади беҳтар намудани таъминоти моддию техникӣ.
5. Пешгирии коҳиши кадрҳои мавҷуда дар соҳаи тандурустӣ, бахусус дар бахшҳои КАТС, саломатии репродуктивӣ ва солимии модару кӯдак, тавассути баланд бардоштани музди меҳнат ва фароҳам овардани имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ ва рушди касбӣ.
6. Ҷорӣ намудани низоми миллии арзёбии дастрасӣ ба хизматрасониҳои ройгони

тиббӣ ва таъмини дастрасии баробар барои ҳамаи занони ҳомила ба ташхиси ВНМО, гепатит ва оташак.

7. Қадрдонии дастовардҳои кормандони беҳтарин (масалан, тавассути ҷорӣ намудани низоми сертификатсия ва ҳавасмандгардонии молиявӣ).
8. Ҷорӣ намудани модели кӯмаки тиббӣ ба ҳомиладорон, ки ба ниёзҳои онҳо равона шудааст, тавассути муттаҳидсозии тамоми хизматрасониҳо дар як макон ва пешниҳоди онҳо ба таври ройгон.
9. Бартараф намудани монеаҳои логистикӣ ва молиявие, ки дастрасии занони ҳомиларо ба муассисаҳои КАН маҳдуд месозанд.
10. Таъмини хизматрасониҳои ҳамгироишуда ҳам ба занони ҳомила ва занон (пайвасткунии КАТС бо хизматрасониҳои танзими оилаи ва гинекологӣ).
11. Тақвияти ҳифзи ҳуқуқи занон дар соҳаи расонидани кӯмаки тиббӣ, аз ҷумла тавассути таҳкими иҷрои қарори Ҳукумати ҶТ №600 ва пешниҳоди маълумоти шаффоф ба беморон дар бораи хизматрасониҳои ройгон ва ҳуқуқҳои онҳо.
12. Ҷорӣ намудани механизми пешниҳоди шикоят ва бозхурд, ки махфияти шахсияти беморонро ҳифз менамояд, инчунин ворид намудани мониторинги ҷамъиятӣ ва истифодаи нишондиҳандаҳои натиҷаҳои табобат аз нуқтаи назари беморон.
13. Таъмини махфият ва ҳифзи дахолатнопазирӣ барои занон, махсусан дар давраи ҳомиладорӣ, вақте ки осебпазирӣ баланд буда, хатари доғгузорӣ (стигматизатсия) меафзояд.
14. Ҳамгироии ташкилотҳои ҷамъиятие, ки мутобиқи низомномаи худ ба шахсони гирифтори ВНМО хизмат мерасонанд, бо муассисаҳои тандурустӣ ҷиҳати расонидани хизматрасониҳои дастгирии мутақобил (бар асоси принсипи “баробар-ба-баробар”) ва дастгирии иҷтимоӣ бо таъмин гардидани маблағгузории давлатӣ.
15. Интишор ва истифодаи ҳисоботҳо барои ислоҳ ва такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи тандурустӣ.

Санҷиши ВНМО, оташак ва гепатити В

1. Таъмин намудани санҷиши ройгони комплексии ВНМО, гепатити В ва оташак барои ҳамаи занони ҳомила (ВНМО, HBsAg ва антигени трепонемалии оташак), ки аз ҳисоби буҷети давлатӣ тавассути хариди мутамарказ (марказонидашуда) маблағгузорӣ мегардад.
2. Таъмини фарогирии на камтар аз 95% занони ҳомила бо санҷиши комплексии ВНМО, гепатити В ва оташак, ки дар боло зикр гардид.
3. Таъмини дастрасӣ ба санҷиши ройгони ВНМО, HBsAg ва антигени трепонемалии оташак барои ҳамаи занони синни репродуктивӣ, новобаста аз вазъи оилавӣ.
4. Муайян ва татбиқ намудани нишондиҳандаҳои калидӣ барои пешгирии интиқоли ВНМО, гепатити В ва оташак аз модар ба кӯдак, ки бояд барои ҳамаи занони ҳомила ба таври мунтазам ҷамъоварӣ карда шаванд (бо афзалият ба истифодаи нишондиҳандаҳои байналмилалии тавсиянамудаи ТУТ).
5. Ворид намудани маълумоти санҷиши ВНМО, гепатити В ва оташак ҳангоми ҳомиладорӣ ба гузоришҳои солонаи оморӣ бо нишон додани шумораи санҷишҳои гузаронидашуда, натиҷаҳои онҳо, инчунин махраҷ ва сурат барои ҳисоб намудани

арзишҳои асосии нишондиҳандаҳо.

6. Таъсиси низоми ягонаи ҷамъоварӣ ва пайгирии маълумот ҷиҳати мониторинги нишондиҳандаҳои асосӣ (мутобиқи бандҳои 4 ва 5).
7. Таъмини фарогирии васеътари шарикони / ҳамсарони занони ҳомила бо санҷиш, бахусус тавассути хадамоти тандурустӣ, бо дарназардошти расму оинҳои маҳаллӣ ва пазириши иҷтимоӣ (масалан, санҷиш дар хона).
8. Ҷорӣ намудани санҷиш ҳангоми таваллуд барои ҳамаи занони ҳомилае, ки қаблан натиҷаи манфӣ доштаанд ва муҳоҷир мебошанд, ё шарики / ҳамсари муҳоҷир доранд, ё шарике доранд, ки барои ВНМО санҷида нашудааст.
9. Таъмини равандҳое, ки тибқи онҳо заноне, ки ҳангоми таваллуд барои ВНМО, гепатити В ва оташак санҷида шудаанд, то дастрас гардидани натиҷаҳои санҷиш (аз ҷумла натиҷаҳои ташхиси барвақти кӯдак) аз муассисаи тиббӣ ҷавоб дода намешаванд.
10. Гузаронидани таҳлили амиқи ташхиси ВИЧ аз рӯи рамз, ки сатҳи натиҷаҳои мусбатро барои ҳар як рамз (барои дахолатҳои мақсаднок) нишон медиҳад ва фоизи натиҷаҳои мусбатро барои ҳар як рамз (барои татбиқи мақсадноки фаъолиятҳо) муайян кунед.
11. Барҳам додани марҳилае, ки бо тасдиқи эпидемиолог барои гирифтани ташхиси ВНМО рабт дорад, зеро он метавонад ба афзоиши доғгузорӣ (стигма) оварда расонад ва расонидани натиҷаҳои санҷишро ба бемор ба таъхир андозад.
12. Таъмини санҷиши ВНМО барои заноне, ки бо дисплазияи гарданаки бачадон ё саратони гарданаки бачадон ташхис шудаанд.
13. Таъмини санҷиши ВНМО барои заноне, ки доруҳои контрасептивӣ истифода мебаранд ва аз рифола истифода намекунанд.
14. Гузаронидани санҷиши ВНМО ба модарон пас аз таваллуд дар хона.

Ҷузъҳои асосии Барномаи пешгирии интиқоли ВНМО аз модар ба кӯдак

1. Таъмини дастрасӣ ба ТЛД дар таваллудхонаҳо барои оғози фаврии табобат барои ҳамаи заноне, ки ҳангоми таваллуд бо натиҷаи мусбати ВНМО ташхис шудаанд, новобаста аз вақти гузоштани натиҷаи ташхис (пеш аз таваллуд ё баъд аз он).
2. Баррасии масъала доир ба пешкаш намудани GeneXpert ба Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ташхиси фаврии ВНМО дар давраи ҳомиладорӣ.
3. Тақвияти низоми ташхиси барвақти кӯдакон тавассути таъмини дастрасии шабонарӯзӣ (24/7) ба натиҷаҳои ташхис ва огоҳсозии фаврии неонатологон барои оғози табобати пешниҳодшудаи мувофиқ.
4. Тақвияти омӯзиш ва машварат доир ба амалияҳои ширдиҳӣ дар миёни модарони гирифтори ВНМО мутобиқ ба тавсияҳои миллӣ ва байналмилалӣ.
5. Таъмини дастгирии беҳтар барои модароне, ки кӯдаконро намемаконанд, аз ҷумла расонидани кӯмаки фармакологӣ барои қатъи ширдиҳӣ (лактатсия) ва пешниҳоди ғизои сунъӣ ба таҳаммулпазирии навзод мутобиқшуда аз рӯи таъйиноти духтур.
6. Густариши санҷиши ВНМО дар байни навзодон ва кӯдакон берун аз доираи ПИСМК, аз ҷумла тавассути санҷиши бар нишонаҳо асосёфта.

7. Банақшагирӣ ва татбиқи мониторинги солонаи низомманд (систематикӣ) дар муассисаҳои КАТС, муассисаҳои КАН, марказҳои саломатии репродуктивӣ, таваллудхонаҳо ва марказҳои ВНМО.
8. Таъмини ҳамгироии нишондиҳандаҳои калидӣ ба равандҳои рақамикунонӣ, бо сохторбандии мувофиқи таҳлилҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои марбут ба HBsAg ва паҳншавии ангти-ВГС.
9. Истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ дар соҳаи тандурустӣ бо мақсади беҳтар намудани дастрасӣ ба маълумоти тиббӣ, аз ҷумла сабтҳои электронии тиббӣ.
10. Идомаи ислоҳоти қонунгузорӣ ҷиҳати эътирофи принсипи «ошкорнашаванда = интиқолнашаванда» (U=U) дар мавриди ВНМО ва бартараф намудани монеаҳои қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла баррасии тағйирот ба моддаи 125 Кодекси ҷиноятӣ.

Ҷузъҳои барномаи пешгирии интиқоли гепатити В аз модар ба кӯдак

1. Муайян намудани масъулиятҳои возеҳ барои ташхис, табобат ва назорати сироятёбии гепатити В дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
2. Ҷорӣ намудани санҷиши фаврии ройгони ВГВ ва ваксинатсия бар зидди ВГВ барои ҳамаи занони ҳомила, бо оғоз аз татбиқи лоиҳаи озмоишӣ.
3. Таъмини дастрасии ҳамаҷониба ба тенофовир дисопроксил барои ҳамаи занони ҳомила бо натиҷаи мусбати HBsAg.

Ҷузъҳои барномаи пешгирии интиқоли оташак аз модар ба кӯдак

1. Барои муқовимат бо эпидемияи оташак дар кишвар, таъмини роҳбарии қавӣ бо муайян намудани масъулиятҳои возеҳ доир ба гузоришдиҳӣ ва вокуниши мувофиқ ба тамоюлҳои эпидемиологӣ зарур мебошад.

Сифати додаҳо ва дастрасӣ ба онҳо

1. Ба раванди рақамикунонӣ дар соҳаи тандурустӣ афзалият дода шавад, то ҷамъоварии маълумот ва натиҷаҳои зарурӣ барои ташаккули низоми тандурустии ба ниёзҳои миллӣ мутобиқ ва татбиқи мудохилаҳои мақсаднок таъмин гардад.
2. Натиҷаҳои РИСМК бояд пеш аз оғози раванди рақамикунонӣ ба таври возеҳ ба нақша гирифта шуда, бо ҷонибҳои асосии манфиатдор мувофиқа карда шаванд. Арзёбии мазкур шарҳи мухтасари ҳамаи махраҷ ва суратҳои заруриро барои ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои таъсир дар бар мегирад, ки барои гузаронидани санҷиши мутобиқат бо решакании сегона имкон медиҳад.
3. Бо дарназардошти он ки маълумот аз ҷониби муассисаҳои гуногун (аз ҷумла Кумитаи андоз, мақомоти сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, МҶ ВНМО, ММСР ва МҶ ОИТ) ҷамъоварӣ мегардад, барои фароҳам овардани ҳамгироии ин маълумот қабули қонунгузории ба талаботи ҳифзи маълумот мутобиқ зарур аст.
4. Механизмҳои назорати сифати ҷамъоварии маълумот, инчунин таҳияи протоколҳои хаттӣ барои ин раванд (бо нишон додани имзо ва сана) бояд таъсис дода шаванд.
5. Амалӣ намудани аудитҳои дохилӣ ва берунии маълумот бояд ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи раванди назорати сифат ба роҳ монда шавад.

Қадамҳои минбаъда

Пас аз таҳлили вазъияти дар боло зикршуда, таҳияи нақшаи амал зарур аст, ки ба истифодаи тарафҳои қавӣ ва имкониятҳои муайяншудаи низом ҷиҳати тақвияти иқтидори низоми тандурустӣ ва ҳамзамон бартараф намудани камбудӣ ва мушкилоти ошкоршуда, бо такя ба таҷрибаҳои беҳтарини ҷаҳонӣ, равона гардад. Банақшагирӣ ва афзалиятгузорӣ бояд ба пешниҳоди роҳҳалҳои мушаххас ва ба шароити мавҷуда мутобиқ барои рафъи камбудиҳои муайяншуда нигаронида шаванд.

Раванди муфассали банақшагирӣ бояд ба муттаҳидсозии стратегии ҳам равишҳои табобати бемориҳои мушаххас ва ҳам равишҳои муштарак барои се сирояти мавриди баррасишуда, инчунин дигар самтҳои барномавӣ, аз ҷумла саломатии ҷинсӣ ва репродуктивӣ, нигоҳубини модар, навзод ва кӯдак, бемориҳои сироятӣ ва ғайрисироятӣ ва дигар бахшҳо, бо мақсади вокуниши самаранок ва инсонмевҳар (ба инсон нигаронидашуда) равона карда шавад. Ин раванд зарурати ҷалби ҳамаи барномаҳои дахлдор, аз ҷумла намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷамъиятро дар ҳамаи марҳилаҳо (аз банақшагирӣ то ташкил ва татбиқи решакании сегона) бо масъулияти муштарак таъкид менамояд. Банақшагирии муваффақ сиёсати миллиро талаб мекунад, ки ҳадафҳои решакании сегонаҳоро дастгирӣ намояд. Таҳияи нақшаи амал бояд бо принсипҳои Чаҳорчӯбаи решакании сегонаи ТУТ роҳнамоӣ карда шавад.

Раванди банақшагирӣ роҳбарӣ ва идоракунии муассирро талаб мекунад. Гурӯҳи кории таъсисёфта барои гузаронидани арзёбӣ метавонад фаъолияти худро идома дода, роҳнамоии умумии стратегӣ, назорат ва масъулиятро барои банақшагирӣ таъмин намояд. Илова бар гурӯҳи кории техникӣ, раванд бояд коршиносони бахши тандурустии ҷамъиятӣ, молия ва намояндагони ҷомеаро дар бар гирад, ки дар бораи ҷузъҳои мушаххаси техникии нақша, аз ҷумла самт ва чорабиниҳои барномавӣ, мониторинг ва арзёбӣ, хароҷот ва буҷетсозӣ маълумоти муфассал пешниҳод намоянд. Нақшаи амал доир ба решакании сегона ба захираҳои зарурӣ, аз ҷумла буҷети кофӣ барои пӯшонидани хароҷоти фаъолиятҳои амалӣ, ниёз дорад.

Ин раванд бояд таҳти роҳбарӣ ва ҳамоҳангсозии роҳбарияти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, бо ҷалби гурӯҳи кории техникии махсус, ки аз тарафҳои манфиатдори дахлдор, аз ҷумла дастаҳои роҳбарикунандаи барномаҳои назорати беморӣ ва платформаҳои амалисозӣ иборат аст, татбиқ карда шавад. Ҳамаи коршиносоне, ки дар таҳияи нақшаи амал иштирок менамоянд, бояд дарк намоянд, ки ноил шудан ба решакании сегона мустақиман ба қонеъ гардонидани ниёзҳои занон, навзодон, кӯдакон ва оилаҳо ва ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо вобаста аст.

Пас аз тасдиқи нақшаи амал аз ҷониби ВТҲИА, мақомоти масъули соҳаи тандурустӣ бояд татбиқи ҳамоҳангшуда ва бефосилаи онро тавассути ҳамаи барномаҳои дахлдор, дар ҳамкорӣ бо шарикон ва ҷонибҳои манфиатдор, аз ҷумла бо ҷалби ҷомеа, таъмин намоянд. Мониторинг ва арзёбии нақшаи амал дар сатҳҳои миллӣ ва зермиллӣ бояд ҷузъи ҷудонашавандаи марҳилаи татбиқ бошад. Мониторинги мунтазами пешрафт имкон медиҳад, ки тадбирҳои ислоҳӣ сари вақт ворид карда шаванд.

Рӯйхати замимаҳо

- **ЗАМИМАИ 1.** Рӯйхати аъзоёни гурӯҳи кории соҳавӣ барои арзёбии РИСМК, Ҷумҳурии Тоҷикистон
- **ЗАМИМАИ 2.** Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои таҳлил пешниҳод гардидаанд
- **ЗАМИМАИ 3.** Рӯйхати тағйирёбандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои таъсир ва раванд
- **ЗАМИМАИ 4.** Нақшаи кории бо шарикони миллӣ мувофиқакардашуда
- **ЗАМИМАИ 5.** Нақшаи машварат ва муҳлатҳо

Расмҳо

- **Расми 1.** Сатҳи арзёбӣ ва дархости маълумот
- **Расми 2.** Хусусиятҳои геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон
- **Расми 3.** Сабабҳои асосии марг аз рӯи ҷинс барои ҳама гурӯҳҳои синну солӣ (манбаъ: https://data.who.int/countries/762-).
- **Расми 4.** Шумораи таваллудҳои хонагӣ ва таваллудҳое, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи тандурустӣ гузаронида шудаанд (манбаъ: Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ)
- **Расми 5.** Тамоюл дар сатҳи фавти навзодон
- **Расми 6.** Сатҳи фавти навзодон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи маълумоти IGME (https://childmortality.org)
- **Расми 7.** Фарогирии занони ҳомила барои сабти антенаталӣ дар 10 шаҳри интихобшуда (сарчашма: гузориши МҶ ВНМО)
- **Расми 8.** Таносуби санҷишҳои ВНМО, ки дар маркази ВНМО ва аз ҳисоби шахсии бемор дар озмоишгоҳҳои хусусӣ гузаронида шудаанд (маълумот аз ҷониби Маркази ВНМО-и ш. Турсунзода барои солҳои 2021-2024 пешниҳод шудааст)
- **Расми 9.** Шумораи кӯдакони то 15-сола аз рӯи роҳи интиқол
- **Расми 10.** Алгоритми санҷиши ВНМО (манбаъ: Идоракунии ташхиси лабораторияи ВНМО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022)
- **Расми 11.** Намунаи тағйирёбии хатари сироятёбӣ ба ВНМО дар давраи ҳомиладорӣ дар ҳолати нигоҳ доштани ҳамон рафтори ҷинсӣ ва ҳамон шарики дорои ВНМО (бо истинод ба Терон ва ҳаммуаллифон, 2021). Сенария бар асоси ду санҷише таҳия шудааст, ки мутобиқи протокол гузаронида шудаанд.
- **Расми 12.** «Маълумоти эпидемиологӣ доир ба гепатитҳои вирусӣ»; дар маҷмӯаи оморӣ соли 2021 нашр шудааст (10)
- **Расми 13.** Маълумот доир ба паҳншавии HBsAg (+) дар байни занони ҳомила; гурӯҳбандӣ аз рӯи сол ва минтақа (манбаъ: ММСР).
- **Расми 14.** Маълумоти санҷиши гепатит дар байни занони ҳомилаи гирифтори ВНМО, ки аз ҷониби МҶ ВНМО (Infotracker) пешниҳод шудааст
- **Расми 15.** Паҳншавии HBsAg дар байни кӯдакони то 5-сола дар кишварҳои Осиёи Марказӣ

- **Расми 16.** Паҳншавии роҳҳои пешгирии ҳомиладорӣ дар байни занони шавҳардор ва сабабҳои исқоти ҳамл (ТТД с. 2023).
- **Расми 17.** Муҳимтарин ниёзҳои занони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон

Ҷадвалҳо

- **Ҷадвали 1.** Маълумот дар бораи сабаби фавт, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ пешниҳод шудааст.
- **Ҷадвали 2.** Шумораи занони ҳомила дар як сол бо назардошти мушоҳидаи КАТ
- **Ҷадвали 3.** Хизматрасониҳои лабораторӣ барои ВНМО дар Тоҷикистон (аз ҷониби МҶ ВНМО пешниҳод карда шудааст)
- **Ҷадвали 4.** Санҷиши ВНМО дар ш. Турсунзода, с. 2021–2024 (n=143,925)
- **Ҷадвали 5.** Маълумоти оморӣ доир ба занони ҳомилае, ки ба Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон қабул шудаанд.
- **Ҷадвали 6.** Маълумоти сатҳи миллӣ доир ба гузаронидани санҷиши ВНМО ҳангоми ҳомиладорӣ аз ҷониби МҶ ВНМО пешниҳод гардидааст.
- **Ҷадвали 7.** Сироятҳои нави ВНМО дар байни занони ҳомила дар соли 2024, бо назардошти муҳлати ҳомиладорӣ (манбаъ: МҶ ВНМО)
- **Ҷадвали 8.** Шумораи кӯдакони гирифтори ВНМО дар солҳои 2015–2024
- **Ҷадвали 9.** Ташхиси барвақтии навзодон дар Тоҷикистон (маълумоти МҶ ВНМО)
- **Ҷадвали 10.** Нигоҳубини занони гирифтори ВНМО, аз ҷумла ҳомиладор (рақамҳои мутлақ, манбаъ: Infotracker)
- **Ҷадвали 11.** Шарҳи ҳар як ҳолати инфиродӣ мутобиқ ба Замимаи I-и Веб-платформаи ТУТ (шакли намунавии гузориши ҳолатҳо, Замимаи 5)
- **Ҷадвали 12.** Ҳолатҳои гузоришшудаи оташак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ҳар 100 000 аҳолӣ)
- **Ҷадвали 13.** Санҷишҳои РВ, ки дар байни занони ҳомила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи сол гузаронида шудаанд (манбаъ: маълумоте, ки аз ҷониби ММСР пешниҳод шудааст, 30 октябри соли 2025)
- **Ҷадвали 14.** Маълумот доир ба санҷиши занони ҳомила барои гепатити B ва C аз ҷониби Маркази саломатии репродуктивии ш. Ваҳдат пешниҳод шудааст.
- **Ҷадвали 15.** Маълумот дар бораи санҷиши занони ҳомила барои гепатити B ва C, ки аз ҷониби ММСР пешниҳод шудааст.
- **Ҷадвали 16.** Гурӯҳи мақсаднок ва сатҳи фарогирии ваксинаҳои Hep-BD ва Penta (манбаъ: МҶИ)
- **Ҷадвали 17.** Нишондиҳандаҳои раванд ва таъсир барои ВНМО, оташак ва ВГВ.
- **Ҷадвали 18.** Ҳадафҳои санҷиши мутобиқат барои нишондиҳандаҳои калидии раванд ва таъсири дар боло зикршуда.
- **Ҷадвали 19.** Маълумоте, ки аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ пешниҳод шудааст

- **Ҷадвали 20.** Ошкор намудани ҳолати гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот доир ба Индекси доғи наг)
- **Ҷадвали 21.** Таҷрибаи ошкор намудани Ҳолати гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот доир ба Индекси доғи нанг)
- **Ҷадвали 22.** Амалҳо вобаста ба ҳолати гирифторӣ ба ВНМО (Ҳисобот вобаста ба Индекси доғи нанг, с. 2021)

Аксҳо

- **Акси 1.** Санҷишҳои фаврии ВНМО, ки дар муассисаҳои тиббӣ ҳангоми боздид аз кишвар мушоҳида гардиданд (аксҳо: Ҷ. Ковалска)
- **Акси 2.** Озмоишгоҳи МҶ ВНМО (аксҳо аз ҷониби Ҷ. Ковалска).
- **Акси 3.** Бастаи ПИСМК-и ВНМО дар Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон ва сабтҳои махфии тиббӣ, ки натиҷаҳои ташхиси ҳомиладориро инъикос менамоянд.
- **Акси 4.** Барномаи ваксинатсия дар муассисаи КАТС дар ш. Бохтар, 22 сентябри соли 2025.

Графикҳо

- **Графики 1.** Алгоритми ташхиси ВНМО дар кӯдаконе, ки аз модарони бо ВНМО зиндагикунанда таваллудшудаанд.

Истинодҳо

1. Тандурустӣ дар Тоҷикистон. Википедия. Дастрас дар: https://en.wikipedia.org/wiki/Health_in_Tajikistan Дастрасӣ: 31-уми июли с. 2025.
2. Маблағгузории КАТС: арзёбии вазъият ва имконоти сиёсат барои Тоҷикистон. ТУТ июли с. 2025. Дастрас дар:: https://www.who.int/europe/publications/i/item/WHO-EURO-2025-11204-50976-77476 Дастрасӣ: 17-уми августи с. 2025.
3. Сюзанна Робинсон, Илкер Дастан и Бернд Рехел. Низомҳои тандурустӣ дар амал 2024 - Тоҷикистон, нашри с. 2024, Дастрас дар https://iris.who.int/bitstream/handle/10665/380275/9789289059879-eng.pdf?sequence=1 Дастрасӣ: 29.07.2025.
4. Маълумоти кишварии ТУТ. Дастрас дар: https://data.who.int/countries/762 Дастрасӣ: 31-уми июли с. 2025.
5. Маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ. Дастрас дар: https://data360.worldbank.org/en/indicator/WB_WDI_SP_DYN_TFRT_IN Дастрасӣ: 31-уми июли с. 2025.
6. Баррасии ҳамаҷонибаи барномаи ВНМО дар Тоҷикистон. ТУТ с. 2023.
7. Арзёбии саломатии ҷинсӣ, репродуктивӣ, модар, навзод, кӯдак ва наврасон дар заминаи фарогирии умумии тандурустӣ дар Тоҷикистон. 23-уми июни с. 2021. ISBN: 9789289055680 Дастрасӣ дар:

https://www.who.int/europe/publications/i/item/9789289055680 Дастрасӣ: 31-уми июли с. 2025.

8. Барномаи миллии муқовимат бо эпидемияи ВНМО / БПНМ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
9. Индекси 2.0 доир ба доғгузории одамони гирифтори ВНМО. Гузориши таҳлилӣ. Тоҷикистон с. 2021.
10. Солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ дар соли 2021. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон. Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ", с. 2022.
11. Гилмур Л.С., Уоллс Т. Оташаки модарзодӣ: Шарҳи эпидемиологияи ҷаҳонӣ. Clin Microbiol Rev. 2023;36(2):e0012622. Clin Microbiol Rev. 2023;36(2):e0012622.
12. Маълумт дар бораи татбиқи "Барномаи миллии муқовимат бо эпидемияи ВНМО / БПНМ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" дар с. 2024.
13. Александрова, Л. Ҳуқуқи инсонии одамони гирифтори ВНМО дар Тоҷикистон. Маркази сиёсати хориҷӣ. 17 майи с. 2021. Дастрас дар: https://fpc.org.uk/human-rights-of-people-living-with-hiv-in-tajikistan/ Дастрасӣ: 31-уми июли с. 2025.
14. ТУТ. Дастури ҷаҳонӣ доир ба меъёр ва равандҳои санҷиши мутобиқат: Решакан кардани интиқоли вируси ВНМО, оташак ва гепатити В аз модар ба кӯдак. 4-уми августи с. 2022. https://www.who.int/publications/i/item/9789240039360.
15. БРСММ. Гузориши таҳлилӣ: Арзёбии вазъият вобаста ба зӯроварии гендерӣ нисбат ба занон ва духтарон дар минтақаҳои мавриди ҳадаф қарордошта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (https://www.undp.org/sites/g/files/zskgke326/files/migration/tj/UNDPTJK-Pub_2021_06-1_Final_SurveyRU_12102020.pdf).
16. Ҳолт Э. Лансет 2024;11:6e354-e355 https://www.thelancet.com/journals/lanhiv/article/PIIS2352-3018(24)00088-2/abstract?rss=yes).

ЗАМИМАИ 1. Рӯйхати аъзоёни гурӯҳи кории соҳавӣ барои арзёбии РИСМК, Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Ному насаб	Муассиса	Вазифа
1.	Амирзода Абдухолик	ВТҲИА	Муовини вазир (бемориҳои сироятӣ, хадамоти санитарӣ-эпидемиологӣ)
2.	Абдусаматзода Зулфия	ВТҲИА	Муовини вазир (солимии модар ва кӯдак)
3.	Авғонов Зиёвуддин	Котиботи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варача	Котиб
4.	Давлатзода Саид	ВТҲИА	Сардори Раёсати амнияти санитарию эпидемиологӣ
5.	Набизода Зоир	ВТҲИА	Сардори Раёсати ташкили хизматрасонии тиббӣ барои модарон, кӯдакон ва банақшагирии оила
6.	Шарифзода Зайнулло	ВТҲИА	Сардори Раёсати иқтисодиёт ва банақшагирии буҷети соҳаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳолӣ.
7.	Зокирҷонзода Дилрабо	ВТҲИА	Сардори шуъбаи ташкили хизматрасонии тиббӣ барои модарон ва ҳомиладории бехатар
8.	Маннонов Олимҷон	ВТҲИА	Сардори шуъбаи КАТС
9.	Ҷаъфаров Наврӯз	Хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ	Муовини роҳбар
10.	Сатторов Сафархон	МҶ ВНМО	Директор
11.	Солиев Алиҷон	МҶ ВНМО	Муовини директор
12.	Ёқубов Иззатулло	МҶ ВНМО	Сардори шуъба
13.	Ихтиярова Ҳанифа	МҶ ВНМО	Сардори шуъба
14.	Каримова Фарзона	МҶ ВНМО	Сардори шуъба
15.	Холназаров Рамшед	МҶ ВНМО	Сардори шуъба
16.	Ватанова Саодат	МҶ ВНМО	Акушер-гинеколог
17.	Маҷитова Татяна	МҶ ВНМО	Педиатр
18.	Боймуродов Камолиддин	МҶ ВНМО	Духтур
19.	Аҳмадзода Маъруф	Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул	Роҳбар

20.	Бобиев Армиё	Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул	Муовини роҳбар
21.	Гулов Хуршед	Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул	Сардори озмоишгоҳ
22.	Мунисаи Холмурод	Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул	Сардори шуъба
23.	Қосимов Азизулло	ВТҲИА	Дерматовенерологи ғайривоҳидӣ
24.	Шамсуллозода Манучеҳр	Маркази ҷумҳуриявии омор ва иттилооти тиббӣ	Роҳбар
25.	Саидзода Файзалӣ	Марказӣ ҷумҳуриявии иммунопрофилактика	Роҳбар
26.	Саидова Ҳафиза	Маркази миллии солимии репродуктивӣ	Роҳбар
27.	Набиева Мунира	Маркази миллии солимии репродуктивӣ	Шахси мутасаддӣ барои тадбирҳои марбут ба ВНМО
28.	Ғаниев Беҳрӯз	Пажӯҳишгоҳи Гастроэнтерология	Муовини роҳбар
29.	Мавҷигул Азизуллоева	ЮНИСЕФ	Коршиноси бахши тандурустӣ
30.	Набиҷонова Азиза	ЮНЭЙДС	Роҳбари кишварӣ
31.	Сафаров Абдулаҳад	ТУТ	Коршинос
32.	Тохиров Равшан	ЮНФПА	Коршинос
33.	Хайдарова Таҳмина	Шабакаи тоҷикистонии занони гирифтори ВНМО	Мудири иҷроия
34.	Комилова Амина	МҶ ВНМО	Мушовири баробар

ЗАМИМАИ 2. Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки барои таҳлил пешниҳод гардидаанд

№	Номи ҳуҷҷатҳо	Номи ҳуҷҷат	Пешниҳод гардидааст
1.	Ҳама гуна арзёбиҳои қаблан анҷомдодаи ТУТ вобаста ба ВНМО, оташак ва гепатит	1.1. Гепатити вирусӣ дар минтақаи Аврупо 1.2. Ҳисоботи ҷаҳонӣ доир ба гепатит, с. 2024 1.3. Шарҳи ҳамаҷонибаи Барномаи ВНМО дар Тоҷикистон, с. 2023, ТУТ 1.4. Арзёбии гендерӣ вобаста ба вокуниши миллӣ ба ВНМО, с. 2024 1.5. Таҳқиқоти демографӣ ва тиббӣ, с. 2023 1.6. Таҳқиқоти демографӣ ва тиббӣ: нишондиҳандаҳои калидии самаранокӣ, с. 2023 1.7. Низомҳои тандурустӣ дар амал: Тоҷикистон, нашри с. 2024 1.8. Маблағгузории бахши кӯмаки аввалияи тиббӣ-санитарӣ: арзёбии вазъият ва имконоти сиёсат барои Тоҷикистон	Фахриддин Низомов Мавҷигул Азизуллоева Таҳқиқи шахсӣ
2.	Протоколҳои клиникӣ (ё санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ) вобаста ба ташхис ва табобати ВНМО, оташак ва гепатит	1.9. Барномаи миллии ВНМО барои солҳои 2021–2025 1.10. Протоколи табобат бо табобати зиддиретровирусӣ (ТЗР) 1.11. Дастурҳои ташхиси лабораторӣ ВНМО 1.12. Протоколи клиникӣ доир ба ПИСМК 1.13. Протоколи клиникӣ доир ба табобати гепатити вирусӣ ва ғайривирусӣ	Алиҷон Солиев
3.	Барномаи миллии ваксинатсия	1.14. Барномаи миллии иммунизатсия барои солҳои 2021-2025	Алиҷон Солиев
4.	Шарҳи модели расонидани кӯмаки тиббӣ (чаҳорчӯбаи расонидани кӯмаки тиббӣ, аз ҷумла нақш ва масъулияти хизматрасонон, механизмҳои пардохт ва ҳамгироии намудҳои гуногуни хизматрасонӣ)		
5.	Шарҳи модели расонидани кӯмаки тиббӣ дар Тоҷикистон барои занони ҳомила ва дар давраи пас аз таваллуд, аз ҷумла кӯмаки педиатрӣ		
6.	Шарҳи модели расонидани кӯмаки тиббӣ дар Тоҷикистон барои ВНМО, сироятҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда ва гепатит		
7.	Низомҳои электронии назорат – рӯйхати	Рӯйхати тағйирёбандаҳои ҷамъовардашуда доир ба ВНМО дар се харитаи онлайнӣ (7.1, 7.2, 7.3 ва 7.4)	Алиҷон Солиев

	тағйирёбандаҳое, ки ҷамъоварӣ мегарданд	пешниҳод гардидааст. Дар кишвар низоми электронии сабт ва мониторинги оташак ва гепатит мавҷуд нест. Дастурҳо доир ба истифодаи мониторинги электронии ҳолатҳои ВНМО. Алмаато, с. 2010. Дастурҳо доир ба татбиқи пайгирии электронии ҳолатҳои ВНМО, ш. Душанбе, с. 2011.	
8.	Гузоришҳо доир ба татбиқи харитаи роҳи РИСМК (дар ҳолати мавҷуд будан)	Нест. 1.15. Ҳисобот доир ба натиҷаҳои арзёбии ПИСМК, с. 2024 (бо забони тоҷикӣ мавҷуд аст).	Алиҷон Солиев
9.	Дастурҳо, нақшаҳо ва сиёсатҳо вобаста ба мониторинг, назорат ва арзёбӣ (дар ҳолати мавҷуд будан)	1.16. Нақшаи миллии Мониторинг ва Арзёбӣ.	Алиҷон Солиев
10.	Шарҳи низом(ҳо)-и мониторинг ва арзёбӣ, аз ҷумла сохторҳои ташкилсозӣ, ҳайати кормандон ва ҷузъҳои марбута (агар мавҷуд бошанд)		
11.	Шаклҳои гузоришдиҳӣ вобаста ба ВНМО, оташак (аз ҷумла оташаки модарзодӣ) ва гепатит (аз ҷумла шаклҳои вобаста ба санҷиш)		
12.	Ҳисоботҳои мониторинг/арзёбӣ ва мониторинг барои 4 соли охир	1.17. Индекси 2.0 доир ба доғгузории одамони гирифтори ВНМО, с. 2021	Мавҷигул Азизуллоева
13.	Ҳисоботҳо доир ба маълумоти фарогирии маъмурии ваксинатсия (ҳадди аққал барои гепатити В)		
14.	Қонунгузорӣ вобаста ба ВНМО, бемориҳои бо роҳи алоқаи ҷинсӣ гузаранда, санҷиши гепатит ва интиқоли вирус	1.18. Тартиби гузаронидани муоинаи тиббӣ вобаста ба ВНМО	Алиҷон Солиев
15.	Қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқи инсон ва таъмини адолати гендерӣ	1.19. Кодекси тандурустии ҶТ. 1.20. Арзёбии гендерӣ дар ҶТ, с. 2024.	Алиҷон Солиев

ЗАМИМАИ 3. Рӯйхати тағйирёбандаҳои зарурӣ барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои таъсир ва раванд

Барои ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои ВНМО, оташаки модарзодӣ ва гепатити В маълумоти зерини ҳарсоларо барои солҳои 2021–2024 ҷамъоварӣ намудан зарур аст:

1. Шумораи занони ҳомила, ки ҳадди аққал як маротиба дар давраи ҳомиладорӣ бо сабабҳои марбут ба ҳомиладорӣ ба духтур муроҷиат кардаанд.
2. Шумораи занони ҳомила, ки ҳадди аққал чор маротиба бо сабабҳои марбут ба ҳомиладорӣ ба духтур муроҷиат кардаанд.
3. Шумораи заноне, ки дар соли муайян зиндатаваллуд ё мурдатаваллуд доштаанд.
4. Шумораи заноне, ки дар давраи ҳомиладорӣ барои ВНМО санҷида шудаанд.
5. Шумораи занони гирифтори ВНМО
6. Шумораи занони ҳомилаи гирифтори ВНМО
7. Шумораи занони гирифтори ВНМО, ки табобати зиддиретровирусӣ мегиранд.
8. Шумораи занони ҳомилаи гирифтори ВНМО, ки табобати зиддиретровирусӣ мегиранд.
9. Шумораи занони гирифтори ВНМО, ки дар соли муайян зиндатаваллуд ё мурдатаваллуд доштаанд.
10. Шумораи таваллудҳои занони гирифтори ВНМО (аз ҷумла ҳомиладории серҷанина).
11. Шумораи ҳолатҳои нави сироятёбии ВНМО дар кӯдакон (бо санаи таваллуд ва санаи ташхис).
12. Шумораи ҳолатҳои нави сироятёбии ВНМО аз роҳи интиқоли амудӣ.
12. Шумораи ҳолатҳои оташаки модарзодӣ.
14. Шумораи зиндатаваллуд ё мурдатаваллудон дар давраи ҳомиладорӣ (>20 ҳафта ё вазн >500 г), ки аз заноне ба дунё омадаанд, ки натиҷаи серологии оташакашон мусбат буда, табобати мувофиқ барои оташак нагирифтаанд. Инчунин шумораи зиндатаваллудҳо, мурдатаваллудҳо ё кӯдакони то 2-сола, ки аз заноне ба дунё омадаанд, ки натиҷаи серологии онҳо мусбат ё номаълум буда, бо далелҳои лабораторӣ, радиографӣ ва/ё клиникӣ, новобаста аз давомнокӣ ва мувофиқати табобат, сироятёбии оташак доштанд.
15. Шумораи занони ҳомила, ки дар давраи ҳомиладорӣ барои оташак санҷида шудаанд.
16. Шумораи занони ҳомила, ки ҳадди аққал 30 рӯз пеш аз таваллуд ҳадди аққал як вояи пенитсиллини бензатин 2,4 млн гирифтанд.
17. Паҳншавии антигени сатҳии гепатити В (HBsAg) байни кӯдакони то 5-сола ва кӯдакони калонсол.
18. Маълумот доир ба фарогирӣ бо ваксинаи гепатити В дар кӯдакон дар Тоҷикистон:
    а) Фарогирӣ бо вояи саривақтии ваксина ҳангоми таваллуд (HepB-BD);
    б) Фарогирӣ бо се вояи ваксинаи гепатити В (HepB3) дар кӯдакон.

ЗАМИМАИ 4. Нақшаи кории бо шарикони миллӣ мувофиқакардашуда

Вақт	Чорабиниҳо	Макон	Ному насаб	Эзоҳ
14-уми сентябр, якшанбе				
1:20	Вуруди мушовир ба Душанбе	Меҳмонхонаи Румӣ	Ҷустина Ковалска	
15-уми сентябр, душанбе				
10:30 - 12:00	Вохӯрӣ бо роҳбарияти дафтари ЮНИСЕФ ва хадамоти амнияти СММ	Дафтари ЮНИСЕФ	Антони Асиҷе Азизуллоева Мавҷигул	БМЛ
12:00 - 12:30	**Хӯроки нисфирӯзӣ**			
13:00 - 14:00	Вохӯрии муштарак бо роҳбарияти ВТҲИА ва котиби масъули Кумитаи миллии ҳамоҳангсозии мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва варача	ВТҲИА, Кӯч. Шевченко 69	Амирзода Абдухолик Амир Абдусаматзода Зулфия Авгонов Зиёвуддин Тулфорович Сатторов Сафархон Саидамирович Солиев Алиҷон Азимҷонович Энтони Асиҷе Азизуллоева Мавҷигул	МЛ
14:30 - 18:00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО”	Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО”	Сатторов Сафархон Саидамирович Солиев Алиҷон Азимҷонович Холназаров Рамшед Давлаталиевич Ёқубов Иззатулло Рахматуллоевич Сидиқшоев Аҳмадчон Мирзоҷумаевич Каримова Фарзона Махмадлатифовна Ватанова Саодат Додовна Маҷитова Татяна Петровна	ЗМЛ
16-уми сентябр, сешанбе				
08:00 - 12:00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Маркази миллии солимии репродуктивӣ"	Муассисаи давлатии "Маркази миллии солимии репродуктивӣ"	Саидова Ҳафиза Озодовна Набиева Мунира	ЗМЛ

Вақт	Чорабиниҳо	Макон	Ному насаб	Эзоҳ
12:00 - 13:00	**Хӯроки нисфирӯзӣ**			
13:30 - 17:00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул"	Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул"	Аҳмадзода Маъруф Аҳмад Бобиев Армия Зикриёевич Гулов Хуршед Ортиқович Мунисаи Холмурод Қосимов Азизулло Мирзоевич	ЗМЛ
17-уми сентябр, чоршанбе				
8:30 - 12:00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон"	Муассисаи давлатии "Пажӯҳишгоҳи акушерӣ, гинекологӣ ва перинатологии Тоҷикистон"		ЗМЛ
13:30 - 14:30	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ", шӯъбаи табобати ВНМО	Муассисаи давлатии "Беморхонаи клиникии шаҳрии бемориҳои сироятӣ", кӯч. Зарафшон 2М11		СХР
12:00 - 13:00	**Хӯроки нисфирӯзӣ**			
15:30 - 17:00	Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО, пойгоҳи додаҳои амалӣ			
18-уми сентябр, панҷшанбе				
8:30 - 09:30	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика"	Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии иммунопрофилактика"	Саидзода Файзалӣ Барот Саймутдинов Турашоҳ	ЗМЛ
10:00 - 11:30	Марказҳои омори тиббӣ (э-тандурустӣ)			
12:00 - 13:00	**Хӯроки нисфирӯзӣ**			
13:30 - 15:00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи Гастроэнтерология”	Муассисаи давлатии “Пажӯҳишгоҳи Гастроэнтерология”	Роҳбар Ғаниев Беҳрӯз	ЗМЛ
15:30 -17:00	Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза			

Вақт	Чорабиниҳо	Макон	Ному насаб	Эзоҳ
	бо ВНМО, пойгоҳи додаҳои амалӣ			
19-уми сентябр, ҷумъа				
08:00 - 18:00	Сафари муштарак ба ш. Турсунзода, НТҶ. Боздид аз фаъолияти маркази пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО, маркази солимии репродуктивӣ, маркази тибби оилавӣ, маркази бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, шӯъбаи таваллуд, маркази иммунологӣ, поликлиникаи марказӣ	Ш. Турсунзода, Беморхонаи марказии ноҳиявӣ, 60 км	Каримов Фозил дигарон	СХР
20-уми сентябр, шанбе				
08:00-14:00	Вохӯрӣ бо намояндагони созмонҳои ҷамъиятӣ	Муассисаи давлатии "Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО", кӯч Деҳотӣ 48	Хайдарова Таҳмина Комилова Амина Гулова Фариштамоҳ Ҷамолов Пӯлод	СХР
22-уми сентябр, душанбе				
07:00-18:00	Боздид аз фаъолияти маркази минтақавии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО, маркази саломатии репродуктивӣ, маркази тибби оилавӣ, маркази бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул, шӯъбаи таваллуд, маркази иммунологӣ, поликлиникаи марказӣ	Ш. Бохтар, 90 км		ЗМЛ
23-уми сентябр, сешанбе				
08:00 - 7:00	Боздид аз маркази пешгирӣ ва мубориза бо СПИД, маркази саломатии репродуктивӣ, маркази тибби оилавӣ, маркази бемориҳои пӯст ва венерологӣ, шӯъбаи таваллудхона, маркази иммуномедиологӣ	Ш. Ваҳдат, 25 км		СХР

Вақт	Чорабиниҳо	Макон	Ному насаб	Эзоҳ
24-уми сентябр, чоршанбе				
09:00 -10:30	Вохӯрӣ бо роҳбарияти ТУТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ш. Душанбе, Маркази ВЕФА		БМЛ
11:00 -12:30	Вохӯрӣ бо роҳбарияти ЮНЭЙДС дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	Ш. Душанбе, Маркази тиҷоратии "Созидание"		БМЛ
12:30 -13:30	**Хӯроки нисфирӯзӣ**			
14.00 -18.00	Вохӯрӣ бо роҳбарият ва кормандони муассисаи давлатии “Маркази ҷумҳуриявии клиникии наркологӣ”	ш. Душанбе		СХР
25-уми сентябр, панҷшанбе				
08:00 - 17:00	Идомаи кор дар Муассисаи давлатии "Маркази минтақавии ВНМО", дар Маркази миллии солимии репродуктивӣ	МҶ ВНМО ММСР		МЛ
26-уми сентябр, ҷумъа				
09:00 - 11:00	Мусоҳиба бо роҳбарияти ЮНИСЕФ	Дафтари ЮНИСЕФ		БМЛ
15.00 - 17.00	Мусоҳиба дар ВТҲИА бо иштироки намояндагони мақомоти давлатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ҷамъиятӣ	ВТҲИА, кӯч. Шевченко 69	Амирзода Абдухолик Амир Абдусаматзода Зулфия Давлатзода Саид Ҳайдар Набизода Зоир Нарзулло Шарифзода Зайнулло Ҳамаи аъзоёни гурӯҳи корӣ	МЛ
26-уми сентябр, шанбе				
1:20	Парвоз ба Варшава			
БМЛ – байналмилалӣ, МЛ – сатҳи миллӣ, ЗМЛ – сатҳи зермиллӣ, СХР – сатҳи хизматрасонӣ				

ЗАМИМАИ 5. Нақшаи машварат ва муҳлатҳо

Нақша ва вақти машварати навбатӣ ҳамчун як қисми кумаки техникии ЮНИСЕФ ба шарикони давлатӣ аз ҷониби Бахши тандурустӣ ва ғизои ЮНИСЕФ, ки ӯҳдадор шудааст, ки Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бартараф кардани интиқоли ВИЧ, гепатит ва сифилис аз модар ба кӯдак дастгирӣ кунад, ба нақша гирифта шудааст.

Вазифа ва марҳилаҳо	**Маводҳои пешниҳодшуда ва натиҷаҳо**	**Муҳлатҳои пешбинишуда**
1. Пешниҳоди нақшаи амал (гузориши ибтидоӣ).	**Натиҷаи 1.** Омода намудани нақшаи амал (гузориши ибтидоӣ) дар асоси баррасии ҳуҷҷатҳои мавҷуда ва баргузории вохӯриҳои машваратӣ бо коршиносон ва ҷонибҳои манфиатдор. Нақшаи амал методологияи ноил шудан ба ҳадафҳоро муайян намуда, аз ҷумла маълумот дар бораи боздидҳои саҳроӣ, машваратҳои коршиносӣ, равандҳои гузоришдиҳӣ ва шарҳи тарзи ноил гардидан ба натиҷаҳои шартномавӣ ва мӯҳлатҳои муқарраршударо дар бар мегирад. Ҳуҷҷат ҳамчунин мундариҷаи лоиҳаи гузориш, инчунин чорчӯбаи нақшаи пешакии миллии мутобиқатро шарҳ медиҳад.	15 рӯзи корӣ. Июн – Август, с. 2025
2. Арзёбии пешакӣ: a) Анҷом додани арзёбии пешакӣ дар ҳамкорӣ бо дастаи миллӣ (дар дохили кишвар), аз ҷумла анҷом додани боздидҳо ба муассисаҳои тиббӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати мушоҳидаи раванди расонидани хизматрасонӣ ва ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ. b) Ташкили ҷаласаи машваратӣ бо ҷонибҳои манфиатдор барои баррасии натиҷаҳои арзёбӣ (онлайн). c) Омода ва пешниҳоди лоиҳаи гузориши арзёбии пешакии мутобиқат ва лоиҳаи нақшаи амал.	**Натиҷаи 2.** Пешниҳод ва муҳокимаи гузориши пешакии мутобиқат ва нақшаи амал бо ҷонибҳои манфиатдори миллӣ.	30 рӯзи корӣ, дар сурате ки ВНМО, гепатит ва оташак фаро гирифта шаванд. Як боздиди саҳроии 15-рӯза дар дохили кишвар (аз 15 то 26 сентябри с. 2025) барои баррасӣ ва тасдиқи низоми амалкунандаи сабткунӣ ва гузоришдиҳии фаъолиятҳои ПИСМК.

3. Омода намудани ҳисоботи ниҳоӣ ва нақшаи амал бо дарназардошти фикру мулоҳизаҳо ва шарҳҳои коршиносони миллӣ, ҷонибҳои манфиатдор ва ЮНИСЕФ.	**Натиҷаи 3.** Пешниҳоди гузориши ниҳоӣ ба ЮНИСЕФ ва ВТҲИА, ки маълумот дар бораи монеаҳо, омилҳои мусоидаткунанда, тавсияҳо ва нақшаи амали воқеӣ бо мӯҳлатҳои РИСМК барои ВНМО, ВГВ ва оташакро дар бар мегирад. Паёмадҳо ва тавсияҳо бояд ба ҷонибҳои манфиатдори дахлдор, аз ҷумла ВТҲИА, шарикони байналмилалӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ интишор карда шаванд.	15 рӯзи корӣ. октябри с. 2025
Шумораи умумии рӯзҳо		**60 рӯз**



барои ҳар як кӯдак